**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД**
**БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ**
**КАФЕДРАИ АДАБИЁТИ МУОСИРИ ТОҶИК**

---

**Ба ҳукми дастнавис**

**ҚАЮМОВА ДИЛБАР ҒАФУРОВНА**

# ХУСУСИЯТҲОИ ЖАНРИЮ УСЛУБИИ ҲИКОЯ ВА ПОВЕСТҲОИ СОРБОН

**Ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик**

**Рисола**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ**

**Роҳбари илмӣ:**
**доктори илмҳои филологӣ, профессор Мирзоюнус Матлуба**

**Душанбе – 2018**

## МУНДАРИЧА


| | | |
|---|---|---|
| **Муқаддима** | | **3-9** |
| **Боби I** | **Ташаккули шахсияти эҷодии Сорбон ва осори ӯ аз назари анвои адабӣ** | **10-57** |
| **Фасли аввал** | Нақши мактаби адабии замон дар рушди шахсияти эҷодии адиб | 10-31 |
| **Фасли дуюм** | Эҷодиёти Сорбон аз нигоҳи мунаққидон | 31-46 |
| **Фасли сеюм** | Таснифи анвои адабии осори Сорбон | 46-57 |
| **Боби II** | **Вежагиҳои мавзӯиву ғоявӣ ва жанрию сохтории осори Сорбон** | **58-128** |
| **Фасли аввал** | Вижагиҳои жанрию сохтории ҳикоя ва повестҳои Сорбон | 59-111 |
| **Фасли дуюм** | Тасвири характер ва олами ботинии қаҳрамон | 112-118 |
| **Фасли сеюм** | Инъикоси рӯҳи замон ва ҳофизаи таърихӣ | 118-128 |
| **Боби III** | **Ҷанбаҳои сабкӣ ва ҳунарии осори Сорбон** | **129-153** |
| **Фасли аввал** | Забон ва сабки баёни ҳикояву повестҳои Сорбон | 129-143 |
| **Фасли дуюм** | Ҳунари нависандагии Сорбон дар рамзгароиву афсонапардозӣ, қиёфасозӣ, манзаранигорӣ, монологу диалог | 144-153 |
| | Хулоса | 154-157 |
| | Китобнома | 158-170 |

# Муқаддима

**Аҳамияти омӯзиши мавзӯъ**. Охири солҳои 50-ум ва ибтидои солҳои 60-уми асри ХХ дар қонунмандиҳои сохтору мундариҷа ва мазмуну муҳтавои насри муосири тоҷикӣ таҳаввулоти муҳим ба вуқӯъ пайваст. Анҷуманҳои ҳизбӣ, ҳамоишҳои адибон, суханрониҳои раиси иттиҳодияи нависандагони Тоҷикистон Мирзо Турсунзода, таҳлилҳои нишонраси ӯ, нишон додани камбудиҳои нависандагон ва нақди адабӣ, ба мубоҳиса кашидани осори бадеию публисистии адибон Ҷалол Икромӣ, Раҳим Ҷалил, Абдусалом Деҳотӣ, Фотеҳ Ниёзӣ ва қаламкашони ҷавон, монанди Ғаффор Мирзо, Фазлиддин Муҳаммадиев, Абдумалик Баҳорӣ, Аъзам Сидқӣ, Мустафо Шарқӣ,  Мутеулло Наҷмиддинов, Болта Ортиқов, Ҳабибулло Назаров ва дигарон боиси зуҳури дигаргунии чашмрас гардид.

Сорбон пури Ҳамроҳ (Облоқул Ҳамроев) аз шумори адибонест, ки маҳз бо эҳсоси тағйирпазирии муҳити сиёсию  иҷтимоӣ ва фарҳангию маънавии замони шӯравӣ ба майдони адабиёт ворид шуд. Ӯ бо таълифи ҳикояву повест ва романҳои ҷолибу пурарзиши худ дар доираҳои адабии замон маъруфият пайдо кард. Аз маълумоти адабиётшиносон  бармеояд, ки ӯ то соли 2009 зиёда аз 140 ҳикоя, 15 қиссаи хурд, 11 повест, 5 роман, ёдномаву сафарномаҳо  (10, 4) ва то соли  2016 ӯ 17 қиссаи хурд ва  11 роман таълиф намудааст (15, 14). Ин рақамҳо ба пуркории як нафар суханвари замони мо далолат мекунанд.

Дар замони шӯравӣ тарҷума шудани намунаи осори ӯ бо забонҳои гуногун дар ҷумҳуриҳои Федератсияи Россия, Эстония, Литва, Қирғизистон, Ӯзбекистон гувоҳи он буд, ки ҳосили эҷодиёти ӯ на танҳо дар Тоҷикистон, балки берун аз он низ хонандаю мухлиси худро дорад. Ҳунари нигорандагии  Сорбонро нашри пайвастаи ҳикояву қиссаҳо ва романҳояш дар нашриёти бонуфузи давр «Советский писатель» («Нависандаи шӯравӣ»)-и шаҳри Маскав собит менамояд.

Сорбон тасвиргари нотакрори олами андешаҳои инсон буда, дар офаридани симоюю характери қаҳрамонҳо, тадқиқи адабии таърихи халқ,

мазмуну мавзӯоти гуногуни ҳаёт, тазоду бархурди наслҳо, ихтилофи ақидаҳо, ба зевари бадеият кашидани муҳити зиндагӣ, манзараҳои ҳастӣ, пайванди инсону табиат аз сабку услуб ва забони баёни хос истифода менамояд. Дар гуфтори ӯ садҳо калимаҳои нодир, таъбирҳои гӯшнавозу пурҳикмат, ибораҳои суфтаву рехта, зарбулмасалу мақол ва хушгӯию муомилоти зиёди мардуми тоҷик ба мушоҳида мерасанд. Мавзуъҳо ва сужетҳои воқеан ҳаётии Сорбон таърихи наздик садсолаи мардуми моро таҷассум намуда, арзиши осори ин нависандаро собит менамояд ва тамоми масоили зикршуда зарурати пажӯҳиши ҳамаҷонибаи таълифоти ин нависандаро ба миён мегузорад.

**Дараҷаи омӯзиши мавзӯъ.** Аз солҳои 60-ум то имрӯз перомуни осори Сорбон мақолаҳою тақризҳои адабиётшиносони тоҷик М.Шукуров, А.Сайфуллоев, Х.Шарифов, Ҷ.Бақозода, М. Раҷабов ва дигарон ба табъ расидаанд. Осори ӯ дар суҳбати мизи мудавваре, ки моҳи апрели соли 1973 дар маҷаллаи «Дружба народов» («Дӯстии халқҳо») таҳти унвони «Масъалаҳои насри муосири тоҷик» доир гардида буд, дар радифи эҷодиёти нависандагони замон таҳлилу баррасӣ шуд, ки дар он Мирзо Турсунзода, Валентин Оскотский ва Муҳаммадҷон Шукуров андешаронӣ кардаанд (5).

Соли 1979 дар маҷлиси Шӯрои адабиёти тоҷик дар шаҳри Маскав маҷмӯаҳои повесту ҳикояҳои Сорбон «Занги аввал», Саттор Турсун «Камони Рустам», ки дар нашрияҳои марказии «Советский писатель» («Нависандаи шӯравӣ») , «Молодая гвардия» («Гвардияи ҷавон») ба забони русӣ ба табъ расиданд, аз ҷониби А.М.Борщаговский, Д.М.Молдавский, Н.Н.Кладо, И.В.Денисова, Д.С.Комиссаров, Н.С.Евдокимов, И.С.Брагинс кий, Ш.Ниёзӣ, адибони тоҷик М.Қаноат, Ф.Муҳаммадиев, М.Шукуров, Р.Ҳодизода, Ю.Акобиров, Сорбон, Саттор Турсун ва дигарон мавриди муҳокима қарор гирифтанд. Мухтасари ин суҳбат дар маҷаллаи «Садои Шарқ» (№6, 1980) интишор шуд.

Нимаи дуюми солҳои 80-уми асри гузашта дар заминаи имконоти маънавии фароҳамовардаи низоми бозсозӣ ва ошкорбаёнӣ раванди

озодандешии адибони тоҷик қувват гирифт. Нависандагону мунаққидон дар саҳифаҳои матбуоти замон перомуни фаъолиятҳои хеш бемамоният, дар баробари зикри муваффақиятҳо, изҳори назар менамуданд, нисбати ҳамдигар эрод мегирифтанд ва нуқсу заъфи андешаву гуфтор, забони баёну сабки навиштори ҳамдигарро танқид мекарданд. Ин навъи нақду таҳлилҳо бештар дар минбари баҳси маҷаллаи «Садои Шарқ», ки «Масъалаҳои насри муосир» ном дошт (солҳои 1987-1988) шадидтару ошкоротар гуфта мешуд. Мунаққидону нависандагон дар зимни таҳлилу баррасиҳои хеш борҳо ба шахсият ва эҷодиёти Сорбон ишораҳо намудаанд, ки, албатта, бархе аз онон ифодагари воқеии мақоми ҳунарии адиб ба шумор меомаданд.

Дар даврони истиқлолият низ дар тадқиқоти олимон, бахусус дар рисолаҳои илмии Н.Салимов, М.Хоҷаева, Ш.Солеҳов, З.Ӯлмасова ҷанбаҳои гуногуни осори Сорбон мавриди омӯзиш қарор гирифтанд.

Профессор А.Сайфуллоев дар китоби «Уфуқҳои тозаи наср» дар бобҳои «Қиссаҳои хурд ва масъалаҳои бузург» ва «Дарки нави таърихи куҳан» ба таҳлили мазмуну мундариҷаи осори дар замони истиқлолият эҷодкардаи Сорбон пардохтааст. Дар ин бахшҳо қиссаҳои хурди мунташир дар маҷмӯаи «Марди танҳо» (2003), ки шомили ёздаҳ қиссаи кӯтоҳ аст, инчунин роман-эпопеяи «Достони писари Худо» мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд (16).

Китоби мунаққид Кароматуллоҳи Шукруллоҳӣ «Нависандае, ки ба касе монанд нест» (2016) пажӯҳиши тозае перомуни рӯзгору осори Сорбон буда, давраҳои камолоти фардию эҷодии адибро фаро мегирад (15).

Тақризи профессор Худоӣ Шарифзода «Баррасии як романи Сорбон» (2016), ки бар шарҳи романи «Барзгар»-и Сорбон бахшида шудааст, аз он гувоҳӣ медиҳад, ки нақди адабӣ ҳамқадами эҷодиёти ин нависандаи пурмаҳсул будааст (14, 125-139).

Як бахши андешаҳои интиқодии адибону рӯзноманигорон дар мусоҳибаҳо бо Сорбон ғунҷоиш ёфтаанд. Табиист, ки бештари баҳсҳо дар гуфтугӯи суханварон ба ҳунару эҷод иртибот пайдо менамояд.

Омӯзиш ва таҳлили тадқиқоти ёдшуда  ба натиҷае мерасонад, ки оид ба масъалаҳои гуногуни эҷодиёти Сорбон, махсусан перомуни вижагиҳои жанрию услубии ҳикояву повестҳои ӯ дар адабиётшиносии тоҷик тадқиқоти алоҳида сурат нагирифтааст. Аз ин хотир, ҷанбаҳои ҳунарию поэтикии ду жанри меҳварии эҷодиёти Сорбон - ҳикояву повест омӯзиши фарогиру ҳаматарафаро талаб менамояд, ки мавзӯи асосии тадқиқоти мо интихоб гардидааст, зеро чунин тадқиқот барои шинохти поэтикаи насри муосир мусоидат хоҳад кард.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ**. Ҳадафи аслии тадқиқот омӯзиши хусусиятҳои жанрию услубии ҳикоя ва повестҳои Сорбон буда,  ҳамзамон масоили ташаккули шахсияти эҷодии адиб ва назари муҳаққиқон ба осори ӯ, мавқеи мактаби адабии замон дар рушди шахсияти эҷодии вай, таснифоти жанрии осори суханвар, муаммои характер ва тасвири олами ботинии қаҳрамон, рӯҳи замон ва ҳофизаи таърихӣ, нақши ровӣ ва афсонапардозӣ, мавқеи руҷӯъҳои лирикию унсурҳои композитсия ва чанд ҷанбаи ҳунарии таълифоти бадеии Сорбон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд.

Барои расидан ба ин ҳадаф иҷрои вазифаҳои зерин мусоидат менамояд:

– сайри мухтасар дар насри муосири тоҷик ва шарҳи масъалаҳои меҳварии он;

– тавзеҳи мавқеи муҳити адабии давр дар ташаккули ҳунару истеъдоди нигорандагии Сорбон;

– таснифоти анвои роиҷи адабии эҷодиёти нависанда ва таҳлили ҷанбаҳои сохторию мундариҷавии онҳо;

– муқаррар намудани умумият ва нишонаҳои фарқкунандаи ҳикояҳои Сорбон аз адибони дигар;

-  баррасии ҳикояҳо аз назари мавзӯъ, моҳият, ғоя ва шаклҳои он;

- пажӯҳиши характер ҳамчун унсури барҷастаи насри бадеӣ;

– омӯзиши забони нависанда, баррасии нуктаҳои асосии сабки нигориш, зарбулмасалу мақол, ибораҳои рехта, таъбирҳои шевою равон;

– тадқиқи  ҳунари нигорандагии Сорбон;

– тадқиқи вижагиҳои сохторӣ, мавзӯӣ ва поэтикии ҳикоя ва повестҳои Сорбон дар муқоиса бо адибони дигари муосир.

**Сарчашмаҳои таҳқиқ.** Ҳангоми омӯзиши ҳамаҷонибаи мавзӯъ аз нашрҳои осори Сорбон ва куллиёти ӯ истифода намудем. Барои муайян кардани шахсияти адабию ҳунарӣ ва ҷойгоҳи адиб дар муҳити адабии давр қариб тамоми китобу мақолаҳо ва тақризҳое, ки ҳам дар замони шӯравӣ ва ҳам даврони истиқлолият марбут ба эҷодиёти ӯ интишор гардидаанд, мавриди омӯзишу истифода қарор ёфтанд.Дар  рисола ҳамчунин асарҳои баъзе аз нависандагони муосири тоҷик низ барои таҳлилу муқоиса ва шарҳу бозгӯии паҳлӯҳои гуногуни насри замони мо истифода шудаанд.

**Усулҳои  таҳқиқ.** Рисола дар заминаи усулҳои муқоисавӣ, муқоисавӣ-таърихӣ  ва оморӣ навишта шудааст. Ҳамзамон дар рафти таълифи тадқиқот аз усули илмии олимони русу эронӣ ва ватанӣ, чун Л.Гинзбург, Л.В.Шепилова, Г.Н.Поспелов, Л.И.Тимофеев, Шафеъии Кадканӣ, Сируси Шамисо, М.Шукуров, А.Сайфуллоев, Х.Шарифов, А.Раҳмонов, А.Набиев, Х.Асозода, А.Кӯчаров, М.Имомов, Н.Салимов, М.Хоҷаева, Ш.Солеҳов  ва дигарон ба кор гирифта шудааст.

**Навгониҳои рисола.** Дар рисола бори нахуст ташаккули шахсияти эҷодии Сорбон, мавқеи мактаби адабии замон дар рушди шахсияти эҷодии адиб ва назари муҳаққиқон ба осори ӯ мавриди тадқиқ қарор гирифт. Дар баробари ин, масъалаҳое, чун осори нависанда аз назари анвои адабӣ тасниф гардида, вижагиҳои жанрию сохтории ҳикояю повестҳои Сорбон баррасӣ шуданд. Дар адабиётшиносии тоҷик маротибаи аввал хусусиятҳои бадеию услубӣ, масъалаи характер, тасвири олами ботинии қаҳрамон, рӯҳи замон ва ҳофизаи таърихӣ, инчунин забону сабки баёни жанрҳои мазкур, нақши ровӣ дар зикри воқеа ва тасвирҳои психологӣ, афсонапардозӣ, мавқеи руҷӯъҳои лирикӣ ва унсурҳои композитсияи асари бадеӣ дар осори Сорбон омӯхта шуд. Кӯшиш шудааст, ки моҳияти аслии ҳикояву повестҳои Сорбон, тарзи баён, нодиракориҳою тасвирпардозиҳои ӯ дар хусуси офаридани манзара, муҳити зист, қиёфа, андешамандии қаҳрамонон,

муколамаю гуфтори онҳо, таркиби лексикии хос дар забони асарҳои бадеӣ ва дигар паҳлӯҳои поэтикии насри нависанда таҳқиқ гардад.

**Арзиши назарӣ ва амалии рисоларо** нуктаҳои зерин собит месозад: Рисола барои таҳқиқи масоили адабиёти муосир, хоса насри имрӯзи тоҷик аз чанд ҷиҳат судманд буда, арзиши назариявии онро таҳқиқи поэтикаи ҳикоя ва повести муосир, инчунин масоили марбут ба вижагиҳои жанрии ин анвои адабӣ собит месозанд.Тадқиқоти мазкур ҳангоми навиштани китобҳои дарсии таърихи адабиёти тоҷик, бахши адабиёти муосир, таълифи корҳои курсӣ ва корҳои дипломию хатм, таълими дарсҳои адабиёти муосири тоҷик, курсҳои махсус оид ба масъалаҳои умдаи насри муосир барои донишҷӯён метавонад хидмат намояд.

**Нуктаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд:**

1. Тадқиқи падидаҳои аслии насри ибтидои солҳои 60-уми асри XX, мавқеи мактаби адабии замон дар рушди шахсияти эҷодии Сорбон, омӯзиши равиши истиқболи адиб аз навҷӯиву навгӯиҳои суханварони давр.

2. Омӯзиши ҷойгоҳи Сорбон дар насри муосири тоҷик ва баҳои мунаққидону адабиётшиносон ба мазмуну мундариҷа, мавзӯъ, забону тарзи баён, сабку услуб, сужету композитсия, характеру симои образҳои ҳикояву повестҳои нависанда.

3. Аввалин маротиба ба таври мукаммал анҷом додани таснифоти жанрии осори Сорбон, аз назари мавзӯъ, мундариҷа ва ҷанбаҳои ҳунарӣ дастабандӣ кардани мероси адабии ин суханвар.

4. Пажӯҳиши вижагиҳои ҳикояву повестҳои адиб, тозакориҳои ӯ дар офаридани образҳои барҷаста, тасвири зиндагонии мардуми кӯҳистон дар даврони гуногуни таърих.

5. Омӯзиши сабку нигориши Сорбон, чун ботиннигарӣ, тасвири олами ботинии қаҳрамонон, тафсири бадеии амиқи характери персонажҳо, психологизми мукаммали ҷаҳоншиносии одамон.

6. Таҳқиқи рӯҳи замон, ҳофизаи таърихӣ, забон ва сабки баёни ҳикояву повестҳо, баррасии усули корбурди калимаҳои нобу нодир, истифодаи санъатҳои бадеӣ, таъбироти мардумӣ, нишон додани нақши ровӣ ва

равиши афсонапардозӣ, таҳлили мавқеи унсурҳои композитсияи асари бадеӣ ва дигар паҳлӯҳои поэтикии осори Сорбон.

**Баррасии натиҷаи таҳқиқот**. Рисола дар маҷлиси кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ санаи 30-юми марти соли 2018, тибқи суратҷаласаи _________ ва ҷаласаи сексияи адабиётшиносии назди Шӯрои дифои рисолаҳои Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар санаи _________, суратҷаласаи ________баррасӣ гардида, ба ҳимоя рухсат дода шуд.

Ҷанбаҳои муҳими тадқиқот ва моҳияту мундариҷаи он дар се мақолаи илмие, ки муаллиф дар маҷаллаҳои дар рӯйхати Комиссияи Олии Аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия буда ва 5 мақолаи дар маҷмӯаҳои илмӣ ва маҷаллаҳои дигар ба табъ расонидааш, дарҷ гардидаанд.

Мувофиқи маводи рисола унвонҷӯ дар семинарҳои илмӣ – назариявии кафедраи адабиёти муосири тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғ.Ғафуров, конференсияҳои донишгоҳӣ, шаҳрӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ, конференсияи муҳаққиқони ҷавон (Хуҷанд, 2014 - 2017) ширкат ва суханронӣ намудааст.

**Сохтор ва таркиби рисола:** Рисола аз муқаддима, се боб, ҳашт фасл, хулоса ва китобнома иборат аст.

# Боби I. Ташаккули шахсияти эҷодии Сорбон ва осори ӯ аз назари анвои адабӣ

## Фасли аввал. Нақши мактаби адабии замон дар рушди шахсияти эҷодии адиб

Нависандаи халқии Тоҷикистон Сорбон пури Ҳамроҳ худро ба унвони нависандаю адиби соҳибқалам дар солҳои 60-уми асри XX муаррифӣ намуд. Вай рӯҳияи таҷаддудталабии насли адабии замони худро эҳсос намуда, дарёфт, ки бо таълифи асарҳои ҷолибу хонданӣ, корбасти саҳеҳи масоили иҷтимоиву сиёсии дирӯзу имрӯзи ҳаёти ҷомеа нависандаю суханвари асил дар муҳити адабии замон тавфиқ ёфта метавонад.

Сорбон эҳсос намуд, ки навгароии насри солҳои 60-уми асри гузашта бештар ба батни калом, устуворию матонати баёни он, барангехтани таъсири қалбии сухан, интихоби мавзӯву сужетҳои ҷолибу ғайримуқаррарӣ пайванд мегирад. Дар ҳақиқат, омилҳои ёдшуда сабаби имтиёзи адабиёти ин даврон аз тамоюлҳои суханварии марҳалаҳои пешинаи таърихии адабиёти муосири тоҷик маҳсуб мегардиданд. Шурӯъ карда аз барҳам хӯрдани режими сталинӣ адабиёти бадеӣ оҳиста-оҳиста аз тобеияти куллии сиёсати замон дур шуда, ҷилваҳои тозаи арзишҳои ҳунарӣ рӯи кор омаданд. Ҷойи тавсифҳои мавзӯиву мавзӯъгароӣ, баёни одию нақлиро падидаҳои ҳунарӣ ва насри пуртасвиру шоирона гирифтанд. Пӯшидабаёнӣ, рамзгароӣ, тасвирпардозӣ, манзараоройӣ, ботиннигарӣ ва дар маркази офариниши бадеӣ қарор гирифтани ҷаҳони ботинии инсон маҳаку мабдаи ҳунари нависандагӣ дониста шуд.

Аз ин рӯ, Сорбон кӯшиш кард, ки муҳимтарин нишонаҳои созгори ин падидаҳои замонии адабиётро дар асарҳои худ мавриди истифода қарор диҳад.

Ба назари мо, ба таври консептуалӣ омилҳои асосии мактаби адабии давр, бахусус он вижагиҳоеро, ки ба дарунмояву сохтори насри солҳои 60-80-ум, аз ҷумла мероси маънавии Сорбон таъсири бештар доштанд, чунин дастабандӣ намудан мумкин аст:

1. Зуҳури истилоҳоти «насри андеша» ва «насри психологӣ».
2. Нерӯмандии ҷанбаи ғиноӣ дар осори мансури давр ва пайдоиши асарҳои лирикӣ.
3. Ба масъалаи асосии тасвири бадеӣ табдил ёфтани тадқиқи бадеии характери қаҳрамон.
4. Бозтоби бадеии таърихи халқи тоҷик дар насри муосир.
5. Тадқиқи бадеии ахлоқи иҷтимоии ҳамзамонон.

6.Тасвири арзишҳои таърихӣ, иҷтимоӣ, ҷуғрофӣ ва маънавию фарҳангии воҳидҳои хурди маъмурии Тоҷикистон. Ба ибораи дигар, нишон додану тасвир кардани анъанаю маросим, ҳодисаю воқеот, ҷаҳонбинию тафаккур, василаҳои зиндагию рӯзгори мардуми деҳот ва дар зимни амалкарду сарнавишти қаҳрамонҳо – намояндагони халқи одӣ, ташреҳ додани нерӯю қудрати халқ.

Муҳимтарин падидаи адабии он солҳо бо истилоҳоти умумии **«насри андеша»** ва **«насри психологӣ»** ифода меёфт. Гӯё мафҳумҳои мазкур маънии тағайюроти ҳамаҷонибаи насри муосири тоҷикро дар худ таҷассум менамуданд.Муҳаммадҷони Шакурӣ зуҳури насри андешаро ба солҳои шастуму ҳафтодум нисбат дода, навиштааст, ки дар он даврон дар насри тоҷикӣ андешапарварӣ, силсилабандии фикр, силсилаафкори таърихӣ хеле ривоҷ ёфт. Роману повестҳое ба вуҷуд омаданд, ки танқиди адабӣ онҳоро «насри андеша» номид (44, 428).

Дар адабиётшиносии тоҷик ҳар як мунаққид перомуни нишонаҳо ва нуктаҳои меҳварии насри психологӣ мулоҳизаи фардии худро баён доштааст. Ин афкор ба таври умумӣ ин ё он сифати навъи мазкури насрро ифода менамоянд.

Масалан, дар гуфтори адабиётшиноси тоҷик Баҳром Мирсаидов масъалаи ёдшуда возеҳтару мушаххастар таҳлил шудааст: «Яке аз шохаҳои муҳими насри муосири тоҷик ба унвони насри эҳсосу андеша ё психологӣ шинохта шудааст. Ин навъи наср бозгӯи олами тафаккуру андеша, ҷаҳоншиносӣ, худнигариву худшиносии нависандаву қаҳрамонони осори ӯ маҳсуб меёбад. Тасвири олами ботинӣ, рӯҳияву ҳиссиёт, аз олами иҷтимоъ

канора гузоштани қаҳрамон, равшан сохтани ҳофизаи таърихии ӯ, ташреҳи авзои равониву ақидатии вай, дар симои персонажи марказӣ офаридани инсони пешрав аз шумори шартҳоест, ки нависанда бояд дар ҷараёни нигориши воқеот мавриди назар дошта бошад. Усули баёни психологӣ шомили имконотест, ки нависанда ба василаи сар фурӯ овардан ба умқи қалби инсон мураккабиҳои рӯҳияи ӯро ба зоҳир меорад» (131, 210).

Мавриди зикр аст, ки аксари суханшиносони тоҷик ташаккулу таҳаввули насри психологиро асосан ба романи Ҷалол Икромӣ «Ман гунаҳкорам» (1955-1957) ва повести Пӯлод Толис «Тобистон» (1958) алоқаманд медонанд. Ҳамчунин онҳо дар повести Сотим Улуғзода «Ёрони боҳиммат», ки ҳанӯз соли 1947 навишта шудааст, мавҷудияти унсурҳои асосии насри психологиро мушоҳида менамоянд.

М.Шукуров дар бораи фарқи вазъияти психологӣ дар «Тобистон»-и Толис ва повести Улуғзода «Ёрони боҳиммат»-у романи Икромӣ «Ман гунаҳкорам» изҳори назар кардааст(96, 142).

Х.Асозода бар ин назар аст, ки вазъияти психологӣ дар насри муосири мо бо «Ёрони боҳиммат» оғоз ёфт. Ин асар ба романи ёдшудаи Ҷалол Икромӣ таъсир гузошт ва баъдан қиссаи «Тобистон»-и Пӯлод Толисро фаро гирифт. Муҳаққиқи ёдшуда низ аз мавҷудияти се вазъи психологӣ дар ин се асар сухан мегӯяд, ки ҳар кадом ба вақту замони адабӣ пайванд мегиранд (37, 153).

Атахон Сайфуллоев бар ин назар аст, ки бунёдгузори психологизми иҷтимоӣ дар адабиёт Садриддин Айнӣ ба шумор меравад, зеро ӯ дар заминаи повести «Марги судхӯр» дар рушди ин ҷанбаи суханварӣ ва кайфияту рӯҳияи қаҳрамон муваффақ гардидааст (74, 105).

Ин муҳаққиқ дар китоби хеш «Ҳаким Карим» дар боби «Тадқиқи рӯҳи инсон» нависандаи ҳамноми китобро соҳиби равиши баёни психологӣ меҳисобад ва баррасиҳои илмии хешро бо овардани намунаҳо аз ҳикоёти адиб собит месозад (74, 105-114).

Аз мулоҳизаҳои А.Сайфуллоев ба ин натиҷа расидан мумкин аст, ки заминаҳои воқеии равиши баёни психологӣ ҳанӯз дар адабиёти солҳои 20-

30-юм асри гузашта пайрезӣ шуда буд. Дертар ин ҷараёни адабӣ дар насри охири солҳои 50-ум ва минбаъд рӯ ба тараққӣ овард.

Зимнан бо пайдоиши чунин ҷараён дарунмояи адабиёт тағйир пазируфт ва ғаноманд гардид. Адибон кӯшиш намуданд, ки ба тасвири ҷаҳони фикрии қаҳрамон, олами андеша, шуур, ҷаҳонбинӣ, орзую омол, хаёлот ва дигар садамаҳои рӯҳии ӯ майл намоянд.

Абдухолиқ Набиев, ки худ аз муҳаққиқони варзидаи ин соҳаи насри муосир мебошад, мегӯяд: «Дар эҷодиёти нависандагони ҷавони солҳои охир (манзур адибони солҳо 60-80-ум- Қ.Д.) ҳамон тамоюли инсоншиносие, ки бо эҷодиёти Ҳаким Карим оғоз шуда, Пӯлод Толис хеле такмил дод, инкишоф ёфт. Нависандагон бештар ба мавзӯи ахлоқӣ иҷтимоӣ, ба шахсияти инсон диққат дода, олами рӯҳии вайро бевосита нишон додан мехоҳанд» (57, 86).

Барои исботи андешаи хеш А.Набиев ба ному осори М. Хоҷаев, Сорбон ва нависандагони дар он солҳо нисбатан ҷавон А.Самадов ва А.Рабиев ишора менамояд, ки бештар ба тасвиркории рӯҳия эътибор медиҳанд ва ба воситаи амалиёту рафтор ҷунбишҳои ботиниро ифода мекунанд. А.Набиев дар он андеша аст, ки дар эҷодиёти Сорбон таҳлили рӯҳияи инсон хело тафсил ёфта, ҳатто чорчӯбаи асарҳои вайро муайян месозад ва дар айни замон, барои офаридани характерҳои қавирӯҳ имкон медихад. (57, 86).

Аз манзараи умумии насри бадеии давр ва нақди адабии замон равшан мешавад, ки аз ҳама бештар повести «Тобистон»-и Пӯлод Толис танҳо ба хотири нерӯмандии ҷанбаи психологӣ дар адабиёти шӯравӣ шуҳрат ёфта, чунин ангезаи тозагӯӣ ба эҷодиёти адибони ҷавон, аз ҷумла Сорбон таъсири амиқ гузошт.

М.Шукуров дар мақолаю асарҳои хеш ба масъалаи тасвири рӯҳия ва олами ботинии қаҳрамон ҳамчун як методи махсуси адабӣ таваҷҷуҳи хос дорад. Масалан, агар ӯ дар осори нахустини Пӯлод Толис «ҷузъиётбандии психологӣ»-ро ҳамчун воситаи канорагирию даст кашидан аз нақли маҳз

ҳисобад, ин вижагиро дар эҷодиёти Сорбон дар «ҷузъиёту тафсилоти психологӣ» дарёфтааст (97, 65; 78).

М.Хоҷаева, ки ҳини омӯзиши эҷодиёти нависандагони муосир ба тадқиқи густурдатари услуб, муҳтаво ва мундариҷаи осори Сорбон низ пардохтааст, доир ба ботиннигарии адиб чунин мулоҳиза меронад: «Барои Сорбон муҳим нест, ки қаҳрамонаш дар шароити рӯзмарраву муқаррарӣ амал мекунад ва ё дар вазъияти фавқулода. Муҳим он аст, ки олами андешаҳои ӯ чӣ ранг дорад, чӣ часпу талошҳо ва чӣ маншаву низоъҳо дар ботини ӯ сар мезананд ва кадом нерӯҳо ғолибият дорад» (88, 98). Ин таҳлилҳо бозгӯи онанд, ки Сорбон дар тасвиру баёни психологӣ сабки мустақил ё равиши хоси худро дорад.

Муҳаққиқ А.Набиев аввалин хусусияти насри тоҷикро дар тамоюли тадқиқи зиндагӣ ва таҳлили психологии шахс дарёфтааст, ки ин ҷараён солҳои 50-60 ибтидо гирифта буд. Баъдтар ин ҷанбаи наср боз ҳам рушд ёфта, ба бозёфтҳои муайян соҳиб гардид.

Аз баррасиҳои зикршуда маълум мегардад, ки Сорбон дар тасвирҳои психологӣ ва офаридани олами андешаҳои қаҳрамонони ҳикояю повест ва романҳои худ истеъдоди баланд дорад. Чунин тасвирпардозиҳои Сорбонро дар офаридани манзараҳои ҷолиб, баёни ҳолатҳои мухталифи равонии қаҳрамонон, қиёфа, хобу рӯъёҳо, андешамандии персонажҳо, монологҳои ботинӣ ва руҷӯъҳои лирикӣ зоҳир гардидааст.

Дар канори истилоҳи **«насри психологӣ»** ибораи **«насри лирикӣ»** низ ҳамчун мафҳуми тоза ба ҳайси тозапардозиҳои адабиёти давр пазируфта шуд. Атахон Сайфуллоев дар рисолаи «Ҳаким Карим» ба таври мухтасар ба сайри таърихии мафҳуми насри лирикӣ дар адабиётшиносии тоҷик назар афканда менависад: «Дар адабиёти муосир насри лирикӣ кай пайдо шудааст? Баъзеҳо ақида доранд, ки аз нимаи дуюми солҳои 50 – ум ба вуҷуд омадааст. А.Огнев фикри мазкурро ба зери танқид гирифта, иддаое пеш меронад, ки насри лирикӣ дар адабиёти давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва дар даҳсолаи баъди он ҳам вуҷуд дошт. Андешаи муҳаққиқ чандон саҳеҳ нест. Насри лирикӣ дар адабиёти муосир аз ҳикояҳои М. Горкий оғоз

ёфтаанд. Дар солҳои 20-ум ва 30-юм бошад, онро М.Зощенко ривоҷ дод» (74, 134).

Табиист, ки насри ғиноӣ ва мавҷудияти унсурҳои он дар насри тоҷикӣ бегона нест, зеро садҳо китобҳои мансури муаллифию ривоятии адабиёти классикии мо бо шеваи олии лирикӣ рӯи коғаз омадаанд. Гап дар сари он аст, ки ба истисноӣ чанде аз навиштаҳои адибон дар адабиёти тоҷики солҳои 20-30-юми қарни XX ин услуби нигориш аз равнақ боз монда буд. Ҳарчанд бархе аз ҳикояҳои Ҳаким Карим ва осори алоҳидаи адибони мо бо ин сабк таълиф шуда бошанд ҳам, услуби лирикӣ дар наср ба таври васеъ мавриди истифода қарор нагирифта буд. Сабаби инфисоли адибон аз шеваҳои роиҷи суханварии гузашта дар адабиётшиносии имрӯзи тоҷик ба чанд ваҷҳ шарҳу тавзеҳ ёфтааст, ки ҳоло ҳоҷат ба такрори он нест. Муҳим он аст, ки бо пайдоишу таҳаввули ҷанбаи ғиноӣ насри тоҷик пурмоятар гардид. Ин зуҳурот аз назари мунаққидон дур намондааст.

Муҳаққиқи барҷастаи тоҷик С.Табаров бар ин назар аст, ки лиризм ва психологизм дар асарҳои Ҷалол Икромӣ ва Раҳим Ҷалил тавассути лавҳаву ҳолатҳои лирикӣ ва психологӣ бештар ба мушоҳида мерасад. Адибони ёдшуда дар баёноту гуфтор ин усулро ба кор мегиранд, ки идомаи мактаби эҷодии устод Садриддин Айнӣ маҳсуб меёбад (145, 137).

Дар давоми баррасиҳои хеш ин адабиётшинос дар хусуси осори носирони солҳои 60-ум ва нимаи аввали солҳои 70-уми асри гузашта ва нуфузи ҷанбаҳои лиризму психологизм гуфта буд: «Дар солҳои охир як зумра носирони ҷавон – М.Хоҷаев, Сорбон, Саттор Турсун, Ҷумъа Одина, Кӯҳзод на танҳо услуб ва маҳорати бадеии Ҳаким Карим, Ҷалол Икромӣ, Раҳим Ҷалил, С.Улуғзода, П.Толис, Ф.Муҳаммадиев ва махсусан, устод Айниро дар офариниши образҳо, дар шакл, дар банду баст, дар тарзи сюжетсозӣ ва монанди инҳо моҳирона омӯхта истодаанд, балки дар ин соҳа ҷустуҷӯҳои судбахше ҳам доранд. Ин ҷустуҷӯҳо бештар дар хусусияти лирикӣ ва психологӣ пайдо кардани насри реалистии онҳо зоҳир мегарданд. Албатта, чунин тарзи тасвирро дар солҳои пеш ҳам мушоҳида кардан мумкин буд. Аммо аз як тараф, дар насри муосир лиризм ва

психологизм бештару васеътар ва мукаммалтару амиқтар ба назар расад, аз тарафи дигар, шакл ва услубу приёмҳои бадеии чунин тасвирот гуногунтар ва бойтар гардида истодаанд» (145, 137).

Чунин мулоҳизот дар таълифоти илмии аксари адабиётшиносони пешрави давр ба мушоҳида мерасад ва ҳар кадом бо зикри номи нависандаю унвони асари ӯ, таъкиди образҳои барҷастаю қаҳрамонҳои марказӣ, овардани иқтибосҳо аз лаҳзаҳои мувофиқи осори гуногун пайванди эҷодии адибро ба ҷараёнҳои роиҷи насри тоҷикӣ муайян сохтааст.

Ҷ.Бақозода ба мавзӯи қувват гирифтани ҷанбаи лирикӣ дар насри солҳои 60-ум-ибтидои ҳафтодуми асри гузашта, бахусус эҷодиёти Саттор Турсун, Сорбон, Юсуф Акобиров, Муҳиддин Хоҷаев, Баҳром Фирӯз, Ӯрун Кӯҳзод, Бурҳон Ғанӣ ишора намуда, ёдрас мешавад, ки ин равиш аз баланд шудани мақоми шахс, мавқеи ҷамъиятӣ ва шуури иҷтимоии инсон дарак медиҳад (38, 106).

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки нависандагони давр бо нерӯмандии ғиноии асарҳои худ тавонистанд, ки раванди худифшонамоӣ ё худизҳорнамоии қаҳрамонро дар адабиёт тавсеа бахшанд ва укдаҳои ҷаҳони ботинии онро боз кунанд.

Вусъати нигоришоти ғиноӣ дар насри баъди солҳои 60-ум боис гардид, ки солҳои 80-ум ин шохаи адабиёт ба насри шоирона табдил ёбад. Насри ғиноию шоирона ба равиши хоси нависандагоне, амсоли Баҳманёр, Муҳаммадзамони Солеҳ, Ҷонибек Акобир, Сайф Раҳимзоди Афардӣ, Муаззама Аҳмадова, Салими Аюбзод, Муҳаммадраҳими Сайдар, Қодири Рустам ва дигарон бадал шуд.

Дар садаи XX истилоҳи насри шоирона дар адабиёти ҳамзабонон, бахусус эрониён низ роиҷ гардид. Донишманди эронӣ Муҳаммадризо Шафеъии Кадканӣ як фасли китоби «Мусиқии шеър»-ашро «Шеъри мансур» ном ниҳода, сайри кӯтоҳеро аз таърихи ин навъ сухани адабию бадеӣ анҷом медиҳад. Аз баррасиҳои ӯ равшан мегардад, ки истилоҳи «насри шоирона» дар адабиётшиносӣ солҳои охир мавриди истифода қарор гирифтааст. Ин мафҳум ба адабиётшиносии форсӣ дар заминаи

китобу андешаҳои донишмандони аврупоӣ ворид гардидааст: «Як нуктаро ҳамин ҷо ёдовар шавам, ки баъд мояи гирифторӣ нашавад ва он тамоиз миёни «шеъри мансур» ва «насри шоирона» аст, ки аввалиро дар забонҳои фарангӣ Prose poem мегӯянд ва дуввумиро Poetic prose. Мумкин аст дар мақолоту таҳқиқоти фарангиҳо ҳарфҳои гуногуне дар боби ин ду навъ осори адабӣ гуфта шуда бошад, аммо он чи дар ин ҷо мавриди назари ман аст ва тақрибан аксарияти ноқидони фаранг ҳам ҳамонро мегӯянд, ин аст ки дар «насри шоирона» ҳолу ҳавои наср (мафоҳими мантиқӣ ва гузоришӣ ва ҳақоиқи ғайришеърӣ) аст, ки ҷомаи қофия (саҷъ) ва санооти шеъриро ба тан кардааст (мисли «Калила ва Димна»-и Насруллоҳи Муншӣ ва «Марзбонnома» дар забони форсӣ) ва дар шеъри мансур ба маънии хос калимаи ҷаҳонбинӣ ва ҳавои шеър, ба вижа шеъри ғиноӣ аст, ки бар асар ҳукумат мекунад, вале дар ҷомаи назм (versification) зоҳир нашудааст» (117, 242).

Кадканӣ бар ин назар аст, ки ҳарчанд номи умумии мафҳуми «насри шоирона» дар асоси тавзеҳоти донишмандони ғарбӣ машҳур гардидааст, вале намунаҳои ҷолиби ин навъи насрро классикони мо ба вуҷуд овардаанд ва дар ин росто аҳли тасаввуф пешдастӣ доштаанд: «... мисли ғолиби шатҳиёти сӯфия, хосса Боязиди Бастомӣ, ки бузургтарин сарояндаи шеърҳои мансур дар фарҳанги эронӣ аст ва ҳанӯз ҳамтое барои ӯ намешиносем» (117, 242).

Ин донишманд дар асоси афкори адабиётшиносон тафовути зоҳирии ин анвои адабиро дар кӯтоҳии шеъри мансур ва дарозии насри шоирона нишон додааст.

Ин гузориши масъала маънои онро дорад, ки мақсад аз пайванди назму наср ва ё оҳанги умумӣ пайдо кардани ду шохаи адабиёт ҳамоно тасвири рӯҳияи инсон аст. Нависандагон, аз ҷумла Сорбон бо ин равиш собит менамуданд, ки барои офаридани образи тамомиёр ҷузъитарин амалу ҳолоти ӯ, рамзу розҳо, андешаҳо, хаёлоту рӯъёҳо, орзуҳо ва ҳар чи аз олами ботинии вай бо ваҷоҳат ё бо сухан берун меояд, муҳим аст.

Табиист, ки на ҳар як нависандаи замон дар ифодаи насри шоирона пешдастӣ дошт. Агар дар осори адибе нишонаҳои гуногуни он ба мушоҳида расад, дар навиштаҳои суханвари дигар равиши мазкур вусъати бештар пайдо намуда буд. Маҷмӯан, ин падида аз нуктаҳои калидию меҳварии мактаби суханварии давр аст, ки корбурди он мақому ҷойгоҳи қаламкашро беш аз пеш муайян мекард ва истеъдоди ӯро такмил мебахшид.

Маҳз ҳамин нерӯмандии ҷанбаи лирикист, ки Х.Шарифов баъзе аз ҳикояҳои Сорбонро шабеҳ ба новеллаҳои хурд медонад (157, 130).

Маъмулан дар новелла воқеаю ҳолат аз номи шахси аввал – «ман» нақлу тафсир мешавад. Новелла имконияти зиёди таҳкия ва худифшокуниро дорад. Ба таъбири М.Шукуров «ҳикояву новелла камолоти шахсияти нависанда ва ҷаҳонбинии ӯро талаб дорад» (113, 85). Пас, хусусияти новелла доштани ҳикояҳои Сорбон арзиши ҳунарии онҳоро кам намекунанд. Инро дар тарзи баёни ҳикояҳои Сорбон «Хоб», «Рӯймолча», «Нақши рӯйи барф», «Меҳри фарзанд», «Хонаи арӯс», «Сурати нотамом» дида метавонем.

Ҳамин гуна, аз баҳсҳои фавқ ба ин натиҷа расидан мумкин аст, ки дар насри лирикӣ қаҳрамони асосӣ бештар дар бораи худ фикру мулоҳизаҳо ронда, фаҳмиши худро бо фаҳмишу биниши дигарон қиёс мекунад. Ҳосили ин мушоҳидаю муқоиса шинохти ҳаққу ботил, дурӯғу рост, сафеду сиёҳ, садоқату хиёнат ва, маҷмӯан, қонунияти ҳастӣ мебошад.

Ниҳоят, гуфтан мумкин аст, ки ин тарз, омил ё унсури ёдшудаи ҷорӣ дар мактаби адабии давра барои таҳаввули офаридаҳои бадеии Сорбон мавқеи хос дорад.

Масъалаи дигаре, ки дар фазои адабии замон ба чашм мерасад, офаридани **тасвири қаҳрамони муосир** ва **характери тавонои** ӯ маҳсуб меёфт. Ин ҷанбаи суханварӣ мавқеи асосиро дар баҳсҳои эҷодии Анҷумани дуюми нависандагони Иттиҳоди шӯравӣ ишғол намуда буд (92, 290). Қаламкашони солҳои 60-ум кӯшиш менамуданд, ки қаҳрамони аз ҷиҳати

характер тавоно, ташаббускор, донишманд, амиқназар ва ба навигариҳою пешрафтҳои замон омодаву устувор биёфаранд.

Дар солҳои 60-80-ум фурӯ рафтан ба умқи олами ҷаҳоншиносию тафаккури қаҳрамон дар аксари навъҳои ҳамосавӣ дида мешуд. Адабиётшинос Ҷ.Бақозода дар ин бобат гуфта буд: «Аз рӯи ҳикояву очерк ва повестҳо, метавон гуфт, ки насри мо бо роҳу равиши хос инкишоф меёбад. Вай бештар ба рӯҳияи дунёи ботин ва маънавиёти инсон сару кор дорад...» (121, 105).

Ба андешаи А.Набиев дар эҷодиёти нависандагони он солҳо ин ҷузъиёти тасвир хеле такмил ёфта, маҳдудиятҳое, ки дар осори суханварони дигар ба мушоҳида мерасид, нисбатан бартараф шуд.

Донишманди ёдшуда таъкид дошта буд, ки санҷидану намоён кардани характери қавӣ ва рӯҳи мушкилнописанди мардум дар замони шӯравӣ аз хусусиятҳои муҳими реализми адабиёти муосир ба шумор меравад.Аз мулоҳизоти А.Набиев дармеёбем, ки дар мавзӯъҳои ҳозира замон масъалаи тадқиқи бадеии ҷаҳони маънавии қаҳрамонро беш аз ҳама нависандаи дар он айём ҷавон Сорбон ба ӯҳда гирифтааст (56, 125). Ин маънои онро дорад, ки ҷанбаи ёдшудаи мактаби адабии замон ба эҷодиёти Сорбон асари афзун дошт.Барои нависандагони шӯравии тоҷик (албатта, барои адибони халқҳои дигар низ) дар асри гузашта офаридани характери қаҳрамон аз чанд ҷиҳат душвориҳо дошт:

Аввал он ки дигаргуниҳои тадриҷию доимии сиёсӣ дар муҳити шӯравӣ суханварро ба андеша ё сардаргумӣ мебурд. Масалан, адиби солҳои 20-30-юм вазифадор буд, ки ҳама гуна унсури пешинаи иҷтимоию сиёсӣ ва ҳатто адабию фарҳангиро мазаммат намояд. Ин монеа дар солҳои шахсиятпарастӣ боз қувват гирифт. Дар замони сиёсати хрушёвӣ нигоҳу назарҳо ба замони раҳбарии беш аз 30-солаи И.В.Сталин тағйир хӯрд. Ҳамин гуна дигаргуниҳо қариб ҳар даҳ-понздаҳ сол рух дода, то бозсозию ошкорбаёнӣ ва пошхӯрии Иттиҳоди шӯравӣ идома ёфт.

Дуюм, унсурҳои шарқӣ, миллӣ ва динии тоҷикон бидуни ихтиёри суханварон пойбанди пешравии ҳамаҷониба ва тозакориҳо дар насри бадеӣ гардиданд.

Сеюм, бештари нависандагонро бастагии сахт ба сиёсат ва ахлоқи зоҳирии замон нагузошт, ки характерҳои олии инсонӣ офаранд.

Бояд ёдовар шуд, ки дар бештари мубоҳисаҳои адибону адабиётшиносони тоҷик асарҳои Чингиз Айтматов ва характерҳои офаридаи ӯ (чи хеле ки дар боло зимни мулоҳизоти Мирзо Турсунзода ёд кардем), бахусус симои манқурт намунаи беҳтарин муаррифӣ шудааст. Инчунин ақидаҳои адабии ӯ ҳамчун дарси мактаби хоси суханварӣ аз тарафи адабиётшиносони тоҷик истиқболи гарм ёфтааст (39, 13; 97, 334; 163, 121).

Агар бо назардошти се омили ёдшуда ба тавоноии фикрии классики адабиёти қирғиз Ч.Айтматов, бахусус, дар романи «Дуроҳаи бӯронӣ» нигарем, мебинем, ки ӯ характери одами ба истилоҳ «нав» – писари Қазонқоп Собитҷонро ба ҳадди ифрот мазаммат намуд. Яъне, тозагии мавзӯи баъзе асарҳои нависанда дар он ифода меёбад, ки вай бо камоли устодӣ тимсоли инсони парвардаи замони шӯравиро танқид кард. Баръакс, чунин суханварон, онҳое, ки азнавсозиҳои ғоявию фикриро дар насри муосири тоҷик ба вуҷуд овардаӣ буданд, аз тарафи ҳамқаламону ҳамсафони худ саркӯб шуданд. Инро саргузашти то кунун ба пуррагӣ норавшану нобасомони нависандагони бузурги тоҷик Пӯлод Толис ва Ҷумъа Одинаев ба субут мерасонад.

Бо вуҷуди омилҳои ёдшуда аз солҳои 70-ум сар карда нависандагон ба офаридани характери қаҳрамони аз ҳар ҷиҳат тавонманд, шахсияте, ки дорои рӯҳияву ҷисми солим, ақлу дониши мукаммал, фитрату биниши хос бошад, даст ёфтанд. Дар ин радиф Сорбон истисно нест. Маҳз повести «Ҷӯгӣ»-и ӯро аксари адабиётшиносон ҳамчун намунаи равшани насри тоҷикӣ муаррифӣ ва нақд карданд. Вай образу характерҳои барҷастаи ҷӯгиёнеро, ки садсолаҳо муқими баъзе манотиқи Тоҷикистон ҳастанд,

офарида тавонист. Ба таъбири дигар, ба эҷоду сохтани як дигаргунии чашмрас дар насри замон ноил шуд.

Барои қаламкашоне, ки солҳои 60-ум ба майдони адабиёт омаданд, мавзӯи **таърихи халқи тоҷик дар ойинаи насри бадеӣ** ҳамчун мактаби махсус ва ҷараёни фардонигарона хидмат намуд.

Агар масъалаи мазкур дар мисоли фаъолияти эҷодии нависандагону шоирони машҳури тоҷик баррасӣ гардад, далели зиёдеро иброз доштан мумкин аст.Садриддин Айнӣ бо очеркҳои таърихии худ – «Исёни муқаннаъ», «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик» ба ин мактаб асос гузоштанд ва минбаъд шогирдони эшон ин ҷараёни пурбору пурмавҷро идома бахшиданд. Масалан, асарҳои маъруфи Сотим Улуғзода, аз қабили «Восеъ» (1967), «Ривояти Суғдӣ» (1975), «Фирдавсӣ» (1985) ба мавзӯъҳои таърихӣ бахшида шуда, маҳз дар фосилаи солҳои 60-80-уми асри мозӣ рӯи коғаз омаданд. Устод Сотим Улуғзода солҳои 1976-1977 дар ду муҷаллад «Шоҳнома»-и безаволи Абулқосим Фирдавсиро ба наср гардонид, ки ин амали судманд барои шинохти гузаштаи адабу таърихи халқи мо аҳамияти фаровон дошт.

Ҷалол Икромӣ низ ба гузаштаи халқи худ асосан баъди солҳои 60-ум ҷиддан шуғл варзид. Инро мулоҳизаи зерини А.Набавӣ ба субут мерасонад: «Аввалин натиҷаи мурoҷиати Икромӣ ба таърих достоне ба номи «Тори анкабут» (1959) буд ва румонҳое, чун «Духтари оташ» (1960), «Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро» (1967) ва «Тахти вожгун» (1973) паи ҳам ба вуҷуд омаданд. Ин се асари охир дар асл румонҳои сегона буда, ба номи умумии «Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро» шуҳрат доранд. Румонҳои сегонаи ҳамосӣ бо тасвирҳои доманадоре аз инқилоби Бухоро ҳикоят мекунад, дар асоси саргузашти чашмрабое воқеияти замонро пеши назари мо меорад» (133, 138).

Раҳим Ҷалил дар асари ёддоштии «Маъвои дил» (қисми 1 соли 1970, қисми 2 соли 1982) рӯзгору фаъолияти чеҳраҳои машҳури Хуҷанди бостонӣ – олимон, шоирон, санъаткорон, ҳофизон, мутрибон, инчунин одамони шинохтаи замони нав – иштирокчиёни ҷанг, барпокунандагони

низоми шӯравӣ, қаҳрамонони кору пайкор, ходимони давлатӣ ва дигаронро рӯйи коғаз овард.

Асарҳои таърихии Расул Ҳодизода «Ситорае дар тирашаб» (1983) ва «На ситораҳо мерезанд» (1990) ба рӯзгори Аҳмади Дониш ва ҳаводиси Бухорои нимаи дуюми асри XIX иртибот доранд.

Аз ин рӯ, бо боварии комил метавон гуфт, ки оромию суботи сиёсӣ ва андак паст гардидани нерӯи сареи меъёрҳои таъсиргузори сиёсат ба адабиёт сабаби ба таърих таваҷҷуҳ намудани адибони наслҳои гуногуни насри муосири тоҷик гардид.

Агар мо ин ҷанбаи мактаби адабии замонро дар алоқа ба эҷодиёти Сорбон мавриди таҳлил қарор диҳем, ин нукта мусаллам мегардад, ки ӯ дар асарҳои дар замони шӯравӣ таълифнамудааш ба офаридани шахсиятҳои ҷудогонаи таърихӣ зиёд машғул нашудааст. Дар осори дар он солҳо навиштаи адиб намояндагони гуногун аз миёни халқи одӣ бо ҳаводиси таърих бархӯрд менамоянд. Сорбон бештар бо такя ба ҳаводиси дар охири асри XIX ва садаи XX рухдода ҳикояву повест ва роман эҷод карда буд. Пайванди маънавии намояндагони аҳли зиё ба китобу арзишҳои фикрӣ (ҳикояи «Чароғи сиёҳ»), босмачигарӣ (ҳикояи «Табари хунолуд», повести «Буд, набуд»), Ҷанги Бузурги Ватанӣ (ҳикояҳои «Хирманкӯб», «Бодбарак») ва дигар ҳодисаю зуҳуроти иҷтимоӣ боис шудаанд, ки Сорбон ба василаи онҳо образҳои барҷастаи таърихро тавзеҳи бадеӣ бидиҳад.

Саттор Турсун дар романи «Се рӯзи як баҳор»-и худ ҳаёти мардуми тоҷикро дар солҳои бистуму сиюми асри XX тасвир намудааст. Образи марказии асар – Усмон Азиз ҳамчун намояндаи гурӯҳи озодихоҳ ба ҳукумати шӯравӣ созиш намекунад ва дар заминаи ҳамин ихтилоф кушта мешавад (27).

Болта Ортиқов китоби «Достони Самарқанд»-и худро бо усули ҳикоят андар ҳикоятро навишта, тавассути ҳикояҳои ҳаҷман хурд ва муколамаи қаҳрамонони наврас таърихи Самарқанди бостониро варақгардон менамояд. Хонанда ин асарро дар ҳама давру замон ҳамчун беҳтарин шиносномаи ин шаҳри бостонии тоҷикон истиқбол хоҳад кард.

Болта Ортиқов «Достонҳои Самарқанд»-ро бо омезиши услубҳои бадеӣ, илмӣ-таърихӣ ва таълимӣ навиштааст (8).

Ин гуна мисолҳо маънои онро доранд, ки на ҳамаи нависандагони ҳамнасли Сорбон дар замони шӯравӣ ба офаридани чеҳраҳои равшани таърихӣ муваффақ гардиданд.

Чеҳраҳои бадеии Куруши Кабир (Бароти Абдураҳмон), Зардушт, Искандар, Доро, Спитамен, Деваштич, Рухшона (Сорбон, Леонид Чигрин, Ато Ҳамдам, Давлатшоҳи Тоҳирӣ), Беҳзод (Шодон Ҳаниф), Исмоили Сомонӣ (Муҳамадзамони Солеҳ, Тӯйчӣ Мирзоди Раштӣ, Юсуфҷон Аҳмадзода), Бармакиён, Рӯдакӣ, Носири Хусрав (Равшани Ёрмуҳаммад), Маҳастии Хуҷандӣ, Камоли Хуҷандӣ, Дилшоди Барно (Аъзам Сидқӣ) ва дигарон баъди истиқлолияти Тоҷикистон рӯйи кор омаданд.

Аз ин хотир, бознигарии бадеии таърихро, ки дар даврони соҳибистиқлолӣ вусъати афзун пайдо кард, метавон натиҷаи талошҳои адибон дар солҳои 60-80-уми садаи пешина маънидод кард.

Ҷанбаи дигаре, ки мағзу моҳияти насри баъди солҳои 60-умро фаро гирифта буд, **бозтоби ахлоқи иҷтимоӣ** ба шумор мерафт. Нависандагони тоҷик барои офаридани ахлоқу одоби қаҳрамон аз чанд консепсия истифода менамуданд. Ё ба таъбири дигар, дар пасманзари тасвирпардозиҳои онҳо ва дунёи дарунии қаҳрамонон нишонаҳою меъёрҳои ахлоқии гуногун қарор гирифта буд. Суханварон дар ин маврид бидуни ихтиёр ба унсурҳои ахлоқи умумибашарӣ, фарҳанги шарқӣ, динӣ, хурофӣ ва меъёрҳои замонии ахлоқӣ такя менамуданд. Қаҳрамони замони нав, қаҳрамоне, ки аз даҳҳо монеаҳои иҷтимоию сиёсии давр раҳо шудааст ва бар аносири номатлуби ҷамъиятӣ ғолиб омадааст, бояд мувофиқи талаботи соату вақти худ офарида мешуд.

Дар насри солҳои 60-80-ум ахлоқи иҷтимоӣ баробар бо тадқиқи бадеии ҳодисоти рӯз тасвир мешуд. Масъалаи ахлоқи иҷтимоӣ дар насри бадеӣ бо назардошти муҳиммияти арзишҳои гузаштаву нав, робитаи анъанаю навоварӣ ва шинохти дурусти мероси пешиниён ва маърифати падидаҳои ҷадиди замон сурат мегирифт.

Х.Асозода фасли чаҳоруми китоби худ «Адабиёти тоҷик дар садаи XX»-ро «Насри бадеии форсии тоҷикӣ дар солҳои 60-80» унвон карда, зимни сайри кӯтоҳе мушаххасоти ин давраи насри тоҷикиро тавзеҳ медиҳад. Ӯ дар зерфаслҳои «Тадқиқи бадеии инсон», «Наср ва ҳаёти муосир», «Насри таърихӣ ва тадқиқи инсон» мухтасаран ба асарҳои муҳимми ин давра, корҳои эҷодии нависандагони алоҳида ва баҳои нақди адабӣ ишора менамояд. Мавсуф менависад: «Солҳои шаст марҳалаи наверо дар инкишофи насри таърихӣ падид овард, ки минбаъд дар робита ба тадқиқи бадеии ҳаёти пешини мардуми тоҷик ба дастовардҳои чашмрас ноил гардидааст» (37, 172).

Мо қаҳрамони насри ин давронро асосан дар ҳолатҳои гузариши иҷтимоӣ мебинем. Масалан, сокини деҳа бо шаҳру муҳити он ошноӣ меёбад; ӯ бо мафҳумҳои театр, музей, кино, консерт ва дигар падидаҳои фарҳангию маърифатӣ ошно мешавад; деҳқон дар корҳои барзгарияш ба истифодаи техникаю мошинолот шурӯъ мекунад; канал, обанбору рӯдхонаҳои нав барои обёрии заминҳои ташналаб равона мегарданд; истифода аз коргоҳу муассисаҳо, иншооту бино, техникаю дигар воситаҳои зиндагии умумӣ ҳукми қонуни амалро мегирад. Маҷмӯан, пайваста навоварие, ки дар ҳаёти иҷтимоӣ рух медиҳад, маърифат ва корбасти дурусти он аз инсон донишу маҳорату малакаро тақозо менамояд. Дар баробари ин, нерӯҳое пайдо мешаванд, ки барои фавран нобуд кардани арзиши иҷтимоию маънавии гузашта саъй менамоянд, ё, баръакс, қувваҳое монеи тараққиёти ҳамаҷонибаи ҷомеа мегарданд. Гоҳо дар фосилаи чунин гузаришҳо шахсияти меҳварӣ дар байни ҷозибаи муҳити гузашта ва мавҷи тозакории замони нав монда, мақоми ҷамъиятии худро аз даст медиҳад. Мисоли равшан ин тақдири яке аз персонажҳои марказии повести Ю.Акобиров «Баъде, ки осиёб боз монд» Устозокир аст, ки дар ҳунари осиёгардонӣ садоқат дорад.

Осиё ҷоест, ки вай бо писархондаш Азиз шабу рӯз ранҷ мекашад, то бо ҳам нафърасони мардум бошанд. Устозокир аз хизмат дар осиё умедвор

аст, ки фарзандонаш гурусна намонанд, мӯҳтоҷ нагарданд ва солимфикру некахлоқ ба воя расанд.

Вақте осиё вайрон мешавад, раис барои таъмиру давом ёфтани кори он бо Устозокир суҳбати хуш намекунад. Маҳз як лаҳза коҳидани табъи марди заҳматкаше мисли Устозокир сабаб мешавад, ки вай ҳамроҳи Азиз кори осиёро батамом як сӯ мегузоранд. Дар охири повест маҳз ҳамин дигаргунии фаврии иҷтимоӣ боиси гумроҳию ҳаннотӣ ва ниҳоят аз хонаю рӯзгор билкул барканор афтодани Устозокир мегардад (1).

Дар повести Сорбон «Санги сипар» низ дигаргунии дар кори хоҷагӣ рухдода сабаби қариб бе машғулият мондани Ҳаким мегардад. Агар солҳои пешин ҳама корро Ҳакиму ҳамсафонаш ба субут мерасониданд, акнун аз маркази ноҳия коргарон бо дастгоҳҳои равғанкашӣ омадаанд ва гӯё «набз»-и зиндагии деҳотиён тағйир ёфт.

Масъалаи аз деҳа ба шаҳр омадани ҷавонон ва тағйир ёфтани ҷаҳонбинию хулқи онҳо, муҳокимаи одилонаю ноодилонаи кирдори онҳо меҳвари ахлоқи иҷтимоии қаҳрамонони осори нависандагони ин давронро муайян месозад. Дар повести Ӯрун Кӯҳзод «Писанддара» хешу ақрабо ва аҳли деҳа аз Диловар – персонажи марказӣ хоҳиш менамоянд, ки ба кори худ дар Академияи илмҳо хотима бахшида ба зодгоҳаш баргардад, вагарна бо музди маоши давлатӣ азоб кашида мегардад. Дар ин ҷо рафтору мулоҳизоти аҳли деҳ ҷавони ҷӯяндаро ғамгину муассир мегардонад (6).

Дар ҳикояи Саттор Турсун «Падар» рафтори писари «шаҳрнишин» сахт мазаммат шудааст. Ӯ баъди гирифтани маълумоти олӣ солҳо ба суроғи қиблагоҳаш намеояд. Ҳатто вақте падар аз вай хоҳиш менамояд, ки ба деҳа ё маркази ноҳия ба кор омада, падару модар ва аҳли хонадонро саробонӣ кунад, мегӯяд: «Не, падар намешавад, ин гапатон хом. Бисёриҳо орзу мекунанд, ки дар шаҳр ҷойгир шаванд...Ман хонаву дари тайёрро пушти по карда, чӣ хел ба ин сангистон кӯчида биём? Ин ҷо чӣ дорад?» (24, 140).

Ин мисолҳо маънои онро доранд, ки дигаргуниҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ ҳамеша ба ахлоқи ҳамзамонон таъсири сареъ доранд. Бегумон садоқати

инсон ба машғулияти писандида ва фаъолияти дӯстдоштааш ба одату табиати ӯ асар мекунад.

Ҷ.Бақозода бар ин назар аст, ки дар эҷодиёти насли калонсоли насри тоҷик пафоси олӣ барои маҳкум кардани танқиди воқеияти рӯзгори гузашта равон шуда буд. Марому мақсади шахсии онҳо бо манфиати халқу ҷамъият пайванди устувор дошт. Қаҳрамонони мусбати офаридаи нависандагон, мисли устод Садриддин Айнӣ, Раҳим Ҷалил, Сотим Улуғзода, Ҷалол Икромӣ, Фотеҳ Ниёзӣ бо душманони ҷомеа, беадолатиҳои онҳо ва тамоми камбудиву норасоиҳои муқобил бо пешравиҳои ҷамъият мубориза ошкору оштинопазир доштанд. Ин нависандагон нияти офаридани қаҳрамони андешапарварро надоштанд (39, 13).

Дар идома ин муҳаққиқ меафзояд, ки фаъолияту муборизаи қаҳрамонони адибони насли калонсол ба ҳадде мудовому шадид буд, ки барои худтаҳлилкунӣ вақт намеёфтанд. Моҳияти андешаҳои ӯ дар он хулоса мешавад, ки қаҳрамонони андешапарвар ва ботинан фаъол маҳсули давраи нав ва марҳалаи инкишофи адабиёт аст (39, 13-14).

Мавзӯъҳои ифодагари ахлоқи иҷтимоӣ тавассути воқеаҳои пайваста ба кори саҳро, фаъолият дар коргоҳу муассисаҳо, таҳсил дар донишгоҳу донишкадаҳо, инчунин дар асоси тазодҳои дарунии табақотӣ ва вазифавӣ, монанди рафтори ғуруромезу носолими раису сардору мудир бо деҳқонону чорводорон, кормандон, саноатчиён, зиёиён ва дигар гурӯҳҳои иҷтимоӣ, муносибати ишқу муҳаббат, кинаву адовату хусумат, биниши наву кӯҳна, бархурди намояндагони миллатҳои гуногун, ихтилофи намояндагони маҳаллу минтақаҳо ва дигар паҳлӯҳои маишию ҷамъиятӣ баён мешаванд.

Ҷӯра Бақозода қаҳрамони мусбати андешапарвари насри муосири тоҷикро ба ду тип ё намуна тақсим менамояд. Типи аввал қаҳрамонони фаъоли муборизе мебошанд, ки муқобили ҳама гуна бесарусомонӣ, одамони худхоҳу хунсард муқобилияти ошкоро доранд. Вай менависад, ки ин қаҳрамон чун ҳар фард худро узви ҷомеа меҳисобад ва талош мекунад, ки марому хоҳиши ҳар кас бояд бо манфиати халқ созгор ояд. Барои

исботи ин андешаҳо ӯ якчанд персонажҳоро аз осори нависандагон Ф.Муҳаммадиев (Аҳрор-амак аз «Одамони кӯҳна», Қурбон Маҷидов аз «Дар он дунё», Носир Аббос аз «Палатаи кунҷакӣ»), , Сорбон (Уматқул аз «Ҷӯгӣ»), Ӯрун Кӯҳзод (Шариф аз «Роҳи ағба»), ва Саттор Турсун (Содиқ аз «Сукути қуллаҳо», Фирӯз аз «Камони Рустам») номбар менамояд (39, 14).

Муҳаққиқ чунин меандешад, ки типи дигари ин навъи қаҳрамон ботинан фаъол, вале дар зиндагӣ нисбатан пассив аст. Далелҳои аз насри бадеӣ овардаи ин суханшинос боз асосан ба шахсиятҳои ёдшудаи адабӣ (бо иловаи Баҳром Фирӯз) мутааллиқанд. Барои муқоисаи қаҳрамонон ва унвони асарҳо овардани фикри Ҷ.Бақозодаро ин ҷо зарур мешуморем: «Ба ин гурӯҳи қаҳрамонон Саидбек аз «Варта», Шодмон аз «Зиндагӣ дар домани талҳои сурх», Даврону Диловар, Исфандиёр аз «Писанддара» ва «Кини хумор», Баҳром аз «Ҳам кӯҳи баланд, ҳам шаҳри азим», Ромиз аз «Актёр», Даврону Азиза «Тору пуд», бобои Ризо аз «Пирамард» ва монанди инҳоро дохил кардан мумкин аст (39, 15).

М.Шукуров масъалаҳои муҳимми ахлоқи иҷтимоии замони ҳозираро мавзӯи асосии ҳикоя баршумурда, нишонаҳои барҷаста ва дараҷаи хуби ҳалли онро дар осори Ф.Муҳаммадиев, М.Хоҷаев ва Саттор Турсун ба мушоҳида гирифта буд. Ба андешаи ӯ «мубориза аз назари қаҳрамони мусбат, аз назари шахсе, ки аз ҷиҳати иҷтимоӣ фаъол аст», равшан мегардад (97, 76-78).

Ҷанбаи дигари вобаста ба мактаби адабии давр ба мавзӯи **деҳот ва тасвири зиндагии мардум** пайванди амиқ дорад. Нависандагони тоҷик тавассути рӯзгорони мардуми деҳоти кишвар, сарнавишти пурпечутобу тақдири омӯзандаи шахсиятҳои гуногун муҳимтарин арзишҳои таърихӣ, иҷтимоӣ, ҷуғрофӣ ва маънавию фарҳангии тамоми миллатро рӯи коғаз оварданд. Ғановати таърихӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоии деҳот, бахусус, рустоҳои кӯҳистон ба қаламкашон имкон дод, ки анъанаю таомул, маросим, бовардошту ақида, хурофот, ҳодисаю воқеот, ҷаҳоншиносию тафаккури сокинони онро ҳамчун ҷузъи гузаштаи бошукӯҳи халқу миллат тасвир намоянд.

Абдунабӣ Сатторзода дар пешгуфтори ҷилди аввали «Куллиёт»-и Сорбон менависад, ки ин адиб бо якмизоҷии хос дар гирди зодгоҳи худ – деҳаи Амондараю сокинони он давр мезанад. Ин рустои хурд имрӯз бо шарофати истеъдоди худододи Сорбон ба ормондеҳ, рамзи дараи амонӣ ва макони муқаддас табдил ёфтааст. Дар идома меафзояд: «Мисли он ки дар вақташ «канори оби Рукнободу гулгашти Мусалло» ба шарофати Ҳофизи бузургвор, Санкт-Петербург бо ҳиммати Ф.Достоевский, Дон бо иродати Шолохов, водии Ҳисор ба туфайли устод Мирзо Турсунзода, деҳи хурди Мазори Шариф бо бузургвории Лоиқ, Сӯфиён тавассути Бозор Собир, Яхч бо шеъри Гулрухсор ва ғайра машҳур шуданд. Писанддараи Кӯҳзод ва Сармаддеҳи Баҳманёр, ки маҳсули хаёли ин ду адиб аст, низ аз ҳамин қабил деҳаҳои ормонӣ мебошанд» (13, 6).

Албатта, дар адабиёти муосири мо тасвири зодгоҳ аз навиштаҳои ҷолибу ҷовидонии Садриддин Айнӣ шурӯъ шудааст. Ин устоди забардаст ҳам дар осори бадеӣ ва ҳам «Ёддоштҳо»-и хеш Бухорои таърихию музофоти онро чирадастонаю ҷузъинигарона тасвир намудааст. Мо тавассути баёни зебои Садриддин Айнӣ Бухорои замони ӯро равшан тасаввур карда метавонем. Дар пайравӣ ба ин суханвари машҳур нависанда Ҷалол Икромӣ низ зодгоҳи хеш – Бухороро бо тамоми шукӯҳи таърихию фарҳангияш рӯи коғаз овардааст. Раҳим Ҷалил дар «Маъвои дил»-и хеш саъй намуд, ки аз таърихи гузаштаи Хуҷанд, вазъи иҷтимоию иқтисодии шаҳр дар замони худи нависанда, шахсиятҳои машҳуру маъруфи он қисса намояд ва ёдмони таърихро дар зеҳну хотири имрӯзиён зинда гардонад.

Дар насри баъди солҳои 60-ум илова ба адибони ёдшуда Юсуф Акобиров, Саттор Турсун, Баҳром Фирӯз, Ҷонибек Акобиров ва дигарон ҳаёти мардуми деҳотро ба мавзӯи ҳикояву повест ва романҳои худ қарор доданд.

Саттор Турсун зери силсилаи «Зиндагӣ дар домани талҳои сурх» ҳаёти ҳамдеҳагони худро вобаста ба рӯзгори аҳли замон офаридааст. Вай менависад: «Ман дар деҳаи дурдасти кӯҳистон таваллуд ёфтаам. Ҳоло

гумон мебарам, ки зодгоҳи ман зеботарин гӯшаи олам аст. Зеро вай манзилест, ки дар он ҷо тарсону ғалтон ба роҳ даромада, падару модари худро шинохта, сабаби гиряву хандаи инсонро фаҳмида, дар оғӯши табиати покиза, навозишкору сурурангезаш ва дар айни замон сахту хашин ба воя расидаам; пеш аз сафари шаҳрҳои дур ман аз он деҳа ба сифати тӯшаи роҳ ёди одамонро ба худ гирифтаам, ки дар ғалабаи инқилобу сохти колхозҳо, дар мубориза бо душманони ҳаёти нав, солҳои ҷанги беамон бар фашизм... ҷонбозиҳо карда, дар зиндагӣ ҳамеша хоксору офаридгор ва чун фард беназир будаанд...» (26, 146).

Нависанда ормони падару модари худ ва волидайни ҳар як фарзанди деҳаи хешро бо оҳанги баланди ватандӯстона, дарки баланди худшиносӣ, фаҳмиши олии инсонпарастӣ ифода менамояд: «Онҳо масоили мураккаби ҳаётро сатҳӣ не, балки тавассути ақлу ҳуш аз решааш дарк мекарданд. Ва бисёр мехостанд, ки фарзандонашон ба одаму одамгарӣ бештар эътибор дода, дар роҳи пасту баланди зиндагӣ пешпо нахӯранд, таҷрибаи таърихро, ки бешак, мероси ниёгон аст, гиромӣ доранд, зиёда аз ин, ба ин таҷрибаи муқаддас ҳусни тоза бахшанд...

Пеш аз он ки чизе нависам, қаҳрамонашро ман аз зодгоҳам меҷӯям, ё ҳеҷ набошад, кӯшиш мекунам, ки: ӯро – Аҳмад аст ё Раҳмат – дар муҳити деҳаи худ ба тасвир гирам, андешаҳои одамони аз тифлӣ ба ман шиносро бо фикру зикри вай ҷӯр созам» (26, 147).

Повестҳои ӯ «Пайванд», «Мӯйсафедон», «Сукути қуллаҳо», «Обдорӣ», «Мегӯянд, ки модарам» ҳамагӣ бозгӯи рӯзгори мардуми деҳот мебошанд .

Баҳром Фирӯз низ дар ҳикояҳои «Бобо», «Гӯштингирӣ», «Ҳақиқати талх», «Меҳмон», «Як рӯз не, як рӯз», «Паи ситора», (28; 29; 30) ва дигар навиштаҳои хеш паҳлӯҳои зиндагию рӯзгори мардуми деҳотро ба тадқиқи бадеӣ мекашад. Агар Саттор Турсун доир ба рӯзгори тоҷикони водии Сурхондарё нақлу ривоётеро ба забон оварад, Баҳром Фирӯз оид ба ҳаёти сокинони водии кӯҳистони Фориш сухан мегӯяд.

Ҷонибек Акобир бештари ҳикояти худро ба ташреҳи бадеии ҳаводиси кӯҳистони водии Рашт, ки худ зодаи ин сарзамин аст, бахшидааст. Ҳикояҳои «Кӯршабпарак», «Кампири Холмоҳ», «Ду субҳ – ду ҷавонӣ», «Дунё ба умед», «Ранҷиш», «Фарзанд», «Амаки покиза», «Чормағзи меросӣ» ва таълифоти дигари адиб шомили зиндагии мардуми деҳот аст (2).

Дар зимни ин ҳикоёт нависандагон ҷуғрофиёи ин манотиқ, табиат, иқлим, обу ҳаво, одобу русуми мардум, муомилаю муносибатҳои сокинонро нозукбинон бо афсонаю ривоят ташреҳи бадеӣ додаанд.

М.Шукуров дар повести «Санги сипар» тасвирҳои ҷудогонаи этнографиро ба мушоҳида гирифта буд (128, 137).

Ин мавзӯъ дар эҷодиёти Сорбон мавқеи намоён дорад. Нависанда ба ғайр аз зодгоҳи худ, инчунин дар хусуси аҳволи мардуми деҳаҳои атрофи Амондара, унсурҳои рӯзгори сокинони рустоҳои се ноҳияи водии Зарафшон – Панҷакент, Айнӣ ва Кӯҳистони Мастчоҳ воқеаю ҳодисаҳои аҷиби дорои арзиши баландро тасвир менамояд. Ин ҳикояҳо на танҳо ҳамчун маводи бадеӣ ба махзани адабиёти мо ворид шудаанд, балки ифодагари нуктаҳои марбут ба илмҳои таърихшиносӣ, этнография, кишваршиносӣ, фолклор, забоншиносӣ ва дигар соҳаҳои илм мебошанд. Дар ин маврид услуби бадеӣ бо услуби публисистӣ омезиш пайдо менамояд.

Дар хусуси ин равиши баён Ш.Рустамов мегӯяд: «Воқеан, услуби публисистӣ барои ташвиқи бевоситаи чизи пешқадам, ташкили омма ва мубориззаҳои ҷиддӣ бахри он истифода мешавад. Вазифаи он на танҳо аз баёни воқеа ва фаҳмонидани масъалаҳои рӯзмарра иборат аст, вай инчунин даъват шудааст, ки шунавандагонро бо ҳаётӣ ва зарурӣ будани чизи нав бовар кунонад, онҳоро бо дахолати фаъолона ва иштироки бевосита водор намояд» (66, 251).

Ба ин тартиб, метавон таъкид дошт, ки бозтоби ҳаёти деҳот, тасвири фазилатҳои шоистаи сокинони қадими кӯҳистон, бовардошту ҷаҳонбинии онҳо мӯҷиби офариниши чеҳраҳои хуби бадеӣ гардид. Нависандагон дар

чунин асарҳо рисолати худро дар он зоҳир намуданд, ки воқеият ва ҳастии гузаштаю имрӯзи мардуми кӯҳистон ба воситаи сарнавишти қаҳрамонҳо рӯйи коғаз оваранд.

Ҳамин гуна, Сорбон дар баробари баҳраҷӯӣ аз тозакориҳои адабии мактаби замони хеш тавонист, ки садҳо воқеаҳои равшану ҷолиби ҳаётро ба ҳикояву повест ва романҳо бадал созад, олами ботинии пурвусъати инсонҳои синну солу касбу кори гуногунро бо тамоми назокат тасвир намояд, робитаи наслҳоро ташреҳи бадеӣ диҳад, бархурди қаҳрамонҳо, хислату характер, мақсаду ҳадафҳои иҷтимоию маънавии онҳо рӯйи коғаз оварад ва ниҳоят услубу равиши худро дарёфта, ба бозтоби масоили мухталифи ҳастӣ эҳтимом варзад. Мактаби адабии давр ва рангорангу пурғунҷоиш гардидани адабиёт, танаввӯъпазирии сабкию мавзӯии наср боис шуд, ки Сорбон равиши хоси нигориши худро муайян сохта, хешро ба унвони нависандаи соҳибқалам на танҳо барои ҳавзаҳои суханварӣ, балки беш аз ҳама барои хонандаи осораш шиносо намояд.

## Фасли дуюм. Эҷодиёти Сорбон аз нигоҳи мунаққидон

Сорбон аз шумори нависандагони маъруфи адабиёти муосири тоҷик аст, ки ҳанӯз дар доираву мактабҳои адабии замони шӯравӣ худро ба унвони суханвари чирадаст муаррифӣ намуда буд. Дар бозтоби шахсият ва ҷанбаҳои мухталифи эҷодиёти ӯ хидмати нақди адабӣ басо муҳим аст. Аз нашри нахустин маҷмӯаи ҳикояҳои адиб, ки «Гап дар дил» ном дошта, соли 1969 ба табъ расида буд, то роман – эпопеяи «Достони писари Худо» мунаққидон перомуни усули нигориш, сабки баён, сужетофаринӣ, композитсия, банду басти воқеаҳо, офариниши характери персонажҳо, мувофиқати мавзӯъ бо жанрҳо, забон, истифодаи саноеи бадеӣ, корбасти зарбулмасалу мақол, масоили ахлоқи иҷтимоӣ ва дигар паҳлуҳои эҷодиёти ин қаламкаш мулоҳиза меронанд. Маҷмӯи баррасиҳои осори Сорбонро аз тарафи ноқидон чунин дастабандӣ кардан мумкин аст.

1. Тақризҳо дар сафҳаҳои матбуоти даврӣ.

2. Таҳлил дар доираи рисолаҳои илмӣ ва монографияҳо.

3. Баррасиҳо дар раванди таҳлили ҷараёни адабии давр.

Илова бар ин, бояд ёдовар шуд, ки Сорбон дар мусоҳибаҳои хеш оид ба таҷрибаҳои эҷодӣ, сарчашмаи мазмуну мундариҷаи осор, баҳраёбӣ аз мактабҳои бузурги суханварони ҷаҳон ва дигар омилҳои такмилдиҳандаи сабку услуби фардии худ изҳори назар намудааст.

Ба эҷодиёти Сорбон ҳамқаламону ҳамсафони ӯ низ баҳо додаанд.

Қабл аз шурӯи баррасии масъала чунин фикр рӯ мезанад, ки таҳқиқи осори Сорбон аз дидгоҳи суханшиносон бо назардошти ду даврони зиндагонии адиб – замони шӯравӣ ва даврони соҳибихтиёрӣ сурат гирад, хубтар аст. Вале ба таври куллӣ равшан мегардад, ки афкори адабиву эстетикии мунаққидони тоҷик доир ба эҷодиёти Сорбон бештар дар заминаи осори дар замони шӯравӣ навиштаи адиб матраҳ гардидааст. Ҳамчунин бархе аз тадқиқоти хоси адабиётшиносии тоҷикӣ дар замони шӯравӣ сурат гирифта, аз ҷониби муаллифону муҳаққиқон баъди соҳибистиқлолӣ ба сурати рисолаҳои алоҳидаи илмӣ интишор гардиданд.

Муҳаммадҷон Шукуров (Муҳаммадҷон Шакурии Бухорой), Худой Шарифов (Худой Шарифзода), Атахон Сайфуллоев, Абдухолиқ Набиев (Абдухолиқи Набавӣ), Носирҷон Салимов, Матлуба Хоҷаева, Маъруф Раҷабов (Маъруфи Раҷабӣ), Кароматуллоҳи Шукруллоҳӣ, Шамсиддин Солеҳов, Замира Ӯлмасова ва дигарон дар китобу мақолаҳои хеш ба тадқиқи ҷанбаҳои гуногуни осори Сорбон пардохтаанд.

Чи хеле ки дар муқаддима хотирнишон сохтем, аввалин мунаққиди Сорбон Ҷалол Икромӣ буд. Бино ба таъкиди мавсуф ӯ ҳикояи «Хокистари ишқ»-и Сорбонро рӯзи ҷумъаи 15-уми апрели соли 1966 дар шумораи 45-уми рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» хонда, гуфта буд, ки адиби ҷавон бояд ба рӯҳафтодагӣ дода нашавад ва ба «ҳикояҳои бадбинона ва пессимистонаи баъзе аз нависандагони буржуазии Эрони имрӯза, ки аз дунё дасту дили касро шустанӣ мешаванд», (124, 130) пайравӣ накунад. Бо гузашти вақт ин баҳои нависандаи шинохта нисбати Сорбон барои бахше

аз мунаққидон намуна гардид ва ба он зиёд ишора карданд. Инчунин бо гузашти фурсати кӯтоҳ акси ҳол низ рух дод.

Аз ҷумла, дар маърӯзаи худ В.Оскотский ба мақолае, ки ҳанӯз соли 1966 Ҷалол Икромӣ нисбати Сорбон ва баъзе қаламкашони ҷавони он солҳо эрод гирифта буд, ишора менамояд. Муҳаққиқ менависад, ки «чанд сол пеш илми адабиётшиносӣ ва танқид як қатор масъалаҳои таъхирнопазири услуби миллиро пеш гузошта буд, ки мувофиқи он бояд ҷиҳатҳои ба худ хоси адабиёти советии халқҳои бародарӣ ба тариқи типологӣ муайян карда мешуд. Барои адабиёти республикаҳои Осиёи Миёна, дар айни замон, мафҳуми услуби нақлӣ (тасвирӣ) ва пандуахлоқии ошкоро хос дониста шуда буд. Баҳсу мунозираҳои минбаъда ба тасаввуроти аввала хеле нуктаҳои муҳимми сароҳатбахш илова карданд. Масалан, мақолаи Ҷалол Икромӣ ба ёд меояд, ки ӯ ба яктарафа тафсир шудани мафҳуми нақлии баён ҳаққонӣ розӣ нашуда буд ва ба эҷодиёти Садриддин Айнӣ такя карда, мувофиқати воситаҳои усули баёни муаллифро дар адабиёти тоҷик ва мусоидати онҳоро дар кашфиётҳои нав ба нави бадеӣ ба таври боварибахш нишон дода буд (128, 124).

Ба назари В.Оскотский ин як тарафи масъалаи сабки насри тоҷик буда, «ҷиҳатҳои ба худ хоси эҷодии адабиёти миллиро инҳисори як услуб (сабк) донистан – ин танг ва орӣ кардан, ба як қолиби тағйирнопазир ва шах шудамонда маҳдуд гардидани анъана аст» (128, 124).

Аз ин маълум мегардад, ки бо гузашти вақт худи мунаққидон ба эродҳои Ҷалол Икромӣ посух гуфтанду Сорбонро «ҳимоят» намуданд. Ҳамзамон қариб баъд аз даҳ сол (1975) устод Ҷалол Икромӣ дар мақолаи «Насиҳат ба рафиқи ҷавонам» такомули истеъдоди Сорбонро мушоҳида намуда, ӯро «аз нависандагони ҷавони сермаҳсул ва умедбахш» номид (125).

Агар ба муҳтавои посухҳои Сорбон ба саволҳои рӯзноманигор Одили Нозир нигарем, аён мегардад, ки гузориши аввалини устод Ҷалол Икромӣ (соли 1966) ва танқиди тунди нависандаи ҷавон зимнан «як масъалаи хонаводагӣ» ҳам будааст (129, 12).

М.Шукуров дар мақолаи «Тавоноии инсон ё яъсу ноумедӣ?» аз маҷмӯаи «Паҳлӯҳои тадқиқи бадеӣ» чанд ҳикояи Сорбонро дар канори ҳикояҳои адибони дигар таҳлил намудааст. Замони таълифи мақола соли 1970 буда, аз он дарак медиҳад, ки мунаққид баъди нашри китоби «Гап дар дил» бо сабки нигориши нависанда бештар ошно гардидааст. Адабиётшиноси ёдшуда таҳлилҳоро аз ҳикояи ҳамноми китоб оғоз карда, ба ҳунари нависанда баҳои баланд медиҳад (96, 170).

Ҳамчунин дар зимни таҳлили ҳикояҳои «Пирамард», «Нақши рӯи барф», «Эътироз», «Гулзамон», «Бодбарак», «Хокистари ишқ» М.Шукуров бо овардани иқтибос аз мақолаи А.Сайфуллоев «Ҳаёт ва мавқеи нависанда» (1969) камбудиҳои Сорбонро дар нерӯмандии оҳанги яъсу навмедии қаҳрамонон, ба зарбаҳои ҳаёт тоб наовардани онҳо, номукаммалии тасвир, маҳдуд шудан ба тасвири душвориҳои ҳаёт ва нуктаҳои шабеҳ ба инҳо мебинад. Дар баробари он ки муҳаққиқ дар шеваи баёни нависандаи дар он солҳо авроҳ «тасвири фотографӣ»-ро мебинад, ӯро соҳиби назари хосе ба зиндагӣ мешиносад (96, 175).

Аз нуктаҳои асосии танқиди ҳамаҷонибаи мунаққиди барҷастаи тоҷик бармеояд, ки Сорбон дар замони «ҳукмронӣ»-и назарияи беконфликтӣ боз зиёдтар мардумро аз назари вазъи иҷтимоӣ эҳтиёҷманду пойбанди қувваҳои дигар нишон додааст. Ба таъбири дигар гӯем, адабиётшинос ба баррасии ҳикоёти Сорбон тибқи меъёрҳои танқиди замон иштиғол варзидааст.

М.Шукуров дар китоби «Диди эстетикии халқ ва насри реалистӣ» (1973) дар боби «Санъати тасвири предметӣ», ҳангоми тавзеҳи муҳимтарин ҷанбаҳои ҷараёни услубии реализми сирф мухтасаран ба эҷодиёти Сорбон ва равиши баёни ӯ ишора менамояд. Ба назари ӯ Сорбон ба тасвирҳои муфассали психологӣ муваффақ гардида, ба эҷоди манзараҳои гуногуни ҳаёт, лаҳзаҳои алоҳидаи зиндагии одамон пардохтааст, ки «онҳо ба ҳамдигар монанд нестанд ва аз унсурҳои зидди ҳамдигар иборатанд» (91, 95).

Суханшинос таҳлили мазмуну мундариҷа, риояи шароити офаридани симо ва олами ботинии қаҳрамонҳо, муносибати онҳо бо дирӯзу имрӯзи ҳаёти ҷамъиятӣ, зиддияту садамаҳо, ихтилофи фазои маънавии давраи гузаштаву нав, инчунин сабки нигориши нависандаро дар повестҳои «Занги аввал» (1970), «Санги сипар» (1971), «Ҷӯгӣ» (1973), «Буд, набуд» (1974), «Шинел» (1976), «Сабо» (1981) мавриди тадқиқ қарор медиҳад. Ҳамзамон шарҳи вижагиҳои ҳунарии аввалин романи Сорбон «Актёр» (1983)- ро дар қисми 2 –и китоби «Насри реалистӣ ва таҳаввули шуури эстетикӣ» муфассал овардааст.

Атахон Сайфуллоев ҳанӯз соли 1969 ҳамчун мунаққид мулоҳизоти хешро оид ба ҳикояҳои Сорбон баён намуда буд. Ҳамчунон ки дар боло ёд кардем, ӯ ба ин нукта ишора карда буд, ки адиб бояд оҳанги якмароми руҳафтодагӣ, шикастарӯзгорӣ ва навмедиро тавассути қаҳрамонҳояш пайваста илқо нанамояд. Баҳои ин мунаққид бо андешаҳои Ҷалол Икромӣ ҳамсон буданд ва моҳияти ин назарсанҷиҳоро ба сиёсати давр алоқаманд донистан моро ба ғалат нахоҳад бурд.

Дар мақолаи хос ба баҳси «Масъалаҳои насри муосир» дидгоҳи адабиётшинос ба Сорбон аз ду равзана намоён мешавад. Нахуст ӯ ёдрас мешавад, ки нависанда тавассути повести «Ҷӯгӣ» тавонист, ки ҷаҳонфаҳмии ин қавмро воқеъбинонаву эътимодбахш нишон диҳад. Муаллифи асар нерӯи сиёсати шӯравиро чунон тасвир кардааст, ки бо вуҷуди таассуб ба русуми ҳазорсолаи хеш бархе аз ҷӯгиён ба ҳаёти умумишӯравӣ пайвастанд.

Дар идомаи таҳлилҳо А.Сайфуллоев менависад, ки Сорбон аз махзани эҷодиёти шифоҳии мардум, чун ривояту афсонаҳо, моҳияту мотивҳои ҷангҳои мазҳабӣ устодона истифода кардааст (68, 569-570).

Мулоҳизаи дигари мунаққид чанд сафҳа баъд доир ба андешаҳои Сорбон дар маҷаллаи «Садои Шарқ» таҳти унвони «Ё ҳу, ё манҳул» оварда мешавад, ки ин ҷо А.Сайфуллоев нависандаро ба зикри гуфтори носавоб нисбат ба худаш ва дигар ноқидони сухан накӯҳиш менамояд (144). Чунин мулоҳизаҳои интиқодӣ нисбат ба гузориши Сорбон дар ҳошияи баҳси

«Масъалаҳои насри муосир» аз тарафи адабиётшиносон М.Шукуров (85, 180-184) ва А.Набиев (59, 163-167) садо додаанд, ки ба зикри муқаррари он ҳоҷат нест.

Бо ин ҳама, баъди наздик бист соли ин мубоҳисот (байни солҳои 1987-2007) мехонем, ки дар мусоҳиба бо Фотеҳ Абдулло «Ҳеҷ чиз маро аз кор фароғат намебахшад» Сорбон дар ҷавоби саволи «Шумо монои як кони поённопазир ва пурмаҳсултарин насрпардози муосир ҳастед. Далели серҳосилӣ чист?» менависад: «…ман кони кашфношуда ҳастам, ки ҷуз адабиётшиноси номдор Атахон Сайфуллоев дигаре сарфаҳм нарафтааст. Ё нахондааст» (155, 3).

Манзури Сорбон зимни ин ҳуруфи пур аз сипос тадқиқоти густурдаи А.Сайфуллоев аст, ки маҷмӯаи қиссаҳои хурди «Марди танҳо» (2003) ва роман-эпопеяи «Достони писари Худо» (2000-2003)-ро дар китоби «Уфуқҳои тозаи наср»-и хеш мавриди таҳлил қарор додааст. Бояд гуфт, суханшиноси ёдшуда дар китоби «Уфуқҳои тозаи наср» осори дар даврони истиқлолият рӯи коғаз овардаи нависандаро мавриди таҳлил қарор додааст.

Бояд афзуд, ки китоби «Марди танҳо» аз ёздаҳ қиссаи хурд, монанди «Пиндор», «Кӯшиш», «Якгӯша», «Оташбасар», «Марди танҳо», «Пули заррин», «Кабӯтари сафед», «Корвон», «Сафари хонакалон», «Санги лағжон», «Хонаи нав» фароҳам омадааст. Қиссаҳо бо услуби лирикиву ҳамосавӣ рӯи коғаз омада, далели ҷилваҳои тозаи истеъдоди Сорбон ба шумор меоянд.

«Достони писари Худо» (ду ҷилд ва шаш китоб) аз назари таркиб басо мураккаб буда, дар онҳо персонажҳои фаровони дорои номҳои асливу таърихӣ дар чанд хати сужет амал менамоянд. Қаҳрамони марказии асар Искандари Мақдунӣ – сарлашкари маъруфи юнонист, ки ба таъбири пешиниён тамоми ҷаҳонро гирифтан мехост. Сорбон маъруфтарин сарчашмаҳои таърихиву адабӣ ва бадеиро оид ба зиндагиномаи Искандар омӯхта, ба офаридани беҳтарин роман дар марҳалаи соҳибистиқлолии Тоҷикистон комёб гардид.

Маҷмӯан, аз дидгоҳи А.Сайфуллоев «Достони писари Худо» дорои чунин сифатҳои хуби кори нигорандагӣ ва бадеист: «Забони «Достони писари Худо» равон, фасеҳу балеғ ва ғанист. Фаровонии таркиби луғавии Сорбон имконият додааст, ки ӯ воқеаҳои таърихӣ ва образу характерҳои инсониро мӯътамад ва зиндаю ҷоннок тасвир намояд. Нависанда вожаҳои ҳарбию низомӣ, номҳои яроқу аслиҳа, қисмҳои сипоҳ ва амсоли инҳоро саҳеҳ ва тибқи матлаб истифода мебарад. Воситаҳои тасвири бадеӣ – ташбеҳ, тавсиф, муболиға, истиора, сифатчинӣ, тазоду муқобила, суолу ҷавоб, киноя, ташхис, иғроқ ва ғайра дар мавқеу мақоми худ, ҳунармандона корбаст шудаанд. Аз ин лиҳоз романи Сорбон оинаи рӯшани камолоти истеъдоди ӯ буда, яке аз беҳтарин асарҳои таърихии насри давраи истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ба шумор меояд» (69, 630).

Мунаққиди дигари тоҷик А.Набиев дар китобҳои хеш роҷеъ ба вижагиҳои сабки баёни Сорбон андешаҳои муҳимро ёдрас шудааст. Аз ҷумла, дар зимни мавзӯи «Фардияти эҷодии нависанда» зимни таҳлили шаклу тарзҳои таҳлили психологӣ менависад: «Вобаста ба фардияти эҷодии нависандагон психологизми таҳлилии онҳо рангу равғани хос дорад, аз ҷумла Икромӣ ба нишон додани шиддати ҳиссиёт ва драматизми он кӯшидааст, дар асарҳои Толис тасвир орому батааннӣ мебошад. Сорбон бошад, мехоҳад таҳлили ҷараёни рӯҳияро ҷиддӣ ва объективӣ тасвир намояд, аммо таҳлили характер дар асарҳои Ф.Муҳаммадиев ва Ӯ.Кӯҳзод обуранги лирикиву публисистӣ ва мутоибавӣ дорад» (57, 146).

Ба андешаи ин муҳаққиқ, аз солҳои 70-уми асри гузашта ба баъд дар осори Сорбону ҳамнаслони ӯ, амсоли Саттор Турсун, Муҳиддин Хоҷаев, Ӯрун Кӯҳзод психологизм бештар хислати тасвириву таҳлилӣ ба худ гирифта буд (57, 155).

А.Набиев дар китоби «Ҷусторҳо ва ибтикорот дар наср» доир ба романи «Достони писари Худо» мақолаи хеш «Достони ибратомӯзи Искандару Доро»-ро ғунҷоиш додааст. Ин мақола бо сайри таҳлилии мухтасар аз осори Сорбон шурӯъ гардида, бо баррасии умумии «Достони

писари Худо» ба поён мерасад. Ба назари ӯ роман гуногунбӯъда буда, нависанда ҳам муҳити сиёсии Юнон ва ҳам низоми сиёсиву фарҳангии сарзамини Ҳахоманишиёнро басо воқеӣ тасвир намудааст. Бино ба ақидаи А.Набиев, «румони «Достони писари» Худо» на танҳо аз ҳайси масъалагузорӣ, мавзӯъ, муҳтаво ва ба вуҷуд овардани руҳу фазои замонҳои дури таърихии дар аксари мавридҳо ба хонандаи имрӯзаи тоҷик ноошно мумтоз аст, инчунин аз ҳайси сохтори дарунӣ низ хеле ғанӣ ва серғунҷоиш мебошад. Сорбон ба нақли одӣ ва хронологии воқеаҳо камтар диққат медиҳад ва агар ба нақл зарурат ояд, онро ба воситаи руҷуъҳо ба амал меоварад, вале сар то пои дарунмояи румонро амалиёти қаҳрамонҳо, бархурдҳои маънавию ахлоқӣ, диалог - баҳси ақидавии иштирокдорони асар, тағйир хӯрдани ҳарлаҳзаинаву маънибардориҳои равонӣ, гумону тахмин, андешаҳои мухталиф, тасодуми афкор; нишон додани одобу одоти дарборӣ, расму русуми давлатдорӣ, этикети дарборнишинон ва ғайраву ва ҳоказо ташкил кардаанд, ки то ба ин вақт румони тоҷик чунин дарунмояи ғаниро надида буд» (60, 301).

Мақолаи Абдухолиқи Набавӣ «Достони ибратомӯзи Искандару Доро»-ро адабиётшинос Кароматуллоҳи Шукруллоҳӣ дар нақди мундариҷаву муҳтавои романи «Достони писари Худо» санги маҳак қарор дода, борҳо аз он санад ҷустааст (100: 116, 168, 169, 175, 176, 179, 180, 184, 191).

Адабиётшинос Носирҷон Салимов дар боби «Ҳофизаи таърихӣ ва камолоти маънавии қаҳрамон»-и китоби «Маърифати бадеии таърих» романи Сорбон «Актёр»-ро дар шумори осоре қарор медиҳад, ки масъалаи ҳофизаи таърихӣ моҳияти аслии сужет ва характери персонажи марказиро ифода менамоянд. Қаҳрамони асосии роман Ромиз гӯё худро ба василаи ашъори Рӯдакӣ мешиносад, яъне руҷӯъ кардани вай ба таърихи пуршукӯҳи адаб ӯро аз харҷу марҷи иҷтимоӣ оромиву тасаллият мебахшад.

Ба андешаи Н.Салимов Сорбон дар асари ёдшуда «масъалаи худшиносии фарди эҷодкорро мавзӯи асосӣ» интихоб кардааст (75, 92).

Матлуба Хоҷаева дар рисолаи «Масъалаҳои сабкшиносӣ», фасли «Ҷаҳонбинии нависанда ва услуб» ба таҳлили густурдатари осори Сорбон пардохтааст. Дар баробари таҳлили сиришти қаҳрамонони повестҳои Сорбон, мунаққиди фавқуззикр оид ба сабки нависанда изҳори ақида кардааст.

Адабиётшиноси фавқуззикр дар идомаи баррасиҳои хеш аз заъфи офариниши характери қаҳрамонҳо, тавонмандии руҳу андешаҳои онҳо дар повестҳои «Шинел» ва «Сабо», ки мунаққидони дигар ҳам аз ин камбудиҳо ёд кардаанд, сухан ба миён меоварад. Ҳамзамон перомуни нахустромани адиб «Актёр» «аз лиҳози амиқ бурдани тасвири олами ботинии қаҳрамонҳо, талошу низоъҳое, ки аз қаъри дили онҳо бармехезад, набарди нерӯҳои некиву бадӣ» (88, 101-102) ва дигар авомил, чун ахлоқу маънавиёти одамон изҳори назар менамояд.

Сабку услуб, ҷогузории маводи бадеӣ, тасвири тақдиру саргузаштҳои одамон, зуҳури оҳангҳои лирикӣ, руҷӯъҳои таърихӣ дар қиссаҳои «Дашти морон», «Чархи эҳтиётӣ» ва романи «Зарафшон» аз шумори масъалаҳое ҳастанд, ки М.Хоҷаева тадқиқ кардааст. Аз ҷумла ӯ зикр мекунад, ки «Дар тасвирҳои Сорбон амалиёт ва андеша гӯё ду самти муқобиланд ва ба ҳам дарнаомехтанд. Аз лиҳози услуб низ ин самтҳо тафовути ҷиддӣ доранд. Ҷое, ки амалиёт ҳаст, Сорбон мӯъҷазбаёну мухтасаргӯст. Фикри худро ба ҷумлаҳои кӯтоҳ ва истифодаи амалиёт баён мекунад. Ба назар чунин менамояд, ки нависанда аз тасвири амалиёт башитоб мегурезад ва баръакс, ҷое, ки тасвири ҳолату кайфияти персонаж омадааст, батааммуқ ва таҳаммул бе саросемагӣ ба ҳазор кӯчаву паскӯча сар халонида, ҷузъиёту тафсирҳои зиёдро истифода бурда, аз корбурди санъатҳои бадеӣ наҳаросида пеш меравад. Зарбу оҳанг низ дар ин ду тарзи тасвир комилан дигар аст. Он шиддату суръат ва як навъ бепарвоии зоҳирии ровӣ, ки дар тасвири амалиёт ҳаст– дар тасвири олами андешаҳо оҳанги дигар мегирад – шаҷараи эҳсосҳоро дар худ ҷой медиҳад, гоҳе пур аз лиризми нарм ва гоҳе баръакс пурэҳтиросу пурҷӯшу хурӯш мегардад» (88, 103).

Дар бораи эҷодиёти Сорбон мақолаву тақризҳо дар рӯзномаю маҷаллаҳо ба табъ расидаанд.

Ба гумони мо, дар ин ҷо бояд аз тақризи Х.Шарифов «Ҳолатҳои зиндагӣ ва лаҳзаҳои бадеӣ» (1983) ва мақолаи баҳсомези М.Раҷабов «Сухани сахт нишони ҳаққоният нест» (1988) махсус ёдовар шудан зарур аст.

Х.Шарифов тақризи худро дар асоси маводи бадеии ду маҷмӯаи Сорбон «Шинел (повестҳо, 1981)» ва «Кабӯтари сафед» (ҳикояҳо 1981) рӯи коғаз оварда, суханро аз таҳлили мундариҷаву мавзӯъ ва моҳияти таърихии замони зиндагонии қаҳрамонон шуруъ менамояд. Сипас, таҳлили поэтикии ҳикояҳои нависандаро давом дода, муҳаққиқ аз омезиши муносиби сабкҳои лирикиву ҳамосӣ, «тасвири тинатҳои муайяни инсонӣ», «тасвири ҳиссиёт бо хоҳишу амал» сухан мегӯяд: «Хубии ҳикояҳои Сорбон боз дар он аст, ки тасвири як тарафи иштиёқу ҳаваси қаҳрамон тасвири ҳиссиёти ӯро низ ба ҳамон равия медарорад. Дар натиҷа тасвири ҳиссиёт бо хоҳишу амал пайваста мегардад ва ин ягонагӣ имкон медиҳад, ки тинату руҳияҳои нотакрори инсонӣ офарида шаванд» (157, 130).

Дар охир мунаққид доир ба касрати истифодаи калимаҳои лаҳҷавӣ эрод гирифта, ба нависанда тавсия медиҳад, ки дар корбурди санъатҳои бадеӣ низ амиқбин бошад.

Навиштаи мунаққид М.Раҷабов посух ба мақолаи Сорбон аст, ки 24-уми марти моли 1988 дар минбари Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» бо номи «Ба қадри ҳиммати ӯ...» интишор ёфтааст. М.Раҷабов дар «Сухани сахт нишони ҳаққоният нест» таъкид менамояд, ки нависанда бояд дар эҷоди асарҳои нав эроду дастурҳои мунаққидонро низ ба инобат гирад. Ӯ мегӯяд, ки агар дар повести «Қумрӣ» нависанда аз ду усул – нақли ретроперспективӣ ва баёни хронологӣ истифода карда бошад ва ин тарзи нигориши ӯ дар тақризи ноқиди сухан зикр гардида бошад, чӣ бадӣ дорад. Ҳамчунин мунаққид аз такрориякнавози мавзӯъ дар ду асари Сорбон – «Санги сипар» ва «Қумрӣ» (1986) эрод гирифта, мегӯяд: «Шумо пас аз 15 сол, яъне пас аз эҷоди «Санги

сипар» (1972) боз ба ҳамон мавзӯъ рӯ овардед, вале дар ҳалли бадеии ин мавзӯъ чизе зам накардаед» (138, 4).

Бояд таъкид дошт, ки солҳои 80-уми асри гузашта бар асари бозсозиву ошкорбаёнӣ дар мақолоту гузоришоти адабиётшиносон ва нависандагон як пафоси ситезандаи публитсистӣ зиёд ба мушоҳида мерасид. Ба василаи маърузаву гузориш, мақолаҳо, тақризҳо, баҳсу луқмаҳо гӯё ҳамаи аҳли сухан аз ҷаҳонбинию дониш, истеъдоду маҳорат, фарохии мутолиа, дараҷаи огоҳии худ аз адабиёти ҷаҳонӣ ва ниҳоят аз будани худ садо дармедоданд. Агар инро дар мисоли минбари баҳси «Масъалаҳои насри муосир» бигирем, қариб ягон суханвар аз ин сифат истисно нест. Гӯё итоат ва иқрори сухани дурусту ҳақиқат нишони сархамию мағлубият дониста мешуд.

Дар суҳбати Сорбон дар маҷаллаи «Садои Шарқ» (№7, 1987), ки «Ё ҳу, ё манҳул» ном гирифтааст ва дар посухи ӯ ба ҳафт саволи пешниҳодшуда бармеояд, ки ӯ чун суханвари огоҳ вазъи адабиёти шӯравӣ, бавижа насри онро ҳамаҷониба фаро гирифтааст. Нависанда дар гузориши худ аз фаъолияти мунаққидон изҳори норизоият мекунад, ки онҳо заҳмати чандинсолаи адибро дар як навишта ё тақриз, ба таври дилхоҳи худ баррасӣ намуда, хонандаро ба ғалат меандозанд (144, 107-108).

Табиист, ки ин мабоҳис барои пешрафти насри муосир аҳамияти зиёд ҳам доштанд, вале дар баробари ин, ҳадафҳои фардии аҳли қалам, чунон ки ёд кардем, равшану баръало эҳсос мегардид. Чунин баҳсу баррасиҳо баъди пош хӯрдани Иттиҳоди шӯравӣ аз байн рафтанд.

Зикр намудан ба маврид аст, ки дар рисолаҳои муҳаққиқон Ш.Солеҳов ва З.Ӯлмасова, ки ба тадқиқи ҷанбаҳои гуногуни бадеии ҳикоя ва роман дар адабиёти муосири тоҷик бахшида шудаанд, осори дар ин қолабҳои адабӣ таълифкардаи Сорбон низ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Мунаққид Ш.Солеҳов пайваста ба равиши эҷодии Сорбон мутаваҷҷеҳ аст. Номбурда ҳангоми тадқиқи масъалаи замон макони бадеии ҳикояи солҳои 70-80-уми қарни XX мулоҳизоти ҷолиберо нисбат ин

навъи адабӣ дар осори Сорбон баён менамояд. Ӯ зимни баррасии ҷанбаҳои вобаста ба замону макони бадеӣ, чун тасвири нақлӣ, тасвири таҳлилӣ (психологӣ), тасвири рамзию асотирӣ ва фалсафӣ ба осори адиб ҳамчун ҷузъи ҷараёни адабии давр ишора месозад. Инчунин ҷо-ҷо ба таври алоҳида ҳикояҳои ӯро таҳлил мекунад (79).

Муҳаққиқ Замира Ӯлмасова, ки ба пажӯҳиши романи даврони истиқлол машғул аст, дар ду фасли рисолаи худ – «Тадқиқи бадеии фалсафаи ҷаҳонхоҳӣ дар романи Сорбон «Достони писари Худо» ва «Фоҷиаи инқилоб ва шоир дар романи Сорбон «Туғрал» ба баррасии ду романи таърихии нависанда мепардозад (81).Ҳамзамон дар мақолоти «Туғрал» – ҳамчун романи таърихӣ –биографӣ», «Вижагиҳои корбасти зарбулмасалу мақол ва ибораҳои рехта дар романи Сорбон «Достони писари Худо», «Поэтикаи романи «Достони писари Худо»-и Сорбон» мулоҳизаҳои адабиётшиноси зикршуда ғунҷоиш ёфтаанд (147, 148, 149).

Рисолаи Кароматуллоҳи Шукруллоҳӣ тадқиқоти навтарини осори Сорбон ба шумор меравад. Китоб бо муқаддима шурӯъ шуда, фаслҳои «Шинохте аз Сорбон» (100, 5-18) ва «Лоиқ ва Сорбон» (100, 18-27) бозгӯи шарҳи ҳоли нависанда, хонавода, аҷдод, даврони камолоти ҷисмонию маънавӣ, дӯстиву бародарӣ бо Шоири халқии Тоҷикистон, устод Лоиқ Шералӣ мебошанд. Адабиётшинос дар фаслҳои ояндаи асар ба таҳлили ҷанбаҳои гуногуни эҷодиёти Сорбон мепардозад ва ҳар ҷо, ба истиснои як эроди мушаххас, Сорбонро нависандаи аз назари ҳунару маҳорат мустақил арзёбӣ менамояд, гоҳ-гоҳ бо мунаққидони ӯ дар ситез мешавад ё сарзаниш менамояд.Инро ишораҳои ӯ ба адабиётшинос А.Сайфуллоев баъди гузашти 47 сол аз нашри мақолаи эшон «Ҳаёт ва мавқеи нависанда» (1969), монанди «*дар такя ба дастури Ленин нависандаро ба ҷонибдорӣ аз ноумедӣ ҳушдор дода буд*» (100, 17), «*аз забони Ленин маҳкум кардани Сорбон*» (100, 45) бозгӯ месозанд, ки чунин тарзи арзёбии масъала хилофи одоб ба назар мерасад.

Ин муҳаққиқ дар баёну тасдиқи маҳорати нависандагии Сорбон то ҷое ба ифрот роҳ медиҳад.Масалан, дар бахши «Сорбон аз чашми

дигарон» мехонем: «Баъди *чаҳор соли сиёсатҳо* бар Сорбон М.Шукуров (М.Шакурӣ) дар осори ин нависанда «нишонаҳои услуби хос, рафтори ҷиддӣ ва як навъ амиқназарӣ дар таҳқиқи ҳаёт»-ро мушоҳида кард... (100, 29).

Нақд ба нақди профессор Х.Шарифов чунин сурат гирифтааст: «Камбудии ҷиддие, ки Худоӣ Шарифов дар повестҳои «Шинел» ва «Сабо» мушоҳида кардааст, боз ҳам марбут мешавад ба масъалаи тасвири «лаҳзаҳои манфию ногувори зиндагӣ», ки *наметавон пазируфт* (100, 35).

Мунаққид Кароматуллоҳи Шукруллоҳӣ доир ба мулоҳизоти М.Раҷабӣ мегӯяд: «Ин ҳукми бисёр *қатъӣ, вале беасос* дар ҳаққи қиссаест («Занги аввал – Қ.Д.»), ки муаллифаш хеле ҷавон буд ва таҷрибаи зиёди зиндагӣ надошт» (100, 86).

Табиист, ки бидуни чунин таъкидҳои Кароматуллоҳи Шукруллоҳӣ низ ҳам мунаққидон ва ҳам нависанда дарёфтаанд, ки замон дигар шудаасту меъёру санги маҳаки шинохти адабиёти асил низ дигар аст.

Ба назари мо, бо ин ҳама ҳусни тадқиқу таҳлил, амиқҷӯиву жарфнигарӣ ба дарунмояи адабиёти асил, ки аз тавоноии донишу фазилати Кароматуллоҳи Шукруллоҳӣ хабар медиҳад, ёдоварию сангандозии муқаррар ба замонае, ки аллакай «таърихӣ» шудааст, амали судманд нахоҳад буд.

Чи хеле ки дар муқаддима ёдовар шудем, рисолаи «Нависандае, ки ба касе монанд нест» ҳар ҷо ба меҳрномае шабоҳат дорад, ки як нафар мухлиси адиб танҳо барои ифода кардани ихлосу иродати худ ба як нафар суханвар рӯйи коғаз овардааст. Китоби мазкур дорои арзиши баланди илмӣ низ буда, муҳаққиқ дар баррасиҳои хеш аз тадқиқоти муҳаққиқони русу аврупоӣ, эронӣ, моҳияти асарҳои нависандаҳои машҳури ҷаҳонӣ, мулоҳизаҳои танқидии баъзе аз онҳо ва таълифоти илмии адабиётшиносони ватанӣ истифода менамояд.

Маҷмӯан, китоб далели вусъату зиёдии мутолиа ва дониши адабиётшиноси варзида Кароматуллоҳи Шукруллоҳӣ буда, дар шинохти рӯзгору осори Сорбон аҳамияти зиёд дорад.

Тақризи Худоӣ Шарифзода (Худоӣ Шарифов) аз навиштаҳои муфассали илмӣ дар хусуси романи «Барзгар»-и Сорбон аст. Тақриз аз чаҳор бахш – «Таҳияи мавзӯот ва мақсади роман», «Мазмуни роман», «Образи қаҳрамонон» ва «Сабки роман» иборат буда, мунаққид хонандаро ба олами андешаҳои персонажҳо ва мақсаду мароми онҳо дар айёми пуршебу фарози зиндагӣ ворид менамояд.

Дар пешгуфтори «Куллиёт»-и нависанда, ки «Ровии Амондара» унвон гирифтааст, Абдунабӣ Сатторзода оид ба ҷанбаҳою паҳлӯҳои ҳаёту эҷодиёти Сорбон ва сарчашмаи офаридаҳои бадеии ӯ мулоҳиза меронад. Суханшиноси фавқуззикр ба равиши суханпардозии нависанда аз равзанаҳои хоси нақду сухансанҷӣ нигариста, сурату тинати қаҳрамонони ҳикояву повест ва романҳои Сорбон, ҳадафмандии иҷтимоию ҳунарии онҳоро бо услуби хуби илмӣ бозтоб медиҳад. Аз баррасиҳои Абдунабӣ Сатторзода бармеояд, ки роҳу усулеро, ки Сорбон дар баёни бадеии воқеият интихоб кардааст, идомаи мактаби қаламкашони машҳури олам аст. Ӯ Сорбонро дар зимни нигоришоти бадеӣ «муаррих ва муҳаққиқи нуктасанҷ» шинохтааст, ки анбӯҳи ҳаводис, нақлу ривоёт, дидаву шунидаҳояшро аз парвезани маҳорату истеъдод ва «ҳаллоҷии тафаккуру эҳсоси худ гузаронида, моли худ кардааст (13, 9).

Ҳамчунон ки таъкид дошта будем, нависанда дар мусоҳибаҳояш дар хусуси масоили вобаста ба эҷодиёти худ, ҷараёни адабии давр ва адабиёти ҷаҳон суҳбатҳо доштааст. Масалан, дар «Эй Сорбон…» (мусоҳибаи Ҳокими Азиз (1990) ва «Ҳеҷ чиз маро чун кор фароғат намебахшад» (мусоҳибаи Фотеҳи Абдулло (2007), мулоқоти тӯлонию густурдатари Сорбон ба ҳисоб мераванд, ба чанд масъалаи эҷодӣ, чун манбаи илҳом, ҷустуҷӯи маводи бадеӣ аз зиндагонии ҳамдеҳагон, аз сарнавишти ибратомӯзи устодон, аз таърихи бою гуногунранги халқ, нигоҳу назари мунаққидон, тақдири асарҳои хеш, хусусиятҳои сохториву ботинии жанрҳои адабӣ, муҳокимаву баррасиҳои офаридаҳои бадеияш дар ҷаласаҳои Иттифоқи нависандагон ва масоили дигар сухан мегӯяд (164;155).

Дар маҷмӯъ, метавон гуфт, ки Сорбон ҳамчун нависандаи соҳибсабк дар анвои гуногуни адабӣ маҳорати хешро такмил дода, бо таълифи ҳикоя, повест ва романҳои муҳташам таваҷҷуҳи мунаққидонро ба худ ҷалб намудааст. Аз баррасии ин мавзӯъ равшан мегардад, ки баҳодиҳӣ ба осори адиб дар ду марҳалаи асосии эҷодиёти ӯ, чун замони шӯравӣ ва имрӯз моҳияту сифатҳои ба худ хос пайдо кардаанд. Табиист, ки эроду дастуроти ноқидони сухан боис гардиданд, ки суханвар беш аз пеш камол ёфта, бо фарогирии манобеи зиёди адабиву бадеӣ ва таърихӣ ба эҷоди шоҳкории беназире мисоли «Достони писари Худо» даст ёбад.

Албатта, баҳои нақди адабӣ ҳеҷ гоҳ бо баҳои хонанда баробар шуда наметавонад, бахусус, дар мавриде ки мухлиси асар завқу ҳол ва нишонаҳои сарнавишти худро дар он дармеёбад, худро қаҳрамони вақт мешиносад ва ҷовидонагии замону макони хешро ба василаи таълифоти бадеӣ эҳсос менамояд, ҷое барои шарҳу тавзеҳ намемонад. Дар канори ин, нақди адабие, ки баробар ба равандҳои ҷаҳонии сухансанҷӣ ҷараён дошта, омилҳои таъсирбахшандаи тасвири бадеии воқеият ва бознигариши нақшу рангҳои олами ҳастиро бо тамоми қонунмандиҳои этикию эстетикӣ ба нависанда меомӯзад ё манзур месозад, метавонад заминагузори халқу эҷоди асари нотакрор гардад.

Ин сайри кӯтоҳ шаҳодат аз он медиҳад, ки Сорбон аз нависандагони соҳибмактаби адабиёти имрӯзи мо буда, пайваста дар ғаномандии насри тоҷик нақши муносиб мегузорад. Дар ин ҷода нақди адабӣ ҳамеша ҳамқадами адиб буда, дар муаррифию баҳогузории осор ва камолоти ҳунарии ӯ нақши намоён дорад. Муҳим он аст, ки ҳама гуна падидаҳои марбут ба насри Сорбон аз назари адабиётшиносоне, ки ҷанбаҳои гуногуни ҷараёни адабии даврро баррасӣ кардаанд, берун намондааст. Рӯйи коғаз омадани рисолаи ҷудогонаи илмӣ, мақолаҳову тақризҳо ва баҳсу мунозираҳо дар саҳфаҳои матбуот далолат аз он менамоянд, ки Сорбон воқеан чеҳраи равшанӣ адабӣ буда, ҳамеша талош бар он дорад, ки баробари коркарду такмили забони нигориш, офаридани қаҳрамонҳои барҷаста, корбасти забони зиндаи халқ ҳамроҳ бо унсурҳои нодири луғавӣ,

ташреҳи сужетҳои шомили ҳодисаҳои ҷолибу рангин, инчунин нависандаи соҳибсабк будани хешро аён созад.

### Фасли сеюм. Таснифи анвои адабии осори Сорбон

Таркиби эҷодиёти Сорбон аз ҳикоя, повест, роман ва осори публисистӣ иборат аст. Ба андешаи мо, жанрҳои марказии мероси маънавии ин суханварро чанд омил ба ҳамдигар умумият ва тамомият мебахшанд:

1. Макону замони вуқӯи ҳодисаҳо.

2. Шабоҳати сужетҳо, мотивҳо, лаҳзаҳо, мисли рақобати шадиду фавқуллода, зуҳури фоҷиа дар сарнавишти қаҳрамон, ғалаба баъди шикаст, садамаҳо, ҳодисаҳои нангин, пайванди воқеот бо сарнавишту тақдири нобасомон.

3. Ягонагии нишонаҳои зоҳирии сохтор ва банду баст (устухонбандӣ)-и ҳикоя, повест ва романҳо.

4. Ифодагари ҷаҳонбинӣ ва зеҳну рӯҳияи мардуми Тоҷикистон будани мундариҷа ва муҳтавои асарҳо.

5. Ғунҷоиш ёфтани анъанаю маросим ва унсурҳои этнографии мардуми кӯҳистон.

6. Ҷузъи таркибию мантиқии таърихи гузашта ва нави тоҷикон маҳсуб шудани асарҳо.

7. Маҳфуз мондани аносири нодири луғавӣ, сарфӣ ва наҳвии забони тоҷикӣ дар дарунмояи осор.

8. Ботиннигарӣ ва майл ба тасвири олами дарунии қаҳрамонон – намояндагони табақаҳои гуногуни иҷтимоӣ.

9. Ҷасорати адабӣ дар интихоби мавзӯъ, тасвири нафрату муҳаббати халқ нисбат ба падидаҳои номатлуби иҷтимоию сиёсӣ ва фарҳангӣ ба ҳар давраи таърихӣ.

10. Бетааллуқӣ ва ошкоргӯӣ дар баёни ҳолатҳо, хоҳишҳо, ғаризаю ғаразҳои инсонӣ.

Ҳамин даҳ аломатеро, ки аз тарҳу муҳтавои эҷодиёти ин нависанда дарёфтем, ба унвони қонуниятҳои хоси сабку услуб ва равияи

нигорандагии Сорбон пазируфта шудаанд. Танҳо баробари такмили истеъдод унсурҳои ёдшуда аз сарҳадди ҳикоя то романи муҳташам тавсеа пайдо кардаанд. Ба таъбири дигар, шартҳои мазкур ҳамеша дар марҳалаҳои гуногуни ҳаёти эҷодии Сорбон маҳфуз ва қоим мондаанд.

Сорбон яке аз ҳикоянигорони маъруфи насри муосири тоҷик ба шумор меравад. Ӯ аввалин ҳикоёти хешро ибтидои солҳои 60-уми асри гузашта тавассути рӯзномаву маҷалла ба табъ расонидааст. Ӯ дар мусоҳибаи хеш (1990) ба суоли рӯзноманигор: «Сабаб чист, ки аввалҳо бештар ҳикоя менавиштед, баъдтар повест ва вақтҳои охир рӯ ба роман овардаед?» чунин посух гуфта буд: «Не. Аз ибтидои нависандагӣ то имрӯз аз ҳикоянависӣ даст накашидаам. Аз ҳикоянависӣ касоне даст мекашанд, ки дар вақташ ҳам ҳикоя нанавишта буданд. Теъдоди ҳикоёти ман аз сад гузашта. Ният дорам, ки бо номи «Сад достон» ҳикояҳоро гулчин кунам ва ба нашриёти «Адиб» пеш орам. Ва минбаъд ҳам ҳикоя нависам, зеро ҳикоя мушкилтарин ва муъҷизтарин намуди адабист» (164, 6).

Нахустин маҷмӯаи ҳикояҳои Сорбон соли 1969 дар нашриёти «Ирфон» ба табъ расида буд. Дертар нависанда 18 ҳикояи хешро дар маҷмӯаи «Кабӯтари сафед» интишор дод.Нависанда ҷилди Х1 «Куллиёт»-и хешро (соли 2010) пурра ба ҳикоя бахшида, дар он 65 ҳикояи худро ғунҷоиш дод. Сорбон дар китоби «Мағзреза»-аш (2013) дидаву шунидаҳояшро дар қолаби жанри мазкур гирд овардааст.

Омори мухтасари ёдшуда маънои онро дорад, ки ин адиби солманди тоҷик то кунун ба ин навъи бадеӣ дилбастагӣ хос дошта, муҳимтарин лаҳзаҳои рӯзгору худ ва ҳамзамононро тавассути имконоти дохилии ҳикоя ифода менамояд.Мавриди зикр аст, ки вижагиҳои ҳикоёту қиссаҳои Сорбонро мо дар фасли алоҳида тадқиқ менамоем ва дар ин ҷо танҳо масъалаҳои умумӣ баён мешаванд.

Аз рӯи мавзӯъ ва мазмун ва мундариҷа ҳикояҳои Сорбонро ба навъҳои зерин ҷудо намудан мумкин аст:

1. Ҳикояҳои психологӣ.

2. Ҳикояҳои иҷтимоӣ – маишӣ.

3. Ҳикояи ахлоқӣ.

4. Ҳикояҳои ишқӣ.

5. Ҳикояҳои тамсилӣ.

6. Ҳикояҳои ёддоштӣ, ки аз руҷӯъҳои публитсистӣ саршоранд.

7.Ҳикояҳое, ки дар сарҳадди новелла қарор доранд.

Аз назари тафсилоти воқеа, тарзи баён ва сабки нигориш ҳикоёти ин нависандаро ба тариқи зайл гурӯҳбандӣ метавон кард:

1. Ҳикояҳое, ки асосан аз забони ровӣ нақл мешаванд ва воқеият дар пасманзари таҳкия қарор мегирад. Дар баробари ин ҷо – ҷо муколамаи қаҳрамонон дида мешавад.

2. Ҳикоя – монолог. Ин гуна офаридаҳои бадеӣ бештар аз хаёлоту андешаҳои қаҳрамон ё ровӣ таркиб ёфтаанд.

3. Ҳикоёте, ки дар онҳо муколамаи персонажҳо назар ба монолог, руҷӯъҳои лирикӣ ва манзарапардозӣ бартарӣ дорад.

4. Ҳикояҳое, ки дар онҳо рамзгароӣ моҳияти воқеа ё зуҳуроти иҷтимоиро ифода кардааст.

Жанри дуюми эҷодиёти адиб повест мебошад. Повести аввалини Сорбон «Занги аввал» (1970) ном дошта, минбаъд осори дар ин қолаби адабӣ эҷодкардаи нависанда, мисли «Санги сипар» (1972), «Ҷӯгӣ» (1973), «Буд, набуд» (1975), «Шинел» (дар «Куллиёт»-и Сорбон «Шинели падар» унвон гирифтааст- Қ.Д.) (1978), «Сабо» (1980), «Қумрӣ» (1986), «Дашти морон» (1987), «Чархи эҳтиётӣ» (1987) ва «Шерпаланг» (2012) ба табъ расиданд. Қиссаҳои хурди нависанда дар маҷмӯаҳои «Пиндор» (1995) ва «Марди танҳо» (2003) фароҳам омадаанд.

Бояд ёдовар шуд, ки аксари повестҳои Сорбон дар замони шӯравӣ навишта шуданд ва мавзӯи онҳо низ ба дарунмояи ҳамон муҳит, меъёрҳову қонунмандиҳои иҷтимоии он даврон марбут аст. Нишонаҳо ва вижагиҳои повестҳои нависанда ва мақсадҳои эҷодии ӯ дар нуктаҳои зайл ифода меёбанд:

1. Тасвири рӯзгори мардуми тоҷик дар рӯбарӯи ҳодисаҳои муҳими садаи XX, амсоли босмачигарӣ, Ҷанги Бузурги Ватанӣ, ҳаракати оммавии ташкили колхозҳо ва дигар падидаҳои иҷтимоию сиёсӣ.

2. Офаридани образи зани тоҷик ва тасвири намунаҳои ҷолиби сарнавишти ӯ, нигориши ранҷу маҳрумиятҳое, ки бар асари таассуб бар анъанаҳо, хурофот ва дин бар сари ӯ омадаанд.

3. Пайванди зотии мардуми кӯҳистони тоҷик ба меҳнат, заҳматписандӣ, садоқатмандии онҳо ба давлату ҳукумат ва нишондодҳои низоми сиёсии ҳоким.

4. Нигориши аркону меъёрҳои ахлоқу маниши нек, муҳаббату садоқат, ростию покӣ, тарғиби арзишҳои олии инсонӣ.

5. Муаррифию бозтоби чеҳраҳои манфуру разил, ки дар ҳар марҳалаи ҳаёти иҷтимоӣ бо рангу сурат ва ҳадафу мавқеъгирии хос тазоҳур менамоянд. Сорбон кӯшидааст, ки симои миллӣ доштани персонажҳои манфӣ, зери таъсири омилҳои маҳаллӣ қарор гирифтани онҳо ва ниҳоят дар заминаи зуҳуроти нави иҷтимоию сиёсӣ шикаст хӯрдани чунин шахсиятҳоро дар перояи бадеият тасвир созад.

Гуфтан бамаврид аст, ки аз миёни ҳамаи повестҳои нависанда, амсоли «Занги аввал», «Санги сипар», «Ҷӯгӣ», «Буд, набуд», «Шинели падар», «Сабо», «Дашти морон» танҳо дар «Қумрӣ» ва «Чархи эҳтиётӣ» ҷойи умумии баргузории амалиёт ва зиндагонии қаҳрамонон тағйир меёбад. Ҳарчанд ки модари яке аз персонажҳои марказии «Чархи эҳтиётӣ» Калонхон дар деҳа зиндагӣ менамояд ё қисмати асосии ҳодисаҳои «Қумрӣ» зимни нақли қаҳрамони ҳамноми асар ва модари ӯ дар деҳа рух медиҳанд, вале манзараи ягона аз ҳавзаи ҷуғрофиёии асарофаринии Сорбон берун аст. Мо дар ҳамаи повестҳои Сорбон ҳодисаҳою тақдирҳои ҳамгунро зиёд мебинем. Масалан, дар «Занги аввал», «Санги сипар», «Ҷӯгӣ», «Буд, набуд», «Шинели падар», «Сабо», «Дашти морон», «Қумрӣ» зан ситамдидаю меҳнатқарин буда, бо имкониятҳои замонии ҳуқуқии худ бо мардон ва дигар қонунҳои зиндагӣ мубориза мебарад. Талош мекунад, ки нерӯмандии худро дар баробари мардон нишон диҳад ва қадру қимати

худро дар муҳити иҷтимоӣ маълум созад. Дар «Чархи эҳтиётӣ» мо акси ин ҳолатро мебинем. Бо вуҷуди он ки персонажи марказӣ – Истад худро дастхуши мардони «обруманд»-у «намоён»-и замон дидан мехоҳад, ба шахсиятҳои аз назари иҷтимоӣ мустағнӣ қаробат меҷӯяд, шавҳари худ Калонхонро поймоли ғуруру тавоноии моддию молиявии худ мегардонад.

Албатта, чунин баррасиҳои ғоявӣ, мавзӯӣ ва ҳунарии повестҳои Сорбон дар фасли алоҳида сурат мегиранд.

Танҳо гуфтан ҷоиз аст, ки жанри повест як бахши умдаи осори Сорбонро фаро гирифта, камолоти ҳунарии қаламкаш дар сужетофаринӣ, манзарапардозӣ, қиёфатарошӣ, баёни ҳолот, бархурди инсон бо ашёву муҳит, забони нигориш, гузиниши вожаю таъбирот ва дигар аносири луғавию сарфию наҳвӣ ба зуҳур мерасад.

Дар марҳалаи кунунӣ роман ба жанри марказии эҷодиёти Сорбон табдил ёфтааст. Дар замони шӯравӣ танҳо ду романи нависанда «Актёр» (1981) ва «Зарафшон» (китоби 1, 1988) рӯйи коғаз омад. Китоби дуюми «Зарафшон» (1997), «Достони писари Худо» (китоби якуму дуюм 2000, 2006), «Кадевар» (2006), «Туғрал» (ҳамчун китоби сеюми «Зарафшон», 2007), «Росу» (2009), «Барзгар» (2014), «Шаҳрбону» (2015) маҳсули эҷодиёти адиб дар солҳои истиқлолияти Тоҷикистон мебошанд. Ин маънои онро дорад, ки нависандаи соҳибтаҷриба хостааст дар қолаби ин навъи муҳташами ҳамосавӣ воқеаву рӯйдодҳоеро, ки бо тақозои вақту замон ва сарнавишти одамон ба ҳам печида, як ҷузъи зиндагии халқро созмон додаанд, тасвир намояд. Нависанда ба масоиле, ки маъмулан меҳвари мавзӯоти роман ба шумор меравад, аз қабили таърих, ахлоқ, фалсафа ва ғайраро банду басти бадеӣ кардааст.

Бояд ёдовар шуд, ки аз миёни ҳамаи романҳои нависанда бештар таваҷҷуҳи мунаққидонро романҳои «Актёр» ва «Достони писари Худо» ҷалб намудаанд. Ба андешаи мо ин амалкард ба чанд омил бастагӣ дорад.

Якум, «Актёр» романи нахустини нависанда мебошад. Дар фазои адабии шӯравӣ таълифи роман мазмуни пешрафту нумӯи ҳунарии суханварро ифода менамуд.

Дуюм, асар ифшогари зиндагиномаи ҳунарманде буд, ки дар марҳалаи тараққиёти моддию маънавии замон (ҳукумати шӯравӣ) умр ба сар мебурд. Низоми ҳоким дар он айём тавонист, ки аксари мушкилоту монеаҳо ва унсурҳоеро, ки сабаби инкишофи ҷамъият мегардиданд, аз байн бубарад. Аз ин рӯ, зиддиятҳои умумӣ аз миён рафта бошанд ҳам, ихтилофҳои гурӯҳии ногузиру ғаризӣ дар байни ҷомеаҳои меҳнатӣ, иттиҳодияҳои эҷодӣ, коргоҳу муассисаҳо вуҷуд доштанд. Рақобатҳоеро, ки Сорбон дар мисоли ҳастии Ромиз тасвир намуда буд, дар ҳар корхонаю ташкилот намунаҳои худро доштанд. Интихоби нозуконаи мавзӯъ боиси таваҷҷуҳи танқиди адабӣ гардид, ки оё нависанда метавонад симои ҳунарманди соҳибистеъдод ва рӯҳияи устувори ӯро дар лобалои сангарҳою деворҳои маҷозӣ биёфарад? Бахусус, дар замоне, ки зиндагии маънавии мардум ҳам дар шаҳру ҳам дар деҳот ба василаи театру хонаҳои маданият ва клубу коххои фарҳанг пайванди маҳкам пайдо кардааст.

Дар хусуси ин асар адабиётшиносон М.Шукуров, Ҷ.Бақозода, А.Набиев, А.Раҳмонов, Н.Салимов, М.Раҷабов, М.Хоҷаева ва дигарон мулоҳизоти хешро дар мақолаҳои ҷудогона ва зимни таҳлилҳои манзараи умумии насри замон баён намудаанд. Ромиз прототипи (К.Шукруллоҳӣ ба ҷойи ин истилоҳ калимаи «пешнамуна» (100, 101, 106) ва А.Сатторзода «шабеҳа»-ро ба кор бурдаанд– Қ.Д.) ҳунарманди машҳур Маҳмудҷон Воҳидов аст.

М.Хоҷаева «қаҳрамони Сорбон Ромизро инсони ҳунарманду волотабъ, ҳассосу нозукдил ва эҷодкори асил» номида, зикр мекунад, ки нависанда тавассути ин образ «ҷаҳони маънавии зиёии эҷодкор ва ҳунарвари соҳибзавқро нишон додан хостааст» (88, 102).

Хулосаи муҳаққиқ К.Шукруллоҳӣ низ дар мавриди сужети романи мазкур маҳкамасос садо додааст: «Ромизро танҳо ҳувияти инсонӣ ва ҳайсияти ҳунариаш нагузошт, ки худро фидо кунад ва ё ҳамранги ҷамоат шавад. Сорбон аз тасвири фарозу фуруди сарнавишти Ромиз ба ин натиҷа расидааст, ки ҳар касе ба наҳве метавонад қурбонии низоми иҷтимои

ҳарранга шавад, агар худҷӯву худсоз ва раҳогар набошад. Раҳоии Ромиз аз фишорҳо раҳоии ҳунар аз беҳунарон аст» (100, 110).

Сеюм,номи романи «Достони писари Худо», рӯзгори устураомези Искандар, иртиботи хунию иркии ӯ бо хонадони эронӣ ва ҳазорон далели таърихии мазбут дар осори таърихии ҷаҳонӣ ва назму насри форсии тоҷикӣ ангезаҳое буданд, ки аҳли таҳқиқро маҷзуби ин асари калонҳаҷми Сорбон сохтанд.

Чорум, тозагии мавзӯи роман ва густурдагии сужети он ҳамчун падидаи нави эҷодӣ дар насри муосир боиси зуҳури пажӯҳишҳо гардид. Матлаби мазкурро тадқиқоти анҷомдодаи А.Сайфуллоев, Ҷ.Бақозода, А.Набавӣ, Ш.Солеҳов, З.Ӯлмасова, М.Нарзиқул, К.Шукруллоҳӣ собит мекунанд. Пажӯҳишгарони мазкур ҳамаҷониба мундарича, сужет, композитсия, тарзи офариниши образҳо, характеристикаи онҳо, забону услуб ва ҳунари нигориши «Достони писари Худо»-ро баррасӣ кардаанд.

Дар баробари муҳассаноте, ки муҳаққиқон доир ба романи «Достони писари Худо» баён доштаанд, инчунин перомуни камбудиҳои он низ изҳори назар намудаанд. Масалан, А.Сайфуллоев баъди шарҳи умумии романҳои даврони истиқлол мегӯяд: «Роман жанри серғунҷоиш ва бузург аст. Баъзеи онҳо аз лиҳози фарогирии воқеаҳои таърихӣ, ҳамчун «Достони писари Худо» –и Сорбон ба пояи романи ҳамоса наздик шудаанд. Ҳаҷмаш ҳам хеле калон аст 1370 - саҳифа. Метарсам , ки мутолиаи он ба мухлисони адабиёт малол наорад» (69, 76).

Эроди дигари муҳаққиқ дар мавриди саҳнаҳои бархурди мардону занон ва ишқу ҳавасбозиҳои онҳост, ки дар тасвири он одоби шарқӣ риоя нагардидааст: «Дар роман манзара ва тасвирҳои натуралистӣ, бепарда ва фошгӯиҳо низ ба назар мерасанд. Онҳо ба ахлоқи ҳамидаи хонанда мувофиқ нестанд» (69, 627) ё «ин гуна манзараҳо аз баландии маданияти ботинии адиб далолат намекунанд ва ба ахлоқи оммаҳои васеи хонандаҳои тоҷик мувофиқ намеоянд» (69, 630).

Ҳамчунин зоҳиран ягона эроде, ки нисбати романи «Достони писари Худо» К.Шукруллоҳӣ мегирад, бо мулоҳизаи нахустини А.Сайфуллоев

яксон аст: «Ба ёд меоварем саҳифаеро, ки нависанда ба суҳбати Арасту, модар ва Искандар дар боби ҷанг ва сулҳ бахшидааст. Дар ин муколамаи тӯлонӣ ба нависанда муяссар нашудааст,ки зиндагии рӯҳонии қаҳрамононашро ифода кунад, баръакс, ҳадафашро камранг сохта, ҳолати бетафовутии равониро ба вуҷуд овардааст. Ин усули тасвир дар роман афзалият дошта, то ҷое сабаби пургӯӣ ва анбориш низ шудааст, ки омили аслии тасвири хушки олами ботинии шахсиятҳои роман гардидааст. Чунин усули тасвир майл ба ҳамчашмии муассирро нисбат ба намунаҳои ахлоқӣ дар хонанда коҳиш медиҳад» (100, 194).

А.Сатторзода дар канори зикри ҷанбаҳои хуби роман менигорад, ки барои он ҳама бедодгариҳое, ки Искандар дар сарзамини мо кард, «Авасто»-ро сӯзонид, қароргоҳи шоҳони сосонӣ – айвони Мадоинро ба харобазор табдил дод, ӯро «Гуҷастак» (лаънатӣ) лақаб дода буданд. Аз ин рӯ, Сорбонро зарур буд, ки барои ворисони тамаддуни ориёӣ чеҳраи воқеии Искандарро меофарид, ӯро шоҳи золиму вайронкор ва ҷоҳилу мутаассиб тасвир менамуд (13, 11).

Кароматуллоҳи Шукруллоҳӣ бо овардани далелҳо аз мундариҷаи роман пешниҳоди А.Сатторзодаро қабул намедорад (100, 181).

Масъалаи мазкур, яъне баҳси ба таври ҳақиқӣ тасвир ёфтани симои Искандарро А.Сайфуллоев баён менамояд, ки зимнан онро поёну хулосаи ин гуногунандешии хатти сужети роман фаҳмидан мумкин аст: «Сорбон ба Искандари таърихӣ ҳамчун ба пайғамбар не, балки ҳамчун ба як нафар лашкаркаши беназир, ки кораш хунхорӣ, қатли ом, зулму ситам, барбодгари Тахти Ҷамшед, китоби муқаддаси «Авасто», ғоратгару яғмогар баҳо медиҳад» (69, 587).

Аз мулоҳизоти адабиётшиносони ёдшуда бояд ин матлаб ба сароҳат берун кашида шавад, ки айвони Мадоинро арабҳо вайрон карда буданд ва Искандар ҳамасри сосониҳо набуд. Ӯро маҳвкунандаи Тахти Ҷамшед номидан дуруст аст.

Романи «Туғрал» низ сирф таърихӣ буда, нависанда дар заминаи ашъор, асноду далелҳо, мақолоти илмӣ ва шунидаҳои хеш симои чеҳраи

равшани адабиёти нимаи дуюми асри X1X ва оғози садаи XX Муҳаммад Нақибхон Туғрали Аҳрориро офаридааст. Чи хеле дар муқаддима хотирнишон сохтем, баррасии нисбатан муфассали ин асарро З.Ӯлмасова ба субут расонидааст.

Романҳои дигари нависанда «Зарафшон» (китоби дуюм), «Кадевар» «Росу», «Барзгар» ва «Шаҳрбону» ба масоили гуногуни иҷтимоию маънавии ҷомеаи Тоҷикистон бахшида шудаанд. Бахусус, дар «Кадевар» «Росу», «Барзгар» сухан аз воқеоте меравад, ки дар остонаи пошхӯрии Иттиҳоди шӯравӣ ва солҳои аввали истиқлолият рух додаанд. Шахсиятҳо ва гурӯҳҳои амалкунанда дар ин романҳо ба заминфурӯшӣ, вайрон кардани корхонаҳо, хароб намудану ба фурӯш гузоштани коргоҳҳое, ки барои сохтмони онҳо дар замони шӯравӣ маблағҳои ҳангуфт сарф шуда буданд, машғуланд. Одамкушӣ, фиреб додани ҳамдигар, хиёнат ба ҳамзамонон, тағйир додани маънию самти зиндагӣ, истифода бурдан аз холигоҳи сиёсӣ, суд ҷустан аз бемавқеии раҳбарони хоҷагию муассисаҳо, бетарафии мардум, руҳафтодагӣ, муҳоҷират ва дигар падидаю зуҳуроти нохушоянд моҳияту мазмуни романҳои ёдшударо сомон медиҳанд.

Таҳлилу баррасии мухтасари романҳои мазкур дар пажӯҳиши К.Шукруллоҳӣ, тақризи Х.Шарифзода ва пешгуфтори барои «Куллиёт»-и Сорбон навиштаи А.Сатторзода ба чашм мерасанд.

Бояд афзуд, ки таҳқиқи ҳамаҷонибаи романҳои Сорбон мавзӯи ҷудогонаро тақозо менамоянд ва мо бо зикри андаки ин иттилооти илмӣ иктифо менамоем.

Сорбон дар китоби «Мағзреза»-и худ дидаву шунидаҳояш ёддошту хотироти мухтасар, латифаҳо, пандномаҳои кӯтоҳ, зарофату гуфтори ибратомӯзонаи ҳамзамонон, рафтору кирдори ғайримуқаррарию аҷиби одамон ва дигар маводу андешаҳоеро, ки ба гуфти худаш, ҳангоми навиштани асарҳои гуногун аз қалб берун омадаанд, маҷмӯа сохтааст. Аз рӯи ҳаҷм баъзе аз маводи «Мағзреза» ба сарҳадди ҳикоя ва новелла расидаанд, вале бархе аз онҳо хеле хурд буда, бо ду-се ҷумла ё бо ду-се саволу посух ба охир мерасанд. Ба гумони мо, нависанда кӯшиш

намудааст, ки ягон порча ё ҷузъи хурдтарини эҷодиёташро берун наандозад, балки нашр созаду ба хонанда расонад. Муаллиф дар муқаддимаи ин китоб даъвои асари мукаммали бадеӣ ва ё ба ин ё он жанри адабӣ мувофиқ будани ин гуна навиштаҳо чизе намегӯяд.

Аз ин хотир, ба истиснои чанд ҳикояту новелла ва латифаҳо аз ҳаҷму муҳтавои осори маҷмӯаи «Мағзреза» унвони жанрии бархе аз навиштаҳоро маълум кардан имкон надорад. Шояд онҳо панд, ҳикмат, мушоҳида, таассурот ва ҳосилаи як нигоҳу андешаи суханвар бошанд.

Асари дигаре, ки дар эҷодиёти Сорбон аз назари қонунияти жанрӣ аз ҳикояву повест ва роман тафовут дорад, асари ёддоштии «Лоиқнома» мебошад. Китоби мазкур ёдномаи нависанда оид ба устод Лоиқ Шералӣ буда, бино ба ахбори муаллиф, онҳо дӯстию бародарии чилу шашсола доштанд (16, 372). Якҷоя дар Омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Панҷакент таҳсил намуданд ва сипас дар Душанбе рафоқату ҳамдилиро идома доданд. Шабу рӯз аз аҳволи ҳамдигар огоҳ буданд. Устод Лоиқ Шералӣ мустақиман як шеъри худро ба бародари ҳамдаму ҳамнафаси хеш Сорбон бахшидааст. Ин шеър «Барои Сорбон» (32, 80) ном дорад.

Ба андешаи К.Шукруллоҳӣ шеъри «Ҷавонӣ»-и устод Лоиқ, ки дар катибааш «Ба дӯстам Меҳр» навишта шуда, санаи эҷоди он 12-уми январи соли 1965 аст (32, 43-44), иҳдоияи шоир ба дӯсташ Сорбон мебошад, ки он айём Меҳр тахаллус мекард (100, 19-20).

Ҳамчунин устод Лоиқ ғазали ҳузнангезеро, ки гӯё дар сӯгу аламҳои худ гуфта буд ва таърихи иншои он дар «Куллиёт»-и ин суханвари мумтоз 13-уми январи соли 1999 нишон дода шудааст, бо ин байт ба охир мерасонад:

Сорбон оҳи ҷаҳонсӯзи маро менолад,

«Ватанам, о ватанам, о ватанам, о ватанам» (32, 437).

Ин байт шоҳиди безабонест, ки шаҳодат аз дӯстии ҷовидонии ин ду суханвари номовари замони мо менамояд.Лаҳзаю қисматҳои «Лоиқнома»-ро як хатти сужет ба ҳам мепайвандад. Сорбон бемории Лоиқро шунида, ҳамроҳи писари худ Ҷовидон, бародару писари шоир Қоришарифу

Ҷамшед аз Панҷакент ба Душанбе роҳ мегиранд. Дар роҳ – маркази Фарғар ба онҳо Кароматуллоҳи Шукруллоҳ ҳамроҳ мешавад. Нависандаи ёддоштҳо аз зодгоҳи худ то даромадан ба шаҳри Душанбе бо ҳамсафарони худ, бахусус Қоришариф рӯзгори худу устод Лоиқ, аввалин дидор, маҳфилҳо, мукотиба, нашри асарҳо, машғулиятҳои айёми ҷавонӣ, ба хидмати ҳарбӣ рафтани шоир, оиладоршавӣ, камолоти маънавӣ, фаъолият дар Кумитаи телевизиону радиои тоҷик, ҳамнишинӣ бо бузургони адабиёти давр, амсоли Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода, Мирсаид Миршакар, Фотеҳ Ниёзӣ, Фазлиддин Муҳаммадиев, Мӯъмин Қаноат, Убайд Раҷаб, Ӯрун Кӯҳзод, Ҷумъа Одина, Мастон Шералӣ, Ҳабибулло Файзулло ва дигар суханварон, инчунин садҳо хотираҳоро варақгардон менамояд. Дар аксари лаҳзаҳо, ба ғайр аз ёдвораҳои айёми тифлию наврасии шоир дигар дар бештари фурсати ҳаёти устод Лоиқ Шералӣ Сорбон ҳамчун «ҷӯраи ҷамолакӣ» ҳузур дорад. Ба андешаи мо, ин асар фақат «Лоиқнома» нест, балки «Сорбоннома» низ ҳаст. Инро маълумоти фаровони шарҳиҳолии нависанда собит месозад.«Лоиқнома»-и Сорбон асари омӯзанда аст ва адиб кӯшиш намудааст, ки суннатҳои ёддоштнависиро идома диҳад.

Арзиши адабии асар дар он зоҳир мешавад, ки муаллиф дар хусуси чӣ тавр навишта шудани баъзе асарҳои худ, номгузорӣ шудани повести «Сабо», таълифи «Занги аввал», дар хондану беҳтар гардидани мазмуну мундариҷаи онҳо саҳм доштани Лоиқ Шералӣ, муҳити маънавии солҳои 70-80-уми асри гузаштаро ифода кардани романи «Актёр», ба унсурҳои нодири лексикию ҳифзи забони классикӣ майл доштани як зумра адибону адабиётшиносони ҷавон, инчунин доир ба мавқеи шахсию ҳунарии чанде аз қаламкашон ахбори ҷолибу мустанадро манзур менамояд. Аз мундариҷаи асар бармеояд, ки аз нақшаю тарҳи навиштани «Достони писари Худо» устод Лоиқ барвақт огоҳ будаанд ва ҳар ҷо Сорбонро барои амалигардонии ин ҳадаф, навиштану идома бахшидани кору таълифи он тарғиб намудааст.

Маҳз дар ин китоб баҳоеро, ки Лоиқ Шералӣ нисбат ба Сорбон дар суҳбат бо Ҳокими Азиз, дар назди пояи муҷассамаи Мирзо Турсунзода гуфтаанд, оварда шудааст: «.. ман агар дар шеър як мартабае ёфта бошам, устод Сорбон дар наср … ҷояш мусаллам аст… Нависандае нест, ки бо ин майда-чуйдаҳойи зиндагӣ кор дошта бошад, бо насри бузурги ҷаҳонӣ кор дорад. Нависандаи баномус аст, баройи миллат кор кард, ҳар коре кард, хоҳ хом буд, хоҳ пухта буд, баройи миллат кор кард; як навъ барангехтани рӯҳи миллӣ дар ҷомеаи мо буд… Ва ман иқдоми Сорбонро ба иншойи «Достони писари Худо» табрик мегӯям, саҷда мекунам…Хаёл мекунам, ки ин қуллайи офаринишҳойи Сорбон мешавад. Як нуктаро мегӯям, ки Сорбон дар зоти худаш нотакрор аст» (16, 407).

«Лоиқнома» ба ҳадде насри мустанад аст, ки соҳиби он бе зикри шоҳид, яъне бе овардани ному насаби одамоне, ки дар садҳо лаҳзаҳои умри устод Лоиқ бо ӯ бархурду ҳамнишинӣ доштанд, ҳарфе намегӯяд. Ҳатто дар мавридҳое номи инсонҳои одӣ, мухлисону иродатмандони адабиёт, касони раҳгузареро, ки бо сабабе бо шоир сарбасар омада буданд, ба хотир меорад. Сорбон зикри сареҳи вақту мавриди суҳбату дидор ва маҷлису маҳфилҳо, ёдоварии нафароне, ки ширкаткунандаву масъули ҷаласаҳо буданд, шарти аслии ёдноманависӣ ба шумор овардааст. Қисмати охири асар шеваи ғиноӣ ба худ мегирад. Сорбон ба гиряву мӯя меоғозад, сӯгнома месарояд ва ба ғамсароӣ мепардозад.

Ҳамин тавр, равшан мешавад, ки Сорбон дар жанрҳои маъмулу меҳварии ҷинси ҳамосавӣ, амсоли ҳикоя, повест, роман, инчунин жанри махсуси ёддошт санҷиши қалам намуда, муҳимтарин ҳодисаҳои дирӯзу имрӯзи таърихи халқу миллатро рӯйи коғаз меоварад. Тавзеҳу ташреҳи бадеии воқеаҳо дар осори Сорбон тавре сурат гирифтаанд, ки хонандаи насли дирӯзу имрӯз нишонаҳои хоси рӯзгори худ, шебу фарози қисмат, буду набуди тақдир, қадру қимати инсон, таъсири муҳиту замон ба зиндагӣ, талош барои зистану сохтан, муборизаи ақлу андешаҳо, зӯрмандии ҷисмҳо ва дигар ҳолатҳои дунёи одамиро дар перояи каломи шево, рангомез ва муассир бишносад.

# Боби 2. Вежагиҳои мавзӯиву ғоявӣ ва жанриву сохторӣ дар осори Сорбон

## Фасли якум. Вижагиҳои жанрию сохтории ҳикоя ва повестҳои Сорбон

Бояд ёдовар шуд, ки танқиди адабӣ ба таҳлилу баррасии фаъолияти эҷодии Сорбон маҳз аз ҳикояҳояш шурӯъ кардааст. А.Сайфуллоев оид ба ҳикояи «Гулзамон»-и Сорбон, ки соли 1969 ба нашр расидааст, изҳори назар менамояд. Аз ҷумла, ба ин асар ӯ чунин эрод мегирад: «Яъсу навмедӣ дар ҷамъияти мо асоси иҷтимоӣ надорад, чунон ки образҳои Сорбон аз асоси реалӣ маҳрум буда, руҳияи халқро чи дар замони ҷанг ва чи дар давраи ҳозира ифода карда наметавонанд» (139, 3). Ҳамзамон доир ба сабку забони ҳикоя менависад, ки «корбурди ҷумлаҳои бемантиқ ва мазмунан хато, ташбеҳҳои бенур, ибораю ифодаҳои вайрон, суханҳои бемавқею нодуруст истифода шудаанд» (139,3).Камбудиҳои асарро мунаққид ҳамчунин дар номи асосияшро зикр накардани қаҳрамон, бо ном зикр наёфтани пирамарди иштирокчии ҷанг ва ғайра низ мебинад.

Вале дар ҷои дигар мунаққид А.Сайфуллоев ба кутоҳнависиву муъҷазбаёнии Сорбон дар қолаби ҳикоя баҳои муносиб дода, маҷмӯан перомуни усули нигориши ин жанри адабӣ мегӯяд: «Ҳикояи «Гулзамон» монанди дигар ҳикояҳои Сорбон кӯтоҳ ва ихчам аст, ки ин ҷиҳати эҷодиёти ӯст. Аммо бояд кӯшиш кард, ки кӯтоҳнависӣ ба мундариҷаи ғоявӣ, шакли бадеӣ, санъатҳои адабӣ ва забону услуби асар осебе нарасонад. Кӯтоҳбаёнӣ аз ҳисоби сужети муъҷаз, фикри бикр, образҳои барҷаста ва ибораҳои рехта ба вуҷуд меояд» (139, 3).

Ҳикояи мазкур дар «Куллиёт»-и нависанда низ дар ҳаҷми дуюним саҳфа оварда шудааст. Он дар хусуси сарвари (муаллими) нави мактаби деҳае ҳикоят мекунад, ки бар асари ҷанг падару модарро аз даст дода, худ дар ятимхона тарбия ёфтааст. Қаҳрамони асосӣ аз гузаштаи худ ҳеҷ хабаре надорад. Зикри деҳа ва пирамарди посбони мактаб дар нашри охирини ҳикоя бидуни ном сурат мегирад. Маълум мешавад, ки муаллиф дар чопи такрории ҳикоя, баъди чилу як сол нашри аввал тағйир додани равиши

нигориши сужети асар, банду басти он ва ҷузъиёти воқеаҳоро зарур нашуморидааст (23, 162-164).

Агар мунсифона, аз дидгоҳи имрӯз баҳо диҳем, Сорбон дар ҳикояи «Гулзамон» кушодани банди чанд гиреҳро ба зиммаи хонанда вомегузорад ва ҳушмандона ӯро ба фикр кардан водор менамояд. Аз ҷумла, хонанда пай мебарад, ки сарвари мактаб, ки аз бекасиву беодамӣ ва сарнавишти номаълуму торик худро Сағир Ятимов ном мебарад, зодаи ҳамин деҳаест, ки дар он ҷо чун сарвари мактаб фаъолият менамояд. Пирамарди посбон бошад, амаки ӯст ва ин ҷавон бо номи Гулҷаҳон хоҳар низ дорад.

Фоҷиаи ҷангро Сорбон на бо оҳу нола, ғиреву фарёд ва талошҳои муттасили қаҳрамонҳо, балки дар заминаи муколамаи персонажи асосӣ бо посбони мактаб ифода кардааст. Ҳарчанд ки Сағир Ятимов бо лаҳзаҳои шодиву сурур ва ғаму андӯҳи ҳаёти деҳотиён шарик аст, вале дарди танҳоӣ, маҳҷурӣ бо аҷдоду ақрабо ӯро гирифтаву афсурда сохтааст.

Ҷӯра Бақозода дар мақолаи «Тасвири инсон дар ҳикоя» (1973), баробар бо таҳлили ҳикояҳои устодони наср Ҳаким Карим, Сотим Улуғзода, Ҷалол Икромӣ, Раҳим Ҷалил, Баҳриддин Азизӣ, Пӯлод Толис, Фазлиддин Муҳаммадиев, ба баррасии мавзӯъ, мундариҷа, сужет, композитсия, услуби баён, пайванди воқеият бо бадеият ва ниҳоят арзиши эстетикии ин жанри роиҷ дар эҷодиёти Сорбону ҳамсафони ӯ, амсоли Саттор Турсун, Ӯрун Кӯҳзод, Юсуф Акобиров, Муҳиддин Хоҷаев, Баҳром Фирӯз, Бурҳони Ғанӣ ва дигарон мепардозад. Вай менависад, ки дар ҳикояҳои ин адибон «услуби воқеанигорӣ ба тасвирҳои психологӣ, лирикӣ, муколамаю монологҳои ботинӣ омехта гашта, дар офаридани характери бадеӣ нишон додани эҳсосот, кайфият, талотуми дохилӣ имкониятҳои васеъ фароҳам овард» (38, 98-106).

Дар ин мақола Ҷ.Бақозода ҳикояҳои «Афсона» ва «Бобохон» -и Сорбонро мавриди таҳлил қарор медиҳад.

Ҳикояи «Афсона» саропо аз муколама иборат аст. Дар он ишқи ду ҷавоне, ки барои ҳамдигар дар мулоқоти нахустин Наргис ва Гулбоз ном мениҳанд, тасвир меёбад. Маълум мегардад, ки ҷавонмард оиладор буда,

бо гуфтори нарму рафтори зоҳиран «шоиста» духтарро фиреб доданист. Хулосаи ҳикоя, ки аз тарафи Наргис садо медиҳад, ҷанбаи қавии ахлоқӣ дорад, ки гӯё дар замони осоиштагӣ бештари мардҳо ба булҳавас табдил ёфтаанд: «Ту танҳо нестӣ, ҳамаи мардҳо дар назди занҳои бегона муҷарраданд. Занҳояшон дар ҳамон лаҳза ё мемуранд ё бевафо мешаванд, вале мардҳо ҳама вақт пок, ошиқ ва кӯр ҳастанд, ки ба ҷуз зани дар наздашон истода дигареро намебинанд. Муҳаббати даргузар ҳам дар ҳаминҳост ва муҳаббатро мекуштагӣ ҳам ҳаминҳоянд…» (23, 63).

Сорбон дар нигориши ҳикоя имконияти дохилии ин жанрро, ки дар мушаххасгӯӣ, баёни саргузашти хурд, нигориши як лаҳзаи ҳаёти тезу тунд ва пурмоҷарои қаҳрамон ифода меёбад, огоҳона ба назар гирифтааст.

Тасвирҳои **психологӣ** дар ҳикояҳои Сорбон мавқеи махсус доранд. Мо ин вижагии эҷодиёти Сорбонро дар заминаи чанд намунаи ҳикояҳои ӯ мавриди баррасӣ қарор додем. Маълум гардид, ки бештари ҳикояҳои адиб ҳаҷман хурду мухтасар буда, аксари вақт нигоранда фаҳми ниҳоии мавзӯи тасвиршавандаро ба андешаю зарфияти зеҳнии хонанда вогузор менамояд.

Ҷ.Бақозода ба унвони ҳикояҳои беҳтарин «Сози Мунаввар», «Рӯзи дафни усто Оқил», «Даъво»-и Фазлиддин Муҳаммадиев, «Марги ҳофиз»-и Сотим Улуғзода, баъзе ҳикояҳои Саттор Турсун, Сорбон, Ӯрун Кӯҳзод, Бурҳон Ғанӣ ва дигаронро хотиррасон намуда, хусусиятҳои жанрии ҳикояро чунин тавзеҳ медиҳад: «Воқеан дар ҳикоя «воқеаи конкрет», саргузашти хурд, як лавҳаи ҳаёти қаҳрамон дар конфликти тезу тунди ботинӣ инъикос меёбад. Ягонагии дохилӣ ва мухтасарбаёнии зоҳирии ҳикояро алоқаи зичи ҳодисаҳои тасвиршаванда муайян мекунад. Яке аз хусусиятҳои жанрии ҳикоя иборат аз он аст, ки характер дар он ҳамаҷониба ва бо ҷузъиёташ тасвир намеёбад. Моҳияти характер дар як рафтору амалиёт ва воқиаи муҳим кушода мешавад, ки он дар ҳаёти инсон гардиши қатъист» (38, 98).

Ин ҷо бори дигар равшан мегардад, ки Сорбон бо таълифи ҳикояҳои ҷолиб дар ҷараёни адабии давр мавқеи хос дорад. Исботи маҷмӯи андешаҳои баёнкардаи адабиётшиносонро мо дар ҳикояҳои

Сорбон мебинем ва устодии ӯ дар эҷоди беҳтарин ҳикоёт собит мешавад. Масалан, ҳикояи «Хоб» ҳаҷман хеле хурд аст. Дар он нависанда вазъи зиндагии мардумро дар солҳои вазнини баъди Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар мисоли заҳматкашии ду қаҳрамон тасвир менамояд. Падари қаҳрамони ҳикоя марди кӯҳистонӣ дар баробари касбу кори дигар соҳиби шуғли ҷамъ овардану фурӯхтани ҳезум аст. Дар ин кор ёвари ӯ писараш мебошад, ки ҳанӯз ҷону мадори кӯмаки зиёд намудан ба падарро надорад. Вале бо ин ҳама тифлию каммадорӣ  ӯ ҳамроҳу ҳамсафари падари орому бовиқори худ аст. Тасвири лаҳзаи душвори дар нишебӣ бор кардани ҳезум, ҷое ки маркабро магас мегазад ва кӯдак нерӯи доштани банди ҳезумро надорад, басо ҷолибу риққатангез рӯи коғаз оварда шудааст: «Пойи ман ҳам мелағжад. Падарам маро бардошта сарзаниш мекунад. Ба чашмонаш ашк медавад. Лабони ларзонашро зери дандон гирифта, ҷигот меандозад ва ба уфуқи дури назарфиреб чашм медӯзад.

Чӣ нигоҳе, чӣ осори хирадест, ки дар симои падари ман падид меояд, ҳамчун гули зери буттаҳо бӯй мебарораду рух нишон намедиҳад. Агар ман наққош мебудам, ҳамин ҳолати падарамро, ки як китоб маънӣ дорад, дар сангу чӯбҳо тарошида, дар қуллаи кӯҳ мегузоштам» (23, 5).

Адиб ба василаи нақли ровӣ ё руҷӯи лирикӣ танҳо бори гарони ба сари як мард афтодаро не, балки азоби як халқро тасвир менамояд. Ин марди кӯҳистонӣ инсони боғурурест, ки ҳезумашро бо вуҷуди арзон харидорӣ кардани Одина ном чойхоначии шиносаш ба ӯ мефурӯшад. Ба хотири дӯстӣ бо Одина азобу ранҷи дар кӯҳ ҳезум чашиданашро фаромӯш месозад. Сипас, аз бозор мағзу мавизу чизҳои зиёд харида, барои писари калонияш, ки дар мусофират аст, мефиристад: «...Ситораҳо мисли ашки чашмони падари ман пинҳон мешаванд. Поҳои падарам акнун ақиб не, пеш мераванд, қадамҳояш басолоранд» (23, 7).

Аз кисааш хатти ҷиғда-ҷиғдаи писари калонияшро гирифта, ба писари ҳамроҳашбуда амр медиҳад, ки дар қуттии маводи ғизоӣ суроға ва рақами қисми ҳарбии акояшро дуруст нависад. Аз охири ҳикоя маълум мегардад, ки ин воқеаҳоро замоне ровӣ аз сар гузаронидааст. Агар замоне

ӯро падар бо дастони шахшул аз хоб бедор карда, ба кӯҳ барои ҳезум овардан ё ба шаҳр барои фурӯхтан аз хоб мехезонд, ҳоло сояи дасти писарчаи хандидаистодааш болои сараш пайдо мегардаду бо муждаи маъсумонааш ӯро дар рӯзгори осоишта ба кор равона месозад.

Нависанда дар рафтор, ҳаракатҳо, роҳравӣ, ҷунбуҷул ва муносибату муошироти қаҳрамони асосии ҳикоя – падар олами ботинии марди тоҷики кӯҳистонии босабру таҳаммулро тасвир менамояд, ки субҳи барвақт ҳезумро ба шаҳр оварда мефурӯшад, аз маблағи он қисмеро барои фарзанди мусофираш сарф мекунад ва бо қисмати бозмондааш ба аҳли хонадонаш нон мехарад. Инчунин аҷиб он аст, ки ҳамаи ин корҳоро вай зуд анҷом медиҳад, то ба кори хоҷагӣ дер намонад. Нависанда зимни тасвири яъсу навмедиҳои падар ва ранҷу азоби ӯ, ҳамзамон умеди зиндагонии фардоро басо румузфаҳмона рӯйи коғаз овардааст.

Дар ҳикояи «Бодбарак» персонажи марказӣ Маҷид ном кӯдакест, ки бо маҳрумиятҳои иҷтимоӣ рӯ ба рӯ гардидааст. Нависанда хаёлоту фикрҳои кӯдакро дар орзуи бодбарак доштани ӯ ифода менамояд. Вай аз модараш, ки барои рафъи мушкилиҳои рӯзгор калобаресӣ мекунад, дархост менамояд, ки барои бодбаракаш ришта диҳад. Модар намехоҳад, ки риштаи силсилабофтаашро аз ҳам гусаста намояд ва аз кандаю пораҳои он қадре ба ӯ медиҳад, вале писарча мегӯяд, ки бо инҳо намешавад.

Ҳамин гуна, аз баёни нависанда равшан мегардад, ки тадриҷан модар мадору қуввати калобаҳояшро бурда фурӯхтанро аз даст медиҳад. Бо ин хатти сужети ҳикоя якбора тағйир меёбад. Маълум мегардад, ки модар мурдаасту писари нозпарвараш охирин бизоати зиндагии худро ба дӯкон барои иваз кардан бо кафан мебарад.

Сорбон ҳангоми тасвири чунин тақдирҳои замонаи нобасомон андешамандӣ, орзупарварӣ, қотеият ва сабру суботи мардуми тоҷикро хеле равшан намоён месозад. Инро рафтори Маҷиди наврас, ки модарашро аз даст додаасту аз омадани падараш умеде нест, ба хубӣ аён месозад. Бо ин ҳама, Маҷиди наврас боз ба ҳаво бодбаракҳоро сар медиҳад, то ба воситаи он ба падараш пайғоми зинда будани худу хоҳарашро расонад.

Бархе аз ҳикояҳои Сорбонро сирф психологӣ номидан мумкин аст. Нависанда аз оғоз то анҷоми он хонандаро дар баробари қаҳрамонон барои ба фикру андешаҳои амиқ фурӯ рафтан водор менамояд. Дар ин навъ асарҳо муҳити иҷтимоие тасвир мегардад, ки бо тамоми ҷузъиёташ ба мушкилоти маънавие гирифтор шудааст. Ин ҳолатро характеристикаи психологии қаҳрамонон, бархӯрдҳои фикрии онҳо, қонуну қоидаҳо, меъёрҳою қолабҳои замонӣ, урфу таомул, хурофот ва дигар омилҳо пурратар месозанд.

Ҳикояи «Нақши рӯйи барф» аз ин навъи ҳикояҳост, ки нависанда ҳассостарин лаҳзаи умри инсонро барои қазоват ва худшиносӣ пешорӯи хонанда мегузорад. Аз муҳтавои он бармеояд, ки Азим ном ҷавонмарде аз дунё гузаштаасту аз ӯ зани ҷавон ва писарчае ёдгор мондаанд. Мардуми деҳа ва хешу ақрабо ба хотири он ки бародари Азим – Азиз саробони оилаи бе сарпаноҳмондаи ӯ бошад, ҳамсари вай – Зуфунунро ба никоҳи бародари хурдӣ даровардани мешаванд. Тӯю никоҳ баргузор мегардад ва Азизу Зуфунун зоҳиран ба амри сарнавишт тан медиҳанд, вале шурӯи зиндагию идома бахшидани он барои ҳардуи онҳо басо гаронӣ мекунад. Ин ақди никоҳ ҳатто як шаб тӯл намекашад.

Адиб дар монологҳои ҳолат, андешамандию муҳокимаи қаҳрамонон муаммоҳои ҳастӣ, ғаризаҳои инсонӣ, бастаи қоидаю қолаб будани одамон, бемеҳрию бетараҳҳумӣ нисбат ба сарнавишти ҷавонон ва шиор кардани сухани «Зарур бошад, раво бошад»-ро ҳаллу фасл менамояд. Нигоранда тавассути амиқфикрии қаҳрамонон гуфтанист, ки дар муҳити иҷтимоии мо «қонунҳо»-е амал мекунанд, ки мустақилияту мухторияти шахс аз миён меравад.

Худоӣ Шарифов аз мундариҷаи ин ҳикоя зидди ҳам истодани «тасвири пурихтилофи ҳисси бародарӣ» ва «шӯру шавқи инсонӣ»-ро ба мушоҳида гирифта, дар заминаи воқеаи ҳаётӣ тарзи хуби сужетофаринии нависандаро ёдрас гардида буд (157, 130).

Чунин тарзи баён ба нависанда имкон медиҳад, ки моҳияту маънои зиндагии мардуми моро бо тамоми нозукиҳояш бозгӯ намояд.

Аз мундариҷаи ҳикояҳои Сорбон бармеояд, ки нерӯмандии ҷанбаи психологӣ ба қиссаю асарҳои калонҳаҷми ӯ таъсир гузоштааст. А.Сайфуллоев дар китоби «Уфуқҳои тозаи наср», ки ба баррасии осори даврони истиқлолият бахшида шудааст, услуби якчанд қиссаҳои хурди Сорбон, аз қабили «Пиндор», «Марди танҳо», «Кӯшиш» ва ғайраро психологӣ маънидод кардааст (69, 155; 164).

Ҳамин тавр, метавон гуфт, ки Сорбон барҳақ устоди нигоришоти психологӣ буда, ба василаи ин равиши эҷодӣ асрори нуҳуфтаи дунёи ботинии инсонро ҳамаҷониба рӯйи коғаз овардааст. Нависанда бо тасвири олами моддиёт маҳдуд нагардида, оҳангу ҳарфҳои дили инсонҳоро бо сужетҳои ҷолиб ва сарнавиштҳои рангоранг ифода намудааст. Ӯ комёб шудааст, ки он ҳама шавқу ҳавас, майлу рағбат, садоқату муҳаббат ё нафрату адовате, ки одамон нисбати падидаҳои мухталифи ҷаҳони ҳастӣ доранду аз гуфтани он худдорӣ менамоянд, ошкору ҳамаҷониба дар пероями бадеияти баланд ба намоиш гузорад. Дар баробари он, одамонро ба шинохти қимату арзишҳои маънавӣ рағбат мебахшад, ки дар сару дунболи ҳар коре сабру шикебой, адлу адолат, меҳру шафқатро пеша карда, муҳимтарин қонунҳои башариро риоя намоянд.

М.Шукуров дар мақолаи «Як назар ба бурду бохти ҳикоя» (1982) доир ба ин жанри марказии осори Сорбон изҳори назар намуда, муҳтаво ва сужети ҳикояҳои «Раис» ва «Чашмҳои фурӯзон»-ро мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Ӯ қайд мекунад, ки онҳо дар мавзӯи **иҷтимой-маишӣ** навишта шудаанд.

Ҳикояи «Пирамард» бозгӯи ҳоли марди ронандаест, ки ба сабаби калонсолӣ ӯро аз касби дӯстдоштааш барканор сохтаанд. Автобусеро, ки ӯ замоне байни роҳи «Душанбе -Қӯрғонтеппа» меронд, ҳоло ба оҳанкӯҳна табдил ёфтааст ва дар танаи он «Тир» навиштаанд. Ҷавонон дар он ҷо тирпаронӣ карда, ҳунари камонкашии худро месанҷанд. Ин ҳолатро нависанда чунин тасвир менамояд: «Пирамард ҳаваси тамошо накард. Оҳи бадарде кашиду берун баромад. «Чун пир шудӣ, аз маърака дур шудӣ»

гуфт ва пеши назараш давраҳои ҳамчу аспи бидав ба саҳро тохтани автобуси нав омад» (23, 21–22).

Нависанда дунёи хаёлоти як инсони одиро хеле пурғунҷоиш тасвир мекунад. Ба назари ӯ ҳавасу орзуи инсон пирӣ надорад ва нерӯҳои дарунӣ ба инсон мақому мартабаи иҷтимоӣ мебахшанд.

Дар ҳикояи «Гулбой» персонажи марказӣ ҳамноми асар буда, аз деҳаи Амондара ба Пастакон барои кор омадааст. Вай тимсоли марди меҳнатқарин аст, ки баъди хизмати аскарӣ ба ободии диёраш сахт камари ҳиммат бастааст. Ба назари Гулбой дигаргуниҳои сиёсию иҷтимоӣ ба зиндагии одамон бетаъсир нест: «Гандум буд, тамоку баромад, акнун ҷуворӣ пайдо шуд» (23, 197). Бо ин сухан вай гуфтанист, ки замоне маҷбур мекарданд, ки халқ ғалла кишт кунад, дертар дар тамоми заминҳои кӯҳистони Зарафшон кишти тамоку расм шуд ва баъдтар ҷуворикорӣ ба анъанаи деҳқонӣ табдил ёфт.

Мавриди зикр аст, ки дар Пленуми Кумитаи марказии Ҳизби коммунистии Иттиҳоди шӯравӣ санаи 23-юми апрели соли 1985 тамоми дигаргуниҳои сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ бо мафҳуми бозсозӣ эълон гардид. Ин таҳаввулот ба дарунмояи адабиёт бетаъсир намонд. Дар ҳикояҳои баъди ин зуҳурот эҷодкардаи Сорбон як навъ танқиду таҳлили фазои зиндагӣ эҳсос мегардад. Агар дар ҳикояи «Гулбой» зиддияти андешаи персонажи ҳамноми ҳикоя бо дигар ҳамкоронаш оид ба пешбурди фаъолият, зарари танбалию коҳилӣ тасвир гардида бошад, дар ҳикояи «Рассом» серфарзандии тоҷикон ба намоиш гузошта мешавад.

Ҳикояи «Шабкӯр» манзараи хирманкӯбӣ ва заҳмати дастаҷамъонаро пеши назар меорад. Назари Асп ном мардеро раиси ҳосилот таъин менамоянд, то ин ки гандуми бодкардашудаи хирманҳоро эҳтиёт намояд. Вай мебинад, ки деҳқонону хирманкӯбони гурусна аз гандум аз сабаби маҷбурию гуруснагӣ медузданд, худро ба шабкӯрӣ мезанад ва гандум гирифтани ҳамкоронашро нодида меангорад. Моҳияти ин ҳикояҳоро ғояҳои меҳнатдӯстӣ, покӣ, раҳмдилӣ ва дурандешӣ фаро мегиранд. Вақте бригадир наврасеро, ки падараш дар ҷанг беному нишон

шудааст, аз нодорӣ як рӯймол ғалларо ҷамъ овардааст, озор доданӣ мешавад, вай мегӯяд: «Ту ин бачаҳоро назан, ту донӣ, ки дар оянда ҳар кадоми инҳо чӣ қадар гандум рӯёнанд» (23, 78).

Нависанда гирудорҳои иҷтимоиро дар баъзе аз ҳикояҳояш ба василаи ҳаҷву мутоиба ифода намудааст. Аз ҷумла, ҳикояҳои «Кишти тирамоҳӣ», «Амаки сиёҳ» аз оҳангҳои ҳаҷву мутоиба саршоранд. Дар «Кишти тирамоҳӣ» содагии андешаву рафтори занон бо лутфу киноёти аҷиб мазаммат шудааст. Ҳикояи «Амаки сиёҳ» ифодагари кирдори шахсест, ки барои аз ҷурғот кашидани равған бо таначӯбҳо гуппӣ месозад ва бо ин ҳунараш дар Кӯҳистони Мастчоҳ маъруф аст. Боре вай мебинад, ки гурбаи сиёҳе дар даруни гуппии навсохт афтода мурдаасту бӯй гирифтааст. Азбаски мардуми тоҷик ба шир ва ҳар гуна сафедиҳои ғизоӣ ҷурғоту орд эҳтироми зиёдеро қоиланд, гупписозро ин ҳолат сахт мутаассир мегардонад. Вай, ки баъди тарошидани охирин гуппӣ ин ҳолро дида буд, зиёд меандешид, ки ин кори кист. Ҳамчунон вай ба ҷуз аз гуппии гурбаафтода мехоҳад боқимондаашро бепул ба эҳтиёҷмандон бахшад ва ба худ қавл медиҳад, ки аз баҳри касби хеш мебарояд.

Нависанда дар ин ҳикоя дилбастагии инсонро ба ҳунар ва покизакории ӯро ҳамаҷониба нишон медиҳад, зеро Амаки Сиёҳ намехоҳад, ки воқеа дар сари забони мардум бичархад. Шабона гурбаю гуппиро оварда, берун аз деҳа зери хок менамояд. Идомаи ҳикоя аз амалҳои ғайриодии персонажи ҳикоя иборат аст, як ҳодисаи ғайримуқаррарӣ сабабгори гардиши куллӣ дар ҳаёташ мешавад.

Сорбон дар ҳикояҳои хеш ба тасвири бадеии **ахлоқ**и ҳамзамонон низ ба таври густурда пардохтааст. Аз ин рӯ, як зумра навиштаҳои адибро аз ҷиҳати мавзӯъ ахлоқӣ номидан дуруст менамояд.

Ҳикояи «Рӯи харошида» аз булҳавасӣ, ишқу оила, хиёнати ҷавонон, нисбати тақдиру номуси ҳамдигар бераҳму бетараф будан, кӯдакони маъсуму бегуноҳро дар чорроҳаи зиндагӣ гузоштан нақл менамояд. Қаҳрамонҳои ҳикоя Назар ва Роҳила низ дастхуши урфу одатҳои замони

худ ҳастанд, ки танҳо ба хотири ғаризаҳою хостаҳои нафсонӣ бо ҳам мепайванданд.

Нависанда садамаи сахти психологиро, ки назирашро дар рӯзгори мо низ дидан мумкин аст, бо як манзараи ҷолиб, бо корбасти истиораю ташбеҳи ҷолиб адо менамояд: «Баргҳои дарахтон аз ҳаёт дил канда, бо ранги зард чирт-чирт ба замин мерехтанд. Як барги зард ба сари Назар нишаст. Ӯ пай набурд, карахт буд ва якбора мисли лаби нони аз танӯр шорида суст ва кашол шуд, рӯ ба рӯйи кӯдак ниҳоят наздик истод» (23, 52).

Ҳикояи «Рӯймолча» асосан аз нақли ровӣ ва полилог – нутқи якчанд персонаж иборат аст. Ишқ мавзӯи ин асар буда, як саҳифаи зиндагии ҷавонони солҳои 60-70-уми асри гузаштаро дар худ таҷассум кардааст. Ишқу булҳавасии он айём марҳалаеро ба намоиш меовард, ки духтарону писарон аз шарму ҳаёи аҷдодӣ гусаста шуда, ба муошиқати аврупоӣ рӯ менамуданд. Нависанда дар шурӯи ҳикоя ёдрас мешавад, ки «таърифи одоб ва симои духтарро ҷавон аз хоҳар ва ё аз модар мешунид» (23, 53), яъне бо вуҷуди озод будан пардаи исмату иффати ҳам духтарону ҳам писарон пора-пора набуд. Дертар рӯймолчадӯзӣ, ба рӯймолчаҳо дӯхтани ҳошия, шилшилабофӣ, баргаку яхаковезӣ ва бахшидани он ба ин ё он ҷавон тавассути ягон кӯдаку наврас расм шуд. Ҳадя кардани рӯймолча рамзи дӯст доштан ва дил бастан буд.

Қаҳрамони ҳикоя Шаҳноз ба муаллими фанни адабиёт меҳр мебандад. Ҳикоя бо ҳамон тарзи маъмули изҳори муҳаббат намудан, яъне рӯймолча бахшидани Шаҳноз ба муаллим ҳусни анҷом мепазирад.

Ҳикояи «Ҷиян» аз мавзӯи хирману хирманкӯбӣ ва ҳақситонии деҳқонон аз сари чоши нахӯд хабар медиҳад. Наврасе, ки Мирзо ном дошт, мушоҳида мекунад, ки номаълум ҳар як хирманкӯб пинҳон аз чашми саркор халтаю хурҷинҳои худро аз нахӯд пур карда ба хонаашон мебаранд. Мирзо низ дар тақлид ба онҳо як ҷувол нахӯдро дар замин гӯр мекунад, вале аз тарси модари худ онро ба хона оварда наметавонад. Баъди мавсими хирманкӯбӣ ӯро ҳамроҳи колхозчиён ба Қарақчиқум барои пахтачинӣ меоранд. Дар ин ҷо садои қалби поки наврас чунин садо мекунад: «Дар

ҷӯякҳои пахта мегаштаму мечидаму ҳушу ёдам ба деҳа, кӯҳ ва ҷою манзил буд. Ва он танӯраи дар Чориф кандаамро ёд мекардам ва пушаймонӣ доштам, ки чаро он корро кардам; чаро нахӯдро дуздидам. Борон ҳам борид. Яқин дар Чориф ҳам борон рехт, нахӯд тар шуд ва неш кашид, сабз шуда баромад, чӯпону, подабоне, ҳезумкаше онро дида, андаке бо нӯги асо ва тешаю табар кофта, сабзаи рӯяшро гирад ва нахӯди обнарасидаашро бардошта барад. Чаро он корро кардам?» (23, 241-242).

Баъди бозгашт аз мавсими пахтачинӣ Мирзо кори кардаашро ба модараш мегӯяд ва якҷоя нахӯди даруни танӯраро ба амбор месупоранд.

Сорбон дар тасвири садамаҳои иҷтимоӣ устоди касби худ аст. Мазмуну мундариҷа ва гардиши ҳодисоте, ки дар ҳикояи «Кӯзаи дӯғ» тасвир шудааст, ин матлабро дақиқ месозад. Ба назари мо, асари мазкур дар радифи намунаҳои беҳтарини ҳикояи адабиёти муосир қарор дорад, ки ахлоқи намояндагони чанд табақаи ҷомеаро дар худ ғунҷоиш медиҳад. Нависанда дунёи зани аз шавҳар зиндаҷудо, андешаҳою сарнавишти мураккабу норавшан ва олами содаю маъсуми писари шашсола, вале хеле доною зираки ӯ Боқиро бо камоли ҳунармандӣ рӯйи коғаз овардааст.

Мушкилоти заношӯӣ, булҳавасона ба зани дигаре дил бастан, осон ҳисобидани кори оилаю оиладорӣ, бепарвоӣ нисбат ба тақдири фарзанди поку бегуноҳ, содаандешию ҷӯшу хурӯши зани ҷавон мағзу моҳияти «Кӯзаи дӯғ»-ро созмон додаанд. Нависанда ҳолатҳои психологии зани ҷавон ва писарчаи ӯро ба тасвир кашида, якчанд хати хурди сужет ва лаҳзаҳои зиндагии қаҳрамононро дар ҳикоя ғунҷоиш додааст.

Ҳикояи «Кӯзаи дӯғ» тасвирҳо ва муколамаҳои рамзгунаи зиёд дорад. Хонанда гумон мекунад, ки чаро зан ба кӯдаки худ кӯзаи пур аз дӯғро дода ба назди коргарони истгоҳи таъмири автомобил, ки дар рӯ ба рӯи ҳавлии онҳо қарор дорад, равон месозад. Модар ин кори савобро гӯё ба он хотир мекунад, ки қубури оби ин коргоҳ вайрон шудаасту коргарон дар гармо азият мекашанд ва ба қавли қаҳрамонони ҳикоя «ҷигарашон дуд мекунад». Писараки бечора бо кӯзаи дӯғ дар назди коргарон гардиш менамояд: касе мегӯяд, ки дӯғи бепулро намехӯрад, дигаре аз дасти бачаи

хатнанокарда гирифтани чизеро убол медонад, нафаре ӯро ба савдогарӣ маломат менамояд, чаҳорумӣ ба ӯ бо тамасхур менигарад, панҷумӣ халал нарасон мегӯяд ва монанди ин.

Чунин рафтори калонсолон кӯдаки шашсоларо ба фикр водор менамояд. Писарбача доираи андешаи фарох надошта бошад, суолҳоеро ба миён мегузорад, ки ба он на ҳар як одами калонсол ҷавоб гуфта метавонад.

Нахуст, вайро рафтори модараш – яъне ғамхорӣ нисбати устоҳо ҳайрон месозад. Дуюм, вақти бозгаштан ба ҳавлӣ дастурхони ороста ва модари либосҳои наву тозапӯшидаро мебинад. Ин ҳолат хилофи одат менамояд.Сеюм, аз лаҳзаи пайдо шудани танга аз даруни кӯза, сипас ба даруни ҳавзи ҳавлӣ афтодани он, инчунин вақти аз даст берун кашидан ба об афтодани ангуштарии модар аз паси танга ӯро ҳайратзада мегардонад.

Нависанда дар симою рафтори қаҳрамони хурдсол зиндагонии мураккабу ба ҳам танидаи одамонеро, ки аксаран худро қурбони ҳавасҳо, зудранҷию бесабрӣ менамоянд ва ба хотири шодию хуррамии тезгузар маънои зиндагониро дигаргун месозанд, бо маҳорати хос тасвир кардааст.

Нависанда дар доираи як ҳикоя воқеаҳои гуногунро дар заминаи хатти сужети ҳикоя чунон устодона пайванд медиҳад, ки хонанда якбора чанд омили муассири зуҳури фоҷеа ва бо садамаи ахлоқию иҷтимоӣ поён ёфтани онро дарк менамояд.

Дар миёни ҳикояҳои Сорбон чанд намуна аз ин жанри адабӣ ҳаст, ки мо онҳоро **ҳикоя–монолог** номидем.Яке аз ин ҳикояҳо «Аз ҳама хурд» унвон дошта, қаҳрамони он Алопар ном сагест, ки сардори муассиса тамоми дарду алами худро ба сари ӯ мерезад, бо вай сухан мегӯяд, дашном медиҳад. Сорбон зимни офариниши образи саг, ки дар адабиёти ҷаҳонӣ маъмул буда, дар адабиёти шарқ машҳуртарини онҳо «Саги вилгард»-и Содиқи Ҳидоят ва «Тарзан»-и Азиз Несин мебошад, ворид ба ҷаҳони ҳайвонии ин махлуқ мешавад ва аз забони он низ ҳарф мезанад, мулоҳиза меронад, рафтори одамиёнро баррасӣ мекунад ва хулосаҳо мебарорад.

Саги вилгарди Содиқ Ҳидоят низ дорои хотира аст ва дар суроғи соҳибаш камтар аз як инсон нест: «Наздики ғуруб ду мартаба садои

соҳибаш, ки мегуфт: «Пот», «Пот» ба гӯшаш расид. Оё ҳақиқатан садои ӯ буд ва ё инъикоси садои ӯ дар гӯшаш печида буд? (33, 15).

Ё дар ҷойи дигар Содиқ Ҳидоят менависад: «Ду чашми боҳуши одамӣ дар пузаи пашмолуди ӯ медурахшид» (33, 10).Ин навъ суханҳоро қаламкаши мушоҳидакор ва ҷӯяндаи асрори дарунии мавҷудоти рӯи замин баён карда метавонад.

Сорбон ҳолати «равонӣ»-и сагро чунин тасвир менамояд: «Алопар ниҳоят хасташударо монад; ба рамуз гирифтан, ба дидан ва ба шунидан ҳолу мадор надорад: Сарашу равғанаш...аз кӣ гирад, ба кӣ барад, кори ӯ...маълум, ки ҳама – якранг, дар ин дунё одами ҳалол кам... « (23, 208).

Дар насри имрӯзи тоҷик нависанда Салими Аюбзод низ тавассути ҳикояи «Сагзистон»-и хеш тимсоли саг ва муносибати табақотию миллии одамонро нисбат ба он баён менамояд. Дар асари мазкур низ ҳамин гуна нафратгӯиву ҳақоратҳое дида мешаванд, ки гӯянда зимни он одамони дигарро дар назар дорад. Масалан, ровии ҳикоя Ҳаким Иброҳимовичи тарҷумон, ки сагчаи афғониро Беном ном гузошта, онро парвариш менамояд. Сардори аскарони шӯравӣ подполковник Николай Константинович ба саги худ Рекс дилбастагӣ дорад. Нависанда аз забони ровии ҳикоя ҷаҳонбинӣ, андеша, ғараз ва дигар талотумҳои ботинии инсонҳоро дар муносибати онҳо ба ду зоти саг нишон медиҳад: «Николай Константинович Беномро бисёр бад мебинад. Хоса, вақте ки ман ба ин махлуқ меҳрубонӣ мекунам, рашки вай меояд» (4, 70).

Ҳикояи «Аз ҳама хурд» арзиши баланди эстетикӣ дошта, аз камолоти ҳикоянависии Сорбон дарак медиҳад.

«Хонаи арӯс» низ аз ҳикоя–монологҳои нависанда буда, номи он рамзӣ аст. Асар аз саргузашти талхи Малак ном зане нақл мекунад, ки духтари ягонаашро аз даст додааст. Ба хотири ҷовидон нигоҳ доштани номи духтар вай дар сари қабри ӯ мақбараи пурнақшу нигор сохтааст, ки назири он танҳо дар шаҳру кишварҳои қадимии шарқ ба назар мерасад. Малаки сияҳпӯш ҳар рӯз ба сари гӯри фарзанди хеш омада, онҷоро мисли хонаи арӯс покизаю тамиз мекунад. Ҳатто заминро кофта, аз дуриҳо хатти

барқ гузаронида мақбараро нурафшон низ намудааст. Модар дар сари қабр нишаста бо ӯ сухан мегӯяд, суол медиҳад ва худ посухашро ба забон меорад.

Дар охири ҳикоя нависанда воқеаҳои худро овехта дар оташ сӯхтани Бону ва ба ин кор айбдор будани ҷавони дӯстдоштаи ӯ Акбарро низ ёдрас мешавад. Акбар ба Бону гуфта буд, ки фарзанди Малак нестӣ ва ӯ туро аз хонаи бачагон гирифта духтархонд кардааст. Ин сухан мисли оби сарде буд, ки ба сари Бону рехт ва таги масъаларо наҷуста ба умри худ хотима бахшид. Хаёл кард, ки Акбар вайро сидқан дӯст медорад ва ҳеҷ гоҳ сухани ғалат намегӯяд.

Сорбон дар зимни чунин андешаву хаёлот ба танқиди иҷтимоӣ – муносибати тунди муфаттишон дар ин гуна ҳолатҳо мепардозад. Духтуру милисаҳо аз рӯи ҷасади Бону ташхис гузаронида, ҳатто косахонаи сарро шикофта, далели зӯровариро наёфта, модарашро ҳабс карданд. Азбаски ҳамон лаҳзаи худкушии духтар вай дар хонаи калон сари мошини чокдӯзӣ нишаста,  барои тӯйи арӯсии Бону кӯрпа ларанда мекард, муфаттишон исрор мекарданд, ки вай аз ин воқеа огоҳ аст: «Ягон далел ки набошад, ту дар ҳамин ҷо буда, аз худкушии ӯ хабар надошта бошӣ, сабабгор худат ҳастӣ. Ин чиз ба Малак он қадар сахт нарасид, вале вақте ки «росташро гӯй, духтари худат аст ё аз хонаи тифлон гирифтӣ?» гуфтанд, Малак боз мурд ва боз ба худ омада, талху тунд фарёд зад, ба рӯйи онҳо ханҷол кашид, туф кард: «ноинсофҳо!» гуфт. «Ноинсоф ту, ҳамаро ба ташвиш овардӣ. Барои духтари ҳароммурдаат калонҳои район гап шунаванд, шояд аз кор гиранд ҳам…Охир, ҳамин замона замони худкушиву худсӯзист? Чӣ намерасид ба ӯ? Як реза ҷон доранду худкушӣ кунанд! Боз коре, ки духтари ту кард, ягон худкушта накардааст» (23, 217).

Зикр бояд, ки кард, ки поэтикаи ҳикояҳои Сорбонро бе нишон додани рамзгароиҳои махсуси ӯ ба пуррагӣ тадқиқ намудан имконнопазир аст. Ин даъворо сужети якчанд асари ӯ ба субут мерасонад.

Ҳикояи «Сурати нотамом» бозгӯи авзои равонии рассом Умед аст. Вай дар ҳавлии сердолу дарахт зиндагӣ карда, машғули расмкашӣ ва

офаридани мусаввараҳои зебост. Илҳомбахши ӯ дар ин кор Дилбар ном бонуест, ки хеле зиёд дӯсташ медорад. Охирин расме, ки Умед кашиданист, сурати Дилбар аст. Рассом чунин меандешад, ки агар Дилбар ба хонаи ӯ наояд, хубтар аст, зеро дар ҳузури симои асосӣ тасвир кардан ғайриимкон аст. Вале бо вуҷуди ин муҳаббату ҷозиба дар суҳбат Умед мегӯяд, ки дар атрофи Дилбар мардум суханҳои зиёд мегӯянд ва ҳатто дар муошиқат бо сарвари коргоҳ ӯро айбдор мешуморанд. Ин ҳодиса сабаби аз назди Умед рафтани Дилбар мегардад.

Боқии ҳикоя шомили андешаҳои тӯлонии рассом Умед аст, ки гӯё аз муносибати сарду дурушт бо дӯстдоштаи худ пушаймон аст. Ӯро хаёлоти мубҳаму печида фаро мегиранд ва қарору оромиро аз даст медиҳад, ҳатто сурати нимкораашро низ то охир расонида наметавонад (23, 255-262).

Сорбон дар ин ҷо рамзгарой мекунад. Ашёву муҳит, ниҳолакону дарахтон, хонаву дарвозаро дар назари Умед ба шаклу сурати дигаргунатар ҷилвагар месозад. Қаҳрамони марказии ҳикоя рамузҷӯёна ба воқеият менигарад ва гӯё беэътиноиву нобоварии ӯ нисбати Дилбар ҳама чизро бо вазъу ҳоли ғайриодӣ намоён мекунад.

«Бораи Сагкуш» аз рафтору кирдори марди девонае нақл мекунад, ки ӯ замоне дар деҳаи Палдораки Кӯҳистони Мастчоҳ сукунат дошт. Ин мардро касе бо номаш зикр намекард ҳама ӯро Вай хитоб мекарданд. Аломати харобии рӯҳи ин персонаж дар он зоҳир мегардид, ки вай мехост, ки ҳар чизу каси ба назараш баду нописандидаеро аз ҷарии баланде ба поин афканад. Вай бештар нисбати сагҳо нафрат пайдо намуда, доме сохта, якчанд саги ҳамдеҳагонашро аз бораи баланд ба поин меафканад. Аз ин рафтори ӯ соҳибони сагҳо дар ғазаб мешавад ва Вай бо Самандар ном марде дар ин хусус сахт ҷанг ҳам мекунад.

Ҳикояи мазкур бо фоҷиа меанҷомад. Девона сагеро ду-се шаб зузаю нӯла мекашиду аҳли деҳ ин садоро пайомади бехосиятие мешумориданд, як субҳи содиқ ҳамроҳи писараки худ ба он теппа оварда, ба зер партофтанӣ мешавад. Бачаяке, ки саҳарӣ маҷбурӣ аз ҷойгаҳи хоб хеста, то ин ҷо

ҳамроҳи падар омада, ҳангоми дидани манзараи ба ҷарӣ афтодани саг ба ҷонвар дакка хӯрда, пештар аз вай ба поин меафтад.

Сорбон дар зӯзакашии саг ҳамчун далели пайомади бад ё зуҳури ҳодисаи нохушнудкунанда рамзро бо табиату поёни кори бемояву беақлонаи девона пайванд медиҳад. Рамзи нуҳусату бадбахтӣ дар садои хориқулодаи саг дар шомгоҳон ифода меёбад.

Нависанда бо тасвири ҳолати девона ботинан чанд масъаларо пешорӯи хонандаи ҳушманд мегузорад ва табиист, ки дар зеҳни хонанда чанд суол пайдо мешавад: Чаро одами ноқисақл танҳо барои истеҳзою тамасхур офарида шудааст? Чаро аҳли хонаводаи ин мард, хешону пайвандонаш ва ё аҳли деҳ монеи рафтори ин марди девона нагардиданд? Чаро касе нагузошт, ки ин қадар кӯдакон Вайро мазоҳу масхара карда, аз пасаш надаванд? Чаро модари кӯдак субҳ монеъ нашуд, ки шавҳари девонааш маҷбуран писарчаашро бо худ барои шикору аз ҷарӣ партофтани саги бехосият барад?

Сужети ҳикояи мазкур ифодагари ҳоли мардуми тоҷик аст. Гоҳо таҳаммулгароии зиёди мо боиси зуҳури ҳодисаҳои нангину фоҷиаҳо мегардад. Такя ба тақдир намудан, нисбати рафтори ҳамзамонон бетараф будан, чизҳову падидаҳои дар аввал хурду ҳақиратареро нодида гирифтан ва ҳар нохушиеро ба қазову қадар пайванд додан аз сифатҳои хоси тоҷикон аст, ки дар аксари маврид натиҷаҳои фалокатбор дар пай дорад. Хулосаи нависандаро дар монологи қаҳрамон дарёфтан мумкин аст.

Ҳикояи «Лола»-ро Сорбон бо манзараи барои мардуми деҳаи Ярм ғайримуқаррарӣ оғоз менамояд: «То он замон касе надида буд, ки оби сарҷӯи Ярм марзаро канда, адирро шуста, аз рӯи шахчаҳо шорида, дар рӯи роҳ паҳну кӯлмак шуда, боз ба Зарафшон рехта бошад» (23, 278). Овардани ин ҳолат аз он ҷиҳат барои хонанда аҷиб менамояд, ки дар мавсими баҳору зимистон мардуми кӯҳистон намегузоранд, ки лаҳзае оби ҷӯй хатти ҳаракати худро вайрон карда, берун барояд, зеро шодобии рӯзгору сабзию ҳосили заминҳо ба он сахт вобастагӣ дорад.  Бахусус, дар ҷойҳое, ки

кашидани ҷӯйи об басо душвор бошад, одамон бонавбат саъй мекунанд, ки дар сарҷӯй ва қад-қадди он ҳодисаи баста шудани об рух надиҳад.

Нависанда ҳамин гуна ҳолати табииеро, ки имкони ҳар вақт рух додан дорад, ба саҳнаи драмавӣ ва рӯйкарди фоҷиаи инсонӣ бадал месозад. Вай тағйир ёфтани маҷрои обро ҳамчун рамзи рӯйдод ё фоҷиа ба кор мебарад, ки хеле муносиб афтодааст. Сорбон ҳангоми ташреҳи чунин ҳодисаҳо ба рамзгароӣ майл намуда, миёни ду падида робита барқарор мекунад.

Бригадир ҳангоми бозгашт аз сари замин, аз назди даравгарон зери партаве мебинад, ки ҷисми зане монеи ҷараёни муқаррарии об гаштааст. Вай аз дидани зане, ки то гулӯ дар об уреб мехобид, меҳаросад ва ҳатто аз дидани ин воқеа пушаймон мешавад.

Аз таҳлили чанд ҳикояи Сорбон ва нақду таҳлили адабиётшиносон метавон ба ин натиҷа расид, ки нависанда аз оғози эҷодиёт то ба имрӯз дар қолаби ин жанри анъанавӣ муҳимтарин мавзӯоти ҳаёти иҷтимоӣ, падидаву зуҳуроти фарҳангиву сиёсӣ, муносибати наслҳо, тазодҳои нерӯҳои гуногун, масъалаҳои ҳалталаби замон, ишқу муҳаббат, адолату садоқат, хиёнату разолат ва умуман сарнавишту тақдири одамони дорои тафаккур ва ҷаҳонбинии гуногунро тасвир намудааст. Сорбон бо эҷоди ҳикоя умри ин навъи адабиро дарозтар ва мазмуни онро рангину ғанӣ сохтааст.

Дар мавриди повестҳои Сорбон ва умуман жанри повест бояд гуфт, ки ин истилоҳ аз забони русӣ гирифта шуда, маънои «хабар додан аз чизе ё ҳодисае»-ро ифода мекунад. Дар заминаи чунин маънии луғавӣ он боз мафҳумҳои «маълумот», «гуфтор», «қисса», «ривоят», «нақл» ва ғайраро ифода менамояд. Аввалин маротиба ин истилоҳ дар солномаҳо ба кор мерафт ва дар Руси қадим маҳз дар заминаи чунин фаҳмиш асарҳои «Повест дар бораи тохтутози Боту ба Рязан», «Повест дар бораи муҳорибаи Калк», «Повест дар бораи Пётр ва Феврония» ба ёдгор мондаанд. Повест истилоҳест, ки асосан дар адабиёти рус шуҳрат дорад ва бо ин ном асаре дар адабиёти Ғарб дида намешавад. Жанри мазкур баробари ба табъ расидани повести Н.Карамзин «Лизаи бечора» аз соли

1820 сар карда ҳамчун навъи адабии пешрав маъруфият пайдо кард. Сипас повестҳои романтикии Н.Бестужев-Марлинский ва В.Одоевский боиси равнақи ин услуб дар адабиёти рус гардиданд. Повестҳои А.Пушкин «Повестҳои Белкин», Н.Гогол «Петербургиҳо», Н.Тургенев «Лонаи ашрофӣ», «Арафа», Л.Толстой «Марги Иван Илич», Ф.Достоевский «Шабҳои равшан», «Неточка Незванова», А.Чехов «Дашт» ин навъи адабиро маъруфтар сохтанд.

Илова бар ин, повест ҳамчун жанри мансури адабӣ дар адабиёти рус барои навиштани асарҳои шарҳиҳолӣ ё ёддоштӣ истифода мешуд. Инро сужети повестҳои Л.Н.Толстой «Кӯдакӣ», «Наврасӣ» ва «Ҷавонӣ» ва осори дар ин қолаби бадеӣ навиштаи М.Горкий «Бачагӣ», «Дар миёни одамон» ва «Университетҳои ман» собит менамояд.

Адабиётшиноси рус Л.И.Тимофеев бар ин назар аст, ки повест ҳамчун жанри миёнаи эпикӣ аз ҳикоя ё новелла аз он тафовут дорад, ки нависанда тавассути ин навъи адабӣ метавонад тамоми унсурҳои сужетро ғунҷоиш диҳад ва воқеаҳои зиёдро дар пайванди устувори дарунӣ тасвир намояд (113, 350).

Ба андешаи адабиётшинос Л.В.Щепилова давраи гулгулшукуфии повести реалистона аз солҳои 30-юми асри XIX шурӯъ гардида, бо асарҳои Пушкин ва Гогол вобастагӣ дорад. Гӯё таваҷҷуҳи суханварон ба ин жанр боис гардид, ки рӯзгори қишрҳои гуногуни ҷамъияти рус ҳамаҷониба мавриди тадқиқи бадеӣ қарор гирифта шавад» (115, 196-197).

Суханшиноси номбурда бо зикри персонажҳои асосии повестҳои Гогол «Шинел»-у «Хотироти девона» Акакий Акакиевич ва Попришин, ки онҳоро шартан «одамони хурд» меномад, таъкид месозад, ки ин навъи адабӣ барои бозгӯии мушкилоти иҷтимоии ҳамзамонони адибон корсоз афтодааст. Пушкин ва Гогол бештар дар заминаи мазмуни повестҳои худ низоми крепостноӣ, сохти буржуазӣ, хиёнату разолати судяҳо, пастфитратии заминдорон ва дигар хислатҳои бади мансабдорони даври хешро мазаммат кардаанд (115, 197).

Адабиётшиносон фарқи ҳикояро аз повест аз рӯи ҳаҷм ва содагию мураккабии сужет дарёфта, тафовути онро бо роман дар заминаи сабки нигориш низ ёдовар шудаанд. Ба назари бархе аз онҳо повест бо ҷанбаи лирикии худ аз роман имтиёз мекунад (115, 198).

Аз баррасиҳои олимони рус ба ин қарор расидан мумкин аст, ки муайян кардани нишонаҳои сохтории повест душвор набошад ҳам, вале онро аз ҳикояи нисбатан калон ё романи хурд фарқ кардан осон нест. Мушаххас намудани муқаррароти композитсионии повест танҳо дар ташреҳи ҳамаҷонибаи вижагиҳои жанри аз он муҳташамтар - роман даст медиҳад.

Ю.Бобоев перомуни хусусиятҳои жанрии повест дар китобҳои «Муқаддимаи адабиётшиносӣ» (41, 158) ва «Назарияи адабиёт»-и хеш (42, 222-223) ҳам аз назари ҳаҷм ва ҳам аз назари муҳтаво маводи ҳамгунро меоварад: «Повест, ки ҳаҷман аз ҳикоя калонтар аст, аз ҷиҳати сохт ҳам мураккабтар мебошад. Агар дар ҳикоя ду-се эпизод тасвир ёфта, тақдири 3-4 нафар нишон дода шавад, дар повест якчанд воқеа муҳокима шуда, як давраи хурди таърихӣ инъикос мегардад» (42, 222).

Муаллифи «Луғати мухтасари истилоҳоти адабиётшиносӣ» дар ду-се ҷумла повестро шарҳ додааст, ки мазмунан бо баррасиҳои донишмандони ёдшуда мувофиқат мекунад (51, 103).

Бояд таъкид дошт, ки истилоҳи повест дар адабиёти ҳамзабонони мо роиҷ нест. Донишманди назарияпардози эронӣ Сируси Шамисо менависад, ки «достонҳои баланду кӯтоҳ ба сабки ғарбӣ дар Эрон собиқаи чандоне надорад ва баъд аз машрутият по гирифтааст. Чунонки қаблан ишора шуд, нахустин бор ба таври ҷиддӣ Ҷамолзода бо нигориши «Яке буд, яке набуд» (соли 1300 шамсӣ) ва баъд аз ӯ Содиқ Ҳидоят достони кӯтоҳи ба сабки фарангиро дар Эрон ривоҷ доданд ва баъд худи эшон ва ба табъи эшон дигарон достони баланд ҳам навиштанд. Баъд аз эшон нависандагоне чун Содиқи Чӯбак, Бузург Алавӣ, Иброҳими Гулистон, Ҷалол Оли Аҳмад, Ҳушанги Гулшерӣ, Маҳмуди Давлатободӣ ва дигарон дар ин навъи адабӣ намунаҳои дурахшоне ба вуҷуд оварданд» (118, 207).

Истилоҳи повест дар адабиёти шӯравии тоҷик маъмул гардид ва ба қавли М.Шукуров, дар солҳои шаст ва то нимаи солҳои ҳафтодум дар баробари роман ин навъи адабӣ мавриди истифодаи нависандагон қарор гирифт. Маҳз дар ин даврон асарҳои жанрҳои калони насри тоҷик рӯйи кор омаданд (97, 150).

Дар адабиётшиносии тоҷикии солҳои 90-уми асри гузашта ба баъд корбурди қисса ҳамчун муодили повест маъмул гардид. Ин тарзи интихоб бесабаб набуд, зеро дар адабиёти пешинаи мо қисса гуфта асари насриеро меномиданд, ки дар он саргузашту моҷароҳои гуногун тасвир ёфтаанд.

Раҳими Мусулмониён тавзеҳ медиҳад, ки дар адабпажӯҳии гузаштаи мо «асарҳои сервоқеаю сермоҷароро қисса мегуфтанд, ки ҳоло он ба жанри мустақил – повест ва роман мансуб мебошад» (53, 140). Дар идомаи ин матлаб вай меафзояд, ки «дар адабиётшиносии муосири тоҷик гоҳе ба ҷои повест қиссаро истифода мекунанд, ки он дар ҳадди истилоҳи худ пурра содиқ нест» (53, 140).

Аз гуфтори мазкур бармеояд, ки мафҳуми қисса вижагиҳои сохтории повесту романи даврони моро ифода менамояд. Ҳамзамон Р.Мусулмониён мисли дигар назарияпардозони адабиёт перомуни тафовути повест аз ҳикоя ва роман изҳори назар менамояд. Равшан мешавад, ки тавассути қолаби повест имкони васеътари тасвири унсурҳои мазмуни асари бадеӣ, амсоли мавзӯву ғоя, характер, зиддият ва ҷузъиёти аслии композитсия, монанди қиёфа, манзара, интерер, муколама, монологи ботинӣ, тасвири шаш зинаи сужети асар даст медиҳад (53, 1040-142).

Н.Салимов дар заминаи афкори муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ решаҳои аслии қиссаҳоро аз се манбаъ ҷӯстуҷӯ кардааст:

«1. Қисмате аз қиссаҳои форсӣ, ки нишонаҳои рӯшани ҳиндӣ доранд ва то асри Х ё дар ҳамин қарн ба забони арабӣ тарҷума гардидаанд. Баробари ин бахше аз қиссаҳои дигар, ки мустақиман ба забони арабӣ нигошта шудаанд, вале сарчашмаҳои форсӣ доштанд.

2. Бештари қиссаҳои гуногунҳаҷми «Ҳазору як шаб», ки решаи баромадашон аз Бағдод ва атрофи он об мехӯрад, дар асрҳои X-XII китобат гардидаанд.

3. Қисмати дигари қисса ва достонҳои «Ҳазору як шаб», ки аслан дар Миср иншо гардида буданд, дар ҳудуди қуруни XI то XIV матни ҳикоёт ва достонҳои китобро пурра намуданд» (76, 330).

Дар қиссаҳои «Ҳазору як шаб» муҳимтарин унсурҳои мавзӯъ ва мундариҷаи қиссаҳо ба тарзҳои гуногун дида мешавад. Бахши асосии қиссаҳои асари мазкуррро афсонаҳои сеҳрангез фароҳам овардаанд. Намунаҳои барҷастаи ин хусусияти мавзӯъ ва мундариҷаи «Ҳазору як шаб» дар сафарҳои сеҳрангези қаҳрамонон, қиссаҳо дар бораи сеҳру ҷоду ва тилисмот, табдили инсон ба ҳайвонот, нопадид гардидани одам, талошҳо барои аз байн бурдани тилисмот ва амсоли инҳо равшан ҳувайдо мегардад.

Қисса дар адабиёти гузаштаи мо мавзӯоти иҷтимоиро низ дар бар мегирифт. Масалан, дар китобҳои «Калила ва Димна», «Самаки айёр», «Қиссаи Амир Арслон», «Тӯтинома» муносиботи иҷтимоӣ ва бунёди оила, инчунин моҷароҳои вобаста ба рӯзгордорӣ мавқеи намоён доранд.

Дар «Қиссаи Амир Арслон» ва баъзе аз қиссаҳои «Самаки айёр» мавзӯи оиладорӣ ва муҳаббату ҷустуҷӯи ҷуфти мувофиқи ҳаётӣ, таҷрибаҳои доир намудани маросими ақди никоҳ, гузаштани зинаҳою монеаҳои душвор барои ба даст овардани ҳамсафари ҳаётӣ мақсади марказӣ ё сужети асар ба шумор меравад.

Дар китобҳои тасаввуфӣ қиссаҳо дар бораи каромоти сӯфиён ва лаҳзаҳои ҷолиби зиндагии онҳо, сафарҳо дар биёбонҳои сӯзон, хоб диданҳо зиёд дида мешаванд.

Мардумӣ будани қиссаҳои омиёнаи «Саргузашти Ҳотам» ё «Ҳотамнома», «Самаки айёр», «Қиссаи Амир Арслон» ва ғайраро бахши оғозшавии онҳо, монанди «овардаанд ки..», «нақл кунанд, ки» ба исбот мерасонад. Хаёлпардозӣ, истифодаи санъатҳои маҷозу муболиға барои

ифодаи тасвири зиндагии қаҳрамон ва пайкори ӯ аз вижагиҳои асосии ин навъ қиссаҳо дониста мешавад.

Ҳамин гуна, бо назардошти асолати жанрӣ ва мавзӯи қиссаи адабиёти классикиро академик Н.Салимов чунин гурӯҳбандӣ намудааст:

«1. Қиссаҳои қуръонӣ ва марбут ба рӯзгори паёмбарон ё, ба ибораи дигар, қисса ҳамчун қисмати муҳими илми тафсир. Дар ин гуна қиссаҳо бештар нақли рӯзгори ибратангези паёмбарон дар заминаи ахбори қуръонӣ ба қалам омадааст.

2. Қиссаҳои омиёна. Ин навъи қиссаҳо матолиберо фаро мегиранд, ки зимни китобати қиссаву достонҳои мардумӣ сурат пазируфтаанд.

3. Қиссаҳои мазҳабӣ ва сӯфиёна. Дар ин навъ қиссаҳо бештар матолиби ирфонӣ ва мазҳабӣ, ки бо каромот ва мӯъҷизот пайванд ҳастанд, ироа мегардад ва қаҳрамонҳои қиссаи мазкур аксаран сӯфиён ва ашхоси мазҳабӣ мебошанд.

4. Қиссаҳои ишқӣ – романтикӣ. Қиссаҳои мазкур фарогири моҷароҳои ишқӣ ва матолибе чун сайру сулуки ошиқ барои расидан ба висоли маъшуқ ва аз миён бардоштани ҳама гуна мавонеъ дар роҳи ба каф овардани ганҷи мақсуд маҳсуб мегарданд. Масоили издивоҷ, оиладорӣ ва нукоти марбут ба он дар ин навъ қиссаҳо бунёди бандубаст ва устухонбандии сужаро фароҳам овардааст.

5. Қиссаҳои қаҳрамонӣ ва ҷавонмардӣ. Ин гуна қиссаҳо бештар шомили нақли қаҳрамониву диловарии симои марказӣ ва фарогири аносири ҷавонмардӣ мебошанд, ки «Самаки айёр» намунаи барҷастаи чунин навъи қиссаҳост» (76, 333-334).

Ю.Салимов менависад, ки «шакли жанрии қисса аз ҷиҳати мавзӯъ, асосан, ба қиссаҳои ишқии моҷароҷӯёна, қиссаҳои ишқии саргузаштӣ, қиссаҳои динии саргузаштӣ тақсим мегардад. Тамоми ин шаклҳои қисса аз ҷиҳати хусусиятҳои жанрӣ, яъне тарзи муносибат ба ҳалли мавзӯи асар умумияти куллӣ доранд» (77, 82).

Ҳангоми таҳлили анвои насри даврони истиқлолият А.Сайфуллоев ба ҷои истилоҳи повест қиссаро ба кор мебарад ва анвои гуногуни қиссаро

номбар мекунад: қиссаи ҳозирамавзӯъ, таърихӣ, мустанад, фантастикӣ, афсонавӣ,  ҳаҷвӣ, моҷароӣ ва монанди инҳо(69, 9).

Аз баррасиҳои зикршуда маълум мегардад, ки бо вуҷуди навистифода будани жанри повест дар адабиёти тоҷик дар он вижагиҳои сохтории осори ривоятӣ ва муаллифии суханварони гузашта ба назар мерасад. Ҳамчунин тарҳу мундариҷаи дар адабиёти рус шаклгирифтаи он боис шуд, ки нависандагони тоҷик низ ба тасвири ҳаматарафаи ҳаёти иҷтимоӣ ва сарнавишти одамон муваффақ гарданд. Адибон бо корбасти ин навъи адабӣ тавонистанд, ки воқеаҳою шахсиятҳои зиёдро ба хотири бозтоби амиқи зиддият, характер, муаммоҳои сиёсию ҷамъиятӣ ва маънавӣ, ҳадафҳои гурӯҳҳои иҷтимоӣ дар заминаи як хатти устувори сужет тасвир намоянд. Ин меъёр ва қонунмандии жанрӣ барои тасвири характеру симои на танҳо қаҳрамони марказӣ, балки персонажҳои дуюмдараҷа ва тавзеҳи аслу заминаҳои муаммоҳои меҳварии асар созгор мебошад. Повест, вусъати нигориши ҷузъиёти зиндагии қаҳрамонон ва муҳити зиндагии онҳо мӯҷиби огоҳии бештари хонанда аз замону макони вуқуи ҳодисаҳо, тақдири одамон, нақши чеҳраҳои барҷаста дар дигаргун сохтани шууру ҷаҳоншиносии ҳамзамонон,инчунин пайванду ихтилофи мардум бо зуҳуроти иҷтимоию маънавӣ ва сиёсӣ мегардад. Бо анҷоми сужети повест як марҳалаи ҳаёти ҷамъияти ҷудогона низ поён меёбад ва нависанда онро хулоса мекунад, ё фаҳми ниҳоиро ба хонандаи ҳушманд ҳавола месозад.

Сорбон аз шумори адибонест, ки повест аз жанрҳои маркази эҷодиёти ӯ ба шумор меравад. Ба жанри қисса рӯй овардани ин суханвар бесабаб набуд, зеро шурӯъ карда аз солҳои 60-уми асри гузашта адибон барои баёни масоили гуногуни иҷтимоӣ-таърихӣ аз имкониятҳои сохторию қолаби қисса истифода намуданд. Илова бар ин, офаридани олами ботинии инсон, кушодани тамоми уқдаҳои печидаи характер, тобишҳои гуногуни психологияи инсон, пайванд додани таърихи гузашта бо воқеияти рӯз, андешаи ҳақиқатҷӯӣ ва чанд мақсадҳои дигар нависандагонро водор сохт, ки қиссаро дар бозгӯии тафаккури таҳқиқии худ муносиб донанд.

Сорбон низ ҳамчун узви фаъоли ҷараёни адабии давр бо нашри маҷмӯаи нахустини хеш, ки шомили ҳикояву повестҳояш бо номи «Гап дар дил» (1969) интишор ёфт, маълум сохт, ки дар баробари ҳикояҳои ҷолиб ӯ офарандаи қиссаҳои марғуб низ буда метавонад. Ӯ бо таълифи қиссаҳои «Занги аввал» (1970), «Санги сипар» (1971), «Ҷӯгӣ» (1973), «Буд, набуд» (1974), «Шинел» (1976) ҷусторҳои ғоявию эстетикӣ, образофаринӣ, тадқиқи муфассалу амиқи характер, тасвиргари ҳолатҳои рӯҳии инсон ва дигар ҷилваҳои ҳунарии худро ба намоиш овард. Дар қиссаҳояш Сорбон ба шарҳи бадеии бархурду садамаҳои иҷтимоӣ, шиддату ғалаёни эҳсосоти қаҳрамонон, муносибати онҳо ба масоили ахлоқ, урфу таомул ва анъанаву суннатҳои роиҷ дар миёни халқ муваффақ гардид.

Дар адабиётшиносии муосири тоҷик тамоми повестҳои Сорбон дар як тадқиқоти мукаммал мавриди омӯзиш қарор нагирифтаанд. Суханшиносон доир ба масоили гуногун, чун мавзӯъ, мундариҷаю сужети повестҳо, характеристикаи қаҳрамонҳо, иртиботи воқеаҳо, ҳадафмандии иҷтимоию ҳунарии нависанда ва чанд масъала ишора менамоянд.

Бояд ёдрас шуд, ки қиссаи аввалини Сорбон «Занги аввал» ба зудӣ таваҷҷуҳи адабиётшиносонро ба худ ҷалб намуд, зеро дар он нависанда ба тадқиқи бадеии образҳои аз назари синну сол ва характер гуногун пардохта, талаботу меъёрҳои зиндагии навро бо таомулу ҷаҳоншиносии пешинаи халқ тавъам рӯйи коғаз овард. М.Шукуров бо иқтибос аз мақолаи муҳаққиқи рус В.Оскотский менигорад, ки донишманди ёдшуда дар мақолаи «Сюжетҳо ва характерҳо» (1972) образи Ҳамидаро аз повести «Занги аввал»-и Сорбон бо Тулган-ойи асари Ч.Айтматов «Майдони модар» шабеҳ дарёфтааст. Ӯ менависад: «Дар ҳақиқат, ин ҷо андак монандӣ ҳаст, Сорбон ҳам бо образи Ҳамида занеро нишон додааст, ки бо душвориҳои мардона рӯ ба рӯ мешавад. Ҳамида бо бардошти тамом ба шоҳроҳи зиндагӣ баромад, вале дар сахттарин шароит ҳам некиву некхоҳӣ дар дили ӯ заррае кам нашуд» (98, 319).

Аз муқоиса бармеояд, ки дар адабиёти шӯравии баъди солҳои 60-ум дар жанри қисса доираи масъалаҳо вусъат ёфта, тасвири таҳлилӣ ҷойи

баёни нақлиро мегирад. Муаммоҳои иҷтимоии реша ба асли таърихии суннатҳои халқҳои гуногундошта боис мегарданд, ки баррасии бадеии мавзӯъҳои ахлоқӣ дар наср марказият пайдо намояд. Нависандагон бештар бар он талош мекунанд, ки барои хонанда дарки бадеии воқеиятро осон созанд ва мазмуну моҳияти ҳодисаҳои ҳаёти инсониро амиқтару нозуктар ва муассиртар рӯи коғаз биёваранд.

Сорбон дар қиссаҳои «Занги аввал» ва «Санги сипар» барои ҳаллу фасли масъалаҳои ахлоқӣ бештар оҳанг ё услуби шадиди драмавиро ба кор бурд. Қаҳрамонони мусбати ин қисса дараҷаи баланди эҳсосот ва туғёни рӯҳи инсони покро таҷассум менамуданд ва дар зимни рафтори худ симои ҳақиқии шахсиятҳои идеалии замони худро бозтоб медоданд. Масалан, дар қиссаи «Занги аввал», вақте кӯдак ҳангоми аз хок берун кардани ток аз марди ҳамсояаш Собир маслиҳат мепурсаду вай ба ҷойи машварату коромӯзӣ ба модари ӯ бо назари бад чашм медӯзад, ваҷоҳати зан зуд чун ҳезум аланга мегирад. Зан ба ин ҳолат тоб наоварда, ба фарзандаш мегӯяд: «- Мон гум шавад. Рӯяшро мурдашӯ бинад, - гуфт. – Духтарам, ту ҳамин ҷо шин, ман бозор рафта, ягон мардикор киро мекунам. Ҳар чи бодобод! Ангур надиҳад, сабз мешавад-ку!» (13, 10).

Чи хеле ки аз мазмуни ин порчаи қисса маълум мешавад, ҳарчанд Собир-амак ба зан ошкоро чизе намегӯяд, вале покию асолати хулқи зан намегузорад, ки нигоҳу румузи марди бегонаро таҳаммул намояд.

Сорбон дар «Занги аввал» олами ботинии қаҳрамони хурдсолро мисли калонсолон пуртаҷриба ва зираку соҳибақл тасвир менамояд. Дар монологҳо духтарак ҳамчун образи орзупарвар, зиндагидӯст ва соҳибандеша тасвир мегардад. Вай дар зимни андешаҳои тӯлонии хеш ба мардум, бахусус ба бузургсолон адабу эҳтироми ҳамдигарро меомӯзад. Аз ҷумла, ҷое мегӯяд: «Агар касе «зиндагӣ ба дилам зад, дилам заҳр гирифт» гӯяд, мехостам гӯям, ки ба зиндагӣ дил бандад, зеро зиндагӣ сурудест, ки кас мехоҳад ҳама вақт гӯш кунад» (13, 11).

Дар қиссаи «Санги сипар» Ҳаким ва Ашӯра персонажҳои ибратомӯзе ҳастанд, ки дар ниҳоди худ рӯҳияву ҷаҳонбинии ҳазорон

одамонро ғунҷоиш додаанд. Онҳо бар зидди хиёнату разолат, дурӯғу фитна ва гирифториҳои иҷтимоии мардум мубориза мебаранд. Нависанда дар ҳар гуна ҳаракат, кору амал, андешаю мулоҳизаи образҳои марказӣ, муносибати онҳо ба табиат, боғу заминҳои кишт, ҳайвоноти боркашу барои корҳои хоҷагиҳо зарурӣ ҳолати ботинии инсонро барҷаста ба ҷилва меорад. Адиб бо истифода аз унсурҳои гӯишию лаҳҷа, зарбулмасалу мақол, таъбиру таркибҳои мардумӣ ва гуфтори саризабонӣ муносибати умумии қаҳрамонони мусбатро ба ин ё он зуҳурот ошкор месозад.

Ин хусусияти асар аз мушоҳидаи адабиётшиносон дур намондааст. Тасвири ҷузъҳои аниқу равшан, лаҳзаҳои ҷудогона, персонажҳо, дар тафаккури нависанда пухтану такмил ёфтани тақдири қаҳрамонон, дарки мураккабию печидагиҳои ҳаёт кардани онҳо ва офариниши хуби табиату тинати одамон аз сифатҳои ҷолиби қисса ба шумор омадаанд (38, 82).

Вижагии дигари қиссаҳои Сорбонро дар нерӯмандию иштироки фаъолу фарогири занон метавон дарёфт. Инро симои Ашӯра дар «Санги сипар», Шаҳбону дар «Буд, набуд...» Чинӣ дар «Ҷӯгӣ», Сангиной дар «Дашти морон» ва амсоли инҳо собит карда метавонанд. Образҳои ёдшуда аз ҳаёти мардуми кӯҳистон гирифта шудаанд. Аз номҳои ҷуғрофии мазбут дар қиссаҳо метавон фаҳмид, ки Сорбон бештар дар хусуси рӯзгори мардуми зодгоҳаш деҳаи Амондара, рустоҳои гирду атроф ва ноҳияи Панҷакент сухан мегӯяд.

Ҳақиқати воқеии қиссаҳои Сорбон дар он зоҳир мешавад, ки нависанда персонажҳои меҳварӣ, бавижа занонро пайваста дар ҳолатҳои фишори ҷисмонию рӯҳонӣ, азобу меҳнати пуршиканҷа ва мубориз бо мардон тасвир менамояд.

Набояд фаромӯш кард, ки Сорбон низ парвардаи ҳамон муҳитест, ки адибони дигари тоҷик дар он парвариш ёфтаанд. Аз ин рӯ, тавзеҳи бадеии лаҳзаҳои хос ба давраи босмачигарӣ, замони бунёди колхозҳо, кушодану обёрӣ кардани заминҳо, таъсиси мактабу дигар муассисаҳои фарҳангӣ, мавзӯи ҷанг ва муборизаҳои дохилии синфи ба ном меҳнаткаш

на танҳо барои Сорбон, балки барои кулли қаламкашони он солҳо вазифаю масъулияти нигорандагӣ ба шумор меомад.

Масъалаи дигаре, ки бештар ба фаъолияти нависандагии Сорбон иртибот гирифта, гоҳо мавриди танқиди шадид ҳам қарор гирифтааст (59, 165), тасвири характери қаҳрамон аст. Сорбон дар қиссаҳои худ имконияти пурвусъаттари тасвири на танҳо симо, балки характери қаҳрамонро фароҳам сохтааст ё як нишонаи услуби навишторий ӯ тафсили ҷузъиёти характери персонажҳо ба шумор меравад. Ҳарчанд сифатҳои персонажҳоро нависанда муфассал наоварад ҳам, вале дар лаҳзаҳои гуногуни сужет аз рафтору одату табиати онҳо сухан ба миён меоварад.

Вижагии дигари қиссаҳои Сорбон дар муколамаҳои тезу тунд зоҳир мегардад. Нависанда дар гуфтугӯи образҳо суханҳои муқаррариро камтар рӯйи коғаз меорад. Суханҳою муколамаҳо асосан фикри қотеъро ифода менамоянд: «- Гир, ин ҷо ҷои нозу нуз не, хӯрдӣ – бурдӣ, нахӯрдӣ – мурдӣ, - боз овози занак баромад» (13, 317).

Аз назари ахлоқӣ бештари образҳои қиссаҳои Сорбон инсонҳои меҳнатдӯсту мубориз ва ҳалолкору покдил мебошанд. Нависанда кӯшиш менамояд, ки ғалабаи адолатро ба разолат нишон диҳад. Персонажҳо ба арзишҳои олии инсонӣ, чун муҳаббату садоқат низ нигоҳу муносибати баланди инсонӣ нишон медиҳанд. Сорбон аз тасвири лаҳзаҳои ба ном ошиқонае, ки моломоли шаҳвату ҳавас ва комҷӯиҳои маҳрамонаи дурушт бошад, парҳез менамояд: «Булӯр аз мадор афтид. Умматқул дар ҳаёташ аввалин бор гиря кард. Ҳамчунон ки кампири Чинӣ барои беномунишон шудани шавҳараш Худойқул мегирист, ҳамин хел Умматқул ҳам барои Булӯр сӯхта мегирист. Қатраҳои ашки ӯ ба хуни Булӯр омехта ба дарё якҷоя мешуд» (13, 114).

Ба андешаи А.Набиев образҳое, ки нависанда дар повестҳои худ офаридааст, заҳматписанд, мубориз, пуртакопӯ ва ба мураккабиҳои ҳаёт тобовар мебошанд. Вай менависад: «Ин нияти нависанда дар повести дуюми ӯ «Санги сипар» (1971) хеле такмил ёфта, обуранги тозае гирифт. Агар дар повести «Занги аввал» нависанда доираи фаъолияти қаҳрамонро

маҳдуд гирифта, ба воситаи ҳаёти шахсӣ ба ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ кӯшида бошад, қаҳрамонҳои повести дуюми ӯ Ҳаким ва Ашӯра дар майдони меҳнати ҳалол дар муносибатҳои нисбатан мураккаб бо одамон, дар шароити вазнини солҳои пас аз ҷанг амал мекунанд» (56, 124-125).

Ба назари мо, барои ҳамаҷониба муайян кардани ҳунари повестнигории Сорбон таҳлилу баррасии мазмуну мундариҷа, сужет ва дигар паҳлӯҳои адабии ин гуна асарҳои адиб дар алоҳидагӣ ба матлаб муносиб аст.

**«Занги аввал»** повест монолог аст, зеро он фарогири гуфтугӯҳои дарунии қаҳрамони асосӣ Ҳамида мебошад. Ин персонаж зодаю парвардаи даврони нобасомон аст. Вай ҳодисаҳои гуногуни барояш пурдаҳшату нобарорро паси ҳам аз сар мегузаронад. Ҳамида аз аввали асар сар карда, барои хонанда ба сифати ровии доно ва қиссагӯи соҳибзавқ ҳувайдо мегардад. Ҳарфҳояш аз умқи дилаш садо медиҳанд ва бо вуҷуди наврасӣ моҳияти ҳама чизро дарк мекунад, пасту баландро мешиносад. Гоҳо бар замми азобу уқубатҳои пешорӯяш буда, дигаронро дӯстдории ҳаёт меомӯзад. Ин матлабро монологҳое, ки робитаи устувори қаҳрамонро бо табиат, муҳит ва дӯстдоштаи ӯ Аҳрор равшан месозанд, собит менамоянд.

Дар «Занги аввал» ва повестҳои дигари Сорбон характеристикаи қаҳрамонони марказӣ хеле хуб нишон дода мешавад. Дар саропои повест дуовозию сеовозии қаҳрамонҳо шунида мешавад. Асар нахуст аз номи духтар, сипас ҷавонзан ва дертар аз забони зани миёнсоли ба сарҳадди пирӣ расида - Ҳамида нақл мешавад. Сорбон кӯшиш менамояд, ки дар баёни матолиб ва ифодаи таҳаррукоти ботинӣ зан будани ровии повестро маълум созад. Ин аст, ки, дар тасвири характеру симои қаҳрамон нигоҳи занона эҳсос мешавад: «Аҳрорро зуд-зуд дидан мехостам. Аҳрор писари аммаам. Баччаи қобил ва бепадар. Тақдири ӯ бо тақдири ман якест. Бозору рӯзгор ба гарданаш. Баъди дарс ӯро ёфтан мушкил» (13, 31).

Дар ҷойи дигар ҳамин навъ муносибати занона ба ҷавони нисбат ба худи Ҳамида хурдсолтар, ки ҳукми писарро дорад, эҳсос мешавад. Ин ҷавон Ҳамдам ном дошта, характеристикаи ӯро низ нависанда шабеҳи

Аҳрор тасвир менамояд: «Ҳамдам ҷавони қобил, рафтору кирдораш Аҳрор барин: ба чашми кас нигоҳ карда гап зада наметавонад, гапат аз даҳон набаромада, матлабатро мефаҳмад. Баъди ду-се рӯзи ҳамзистӣ ба назарам чунин намуд, ки ӯро аз тифлиаш медонам, рӯи дастонам гирифта калон кардаам…Ба Ҳамдам дил бастам» (13, 81).

Дар «Занги аввал» замону макони ҳодисот зуд-зуд тағйир меёбанд. Нависанда бо назардошти он ки баъди соли 1961 дар ҳаёти мардуми шӯравӣ марҳилаи нави тараққиёти ҷомеа оғоз ёфт, имконияту шароити фароҳамомадаро, ки дар касби маош, таҳсил, шаҳрнишинӣ, инчунин дар баробарҳуқуқию озодии ҳар чи бештари занон таъсир дошт, ба хонанда нишон медиҳад. Равшан мегардад, ки муносибати одамон ба ҳаёт ва пешравиҳои он дигар аст.

Повести мазкур соли 1968 навишта шудааст ва аксари персонажҳои асар ҳамзамонони нависанда мебошанд. Сорбон худ шоҳиди ҳамин гуна ҳодисаҳои шабеҳ ба ҳамдигар аст. Ӯ рушди фикрию ҷисмонии ҳамзамононро дар мисоли талошҳои қаҳрамононаш бозтоб медиҳад. Бахусус, баъди маҳрумиятҳое, ки ба сари мардуми Иттиҳоди шӯравӣ, аз ҷумла сокинони Осиёи Марказӣ ибтидо то нимаи асри XX омада буданд, нависанда бояд образҳоеро меофарид, ки тавонмандии моддию рӯҳонӣ дошта бошад. Аз ин хотир, сарнавишти басуръат инкишофёбандаи Ҳамида, дар мисоли дар як фурсат кушта шудани падару бародараш, кори саҳрою азоби модари ӯ, ранҷу тааддии таға, ба балои фитна бо Собир печидани вай, бо дурӯғ гурезонидани Аҳрор, бо Комил оила барпо кардани Ҳамида, тракторчигиро омӯхтанаш, бо Аҳрори дигар дар саҳро вохӯрдану ба шогирдӣ гирифтан ӯ ва даҳҳо силсилаи воқеот ифодагари ба тезӣ тағйир ёфтани фазои зиндагии он айём аст. Ин ҳама тағайюрот дар симо ва рӯзгори Ҳамидаи бахтбаргашта пасу пеш рух дода, гоҳо «Занги аввал»-ро ба сурати филмнома пеши назари хонанда намудор месозанд.

Повести «Занги аввал» ҳолномаи одамони саргардонест, ки ба сабаби ҳодисаҳои маълум то ёфтани саранҷоми кору зиндагӣ ба мушкилоти зиёде рӯ ба рӯ шудаанд. Асарро гардиши ҳодисаҳо,

андешамандиҳои қаҳрамонон, набарди инсон бо падидаҳои ҳастӣ рангоранг гардонидаанд.

Аз бахши 27-уми асар образи худи нависанда ворид ба ҳаводиси тасвиршаванда мешавад. Хонандаи ҳушманд мешиносад, ки Ҳамдам прототипи Сорбон аст. Дар бахши 29-ум симои Лоиқ – дӯсти наврасию ҷавонии Сорбон бо номи Сайёд зуҳур мекунад. Ҳамдам ҳамсараш Нозгул дар хонаи Ҳамида (аслан худи  Ҳамида дар ҳавлии Манзура иҷоранишин аст) истиқомат мекунанд. Ровии қисса, ки ҳамзамон персонажи марказӣ ба шумор меравад, Сайёд (Лоиқ)-ро «писари аз ҳама хурдиам» меномад. Аз тавзеҳоти нависанда шахсияти ӯ ва ҷузъе аз рӯзгори айёми ҷавонии онҳо дар Душанбешаҳр равшан мегардад: «Нозгул (ҳамсари Ҳамдам –Қ.Д.) зуд ба ошхона даромада, сабзиву пиёз гирифт. Ман ба ӯ ёрӣ додам. Ҳамдаму Сайёд ҳарду ба китоб часпиданд…Онҳо касоне буданд, ки ману Нозгулро низ китобхон кардаанд.

Ҳамдаму Сайёд зуд-зуд рӯзномаю маҷалла бардошта меомаданду гап назада рӯи миз мегузоштанд. Ман онҳоро варақ мезадам. Дар саҳифаҳо номи онҳоро дарёфта, дар боли кабӯтарони гумшуда нишаста, ба осмон парвоз мекардам. Сайёд шеър менавишту Ҳамдам ҳикоя. Акнун ҳар куҷо шинам, бо фахр писаронам – фалониҳо мегуфтам ва гумон мекардам, ки ба синаам ханҷар хӯрам ҳам, дигар ашкам нарезад» (13, 87).

«Занги аввал» номи рамзиест, ки боиси шодии Ҳамидаи тақдирсӯхта мегардад. Сайёд ба писари Ҳамдам Сиддиқ ном мегузорад. Аз ин тасмим Ҳамида сахт хурсанд мешавад, зеро ҷавонон номи падари ӯро ба тифли навзод гузошта, муҳаббати фарзандхондагии худро изҳор менамоянд.

Ҳамида дар охири повест наберааш Сиддиқро, ки номи падарашро дорад, бори аввал ба мактаб мебарад ва ормонҳояшро аз ҳосили меҳру ихлос бо Ҳамдаму ҳамсару фарзандаш ва садоқатмандию меҳрубонии Сайёд мешиканад.

Бояд таъкид дошт, ки дар ин бобат мо бо ишораҳои равшани Сорбон дар «Лоиқнома» дучор меоем. Нависанда бо овардани мактубҳои аз хизмати ҳарбӣ ирсолкардаи Лоиқ ва зикри чанд ҳодиса маълум

менамояд, ки қаҳрамони марказии «Занги аввал» барои ин адибони дар он солҳо хеле ҷавон ҳукми модарро доштааст. Иқтибоси зерин аз «Лоиқнома» бозгӯи ҳол аст: «Лоиқ пештар омад аз номайи охиринаш. Андар либоси низомӣ аҷиб метофт: шербасу кашида, нерӯманд аз пешин, лабонаш ва чашмонаш тасфида. Азбаски дар хонааш Салоҳиддин мезист, Лоиқ ҳамроҳи ман омад ба хонайи модархонд. Ҳар ду баробар ба кор мерафтем, аз кор меомадем, футбол мерафтем ва модархонд» «Ба шумо, дугонагиҳо, мурам» гуфта гусел мекарду пешвоз мегирифт» (16, 326).

Ҳамчунон ки дар «Занги аввал» мехонем, дар «Лоиқнома» айни ҳамон матлабҳо ба мушоҳида мерасанд: «Дар он ҳавлийи танг ду кас менавиштем: ӯ сухан ба низом меоварду ман парешон мекардам» (16, 336).

Ёддошти дигаре, ки Сорбон дар «Лоиқнома» меоварад, ин аст, ки воқеан баъди вафоти соҳибхона Ҳамида Содиқова маҷрои зиндагии ёрон дигар мешавад: «Модархонд» дигар аз Самарқанд барнагашт. Бемор шуду фавтид. Ман дар гӯру ҷӯбаш иштирок доштам. Мо аз он кулбайи хурди назарногир, вале бафайз кӯчидем» (16, 337).

Табиист, ки ҳамин хотироти нек ва муоширату одоби ҳамзистӣ боис гардидаанд, ки Сорбон асаре перомуни рӯзгори нобасомони соҳибхона бинвисад. Аз баррасии он бармеояд, ки повести «Занги аввал» хусусияти шарҳиҳолӣ низ дорад ва нависанда дар зимни он ба лаҳзаҳои зиндагии хеш ишорат менамояд.

Повести **«Санги сипар»** низ, дар баробари он чи гуфта шуд, ҷанбаи шарҳиҳолӣ дорад. Ин асарро ба волидайни хеш эҳдо намудани нависанда ҳам бесабаб нест, зеро дар он заҳматҳои инсонҳои меҳнаткаше, монанди падару модараш тасвир мешаванд.

Сорбон ба саволи Ҳокими Азиз: «–Занги аввал»-ро ба хотир биоварем. Қиссаи бисёр хубест аз ҳаёти занҳои тоҷик дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ» чунин посух медиҳад: «Ҳамида оро додаву зеб «Занги аввал»-ро. Хаёл мекунам, ки зебоии рӯзгор зан аст. Ман ба зан меҳри беинтиҳо дорам ва нафрати беандоза. Агар зан порсову рисолавӣ бошад, мадҳу сано бод ба ӯ! Ман зиёд тасвир кардаам занҳои рисолавиро: Ҳамида,

Ашӯра, Шаҳбону, Сабо, Соро, Садафмоҳ, Қумрӣ, Ҷаҳоноро, Саида, Ширбадан ва Шарифа, ки шумо ҳоло ӯро дучор наомадаед. Кӯшидаам, ки дар симои эшон занони фидокор, ҷафокаш, сабрпеша, пок, порсо ҳувайдо бошад» (164, 10).

Сорбон ҳодисаҳои «Санги сипар»-ро чун дар «Занги аввал» дар ду замон қаламкашӣ менамояд. Агар Ҳамида ҳангоми Сиддиқро рӯзи аввали хониш ба мактаб бурда, дар саҳни мактаб сарнавишти худро ба суратгире баён карда бошад, Ҳаким низ дар даруни мошин гузаштаҳоро зимни суҳбату ҳамсафарӣ бо Шавкат ном ронанда нақл менамояд. Вай пирамардест, ки нуҳ фарзанд дорад ва бо вуҷуди пиронсолияш сухани мудири ферма, ки доим ӯро «хуҳарам-муаллима» (яъне Ашӯраро – Қ.Д.) хитоб мекард, нашикаста, ҳамроҳи ронандаҳои ҷавон барои шулха овардан ба колхоз ҷониби Душанбе, аз тариқи Самарқанду Шаҳрисабзу Бойсун, равон аст.

Повести мазкур арзиши баланди ахлоқӣ дорад. Яке аз персонажҳои асосӣ Ҳаким бо Ашӯра ҳамеша ҳамкору ҳамроҳ аст. Гоҳо аз деҳа то авул роҳи дарозро як ҷо тай мекунанд. Дар ҳамаи ин ҳолатҳо вай боре ҳам бо назари бад ва бо чашми қалб ба Ашӯра нигоҳ намекунад. Ҳаким ва Ашӯра тимсоли одамони поктинат ҳастанд, ки гӯё танҳо барои меҳнат зода шудаанд. Ҳар дуи онҳо бо тамоми намояндагони хоҷагӣ, бо ҳар нафаре, ки аз маркази ноҳия меояд ё бо он касе, ки кори чорводоронро нодида мегирад, дар баҳсу муҷодалаанд. Саркор, партком, ҷонишини раис, раис ҳама эҳсос менамоянд, ки Ҳаким ва Ашӯра инсонҳои содиқанд, вале ба хотири гузаронидани ҳукми худ ба торҳои асаби инсонҳои некрафтор нохун мезананд.

Дар саропои асар Санги Сипар – як ҷамоди гӯшаи кӯҳистон ҳамчун рамзу шоҳиди талошҳои Ҳаким хидмат менамояд. Вай ба ин санг такя мезанад, бо он рамуз мегирад ва гоҳо ҳарф мезанад.

Повести **«Буд, набуд»** бозгӯи таърихи ибтидо ва солҳои бистуми қарни XX аст. Дар водии Зарафшон, чун дар дигар манотиқи Осиёи Марказӣ, муддате аз сабаби кам гардидани таъсири сиёсати амирони

Аморати Бухоро ва дар фосилаи таҳкими тадриҷии нуфузи Ҳокимияти шӯравӣ гурӯҳи харобкоре бо ному унвони туркии «босмачӣ» сар мебароранд. Онҳо дар болооби Зарафшон Бекигарии Мастчоҳро таъсис дода, даст ба харобкорию озори мардуми поёноб мезананд. Босмачиён, илова бар он ки молу чорвои мардум, ҳосили зироат, боигарию сарвати халқро зӯран аз они худ мекарданд, инчунин духтарону бонувони зеборо низ маҷбуран ба никоҳи худ медароварданд. Наздики як даҳсола барои мардуми водии Зарафшон нидои «босмачӣ омад», бо расидани марг баробар буд.

Сорбон нишонаву осори ҳамин навъ вайронкориҳои босмачиёнро дар мисоли рафтору кирдори ҳамдеҳагонаш нисбат ба овозаю дағдағаи Ҳомиди қурбошӣ бозтоб медиҳад. Персонажи марказӣ Забур баъди дубора ба шавҳар баромадани хоҳар ва аз дасти падарандар рӯйи хуш надидани ҷиянҳояш онҳоро гирифта ба деҳа меорад. Шаҳбону ва Мурод дар хонаи тағо худро боз ҳам бадтар ятиму бекастар ҳис менамуданд, зеро «Забур агар рӯзе як бор бо баҳонае ятимонро сарзаниш накунад, илмаш қарор намегирифт» (13, 207).

Ҳодисаҳои асосии повест бо сарнавишти ҳамин бахтбаргаштагон пайванд мегирад ва Забур азм менамояд, ки хоҳарзодаашро ба Ҳомиди қурбошӣ тортуқ кунад. Шаҳбону аз ин воқеа огоҳ шуда, мехоҳад ҳамроҳи дӯстдоштааш Ҳафиз аз деҳа гурезад.

Ба ақидаи Ҷӯра Бақозода хатти сужети қиссаи «Буд, набуд...» бо осори устодони насри муосир Садриддин Айнӣ, Сотим Улуғзода ва Ҷалол Икромӣ умумият дорад. Ин матлабро вай дар овардани манзараи ба қӯрбошӣ пешкаш кардани Шаҳбону аз ҷониби Забур маънидод менамояд (38, 74).

Дар повести мазкур рӯҳи тобеъпазир доштани тоҷикон дар воқеаҳои гуногун ва гардишҳои хатти сужети роман ба чашм мерасад. Забур ҳамчун персонажи манфӣ ба кирдорҳое даст мезанад, ки мутобиқи ҷомеаҳои ҳуқуқбунёд бояд ба ҷазои сахттарин сазовор бошад. Масалан, вай хоҳари бевамондаашро хилофи хоҳиши ӯ дубора ба шавҳар медиҳад, ҷиянҳояш

Шаҳбоную Муродро аз хонаи язнааш ба деҳа меорад, онҳоро зиёд азият медиҳад. Вай ният мекунад, ки Шаҳбонуро ба Ҳомиди босмачӣ пешниҳод намояд, дӯстдоштаи духтарро бо дастури худ зери латту кӯб қарор медиҳад, босмачиёни хунхорро ба зодгоҳаш даъват намояд, ба хотири омадани онҳо зиёфат меорояд. Маҷмӯан, ҳар коре ки Забур анҷом медиҳад, билкул муқобили раъйи муҳити созгори иҷтимоии ӯст, вале, мутаассифона, ба истиснои Азиз Тахмин, писараш Ҳафиз, Мир, хоҳараш –биби халифаи мактабдор Офтобхон дигарон коре карда наметавонанд.

Сорбон хатти ҳаракати босмачиҳо, аскарони сурх, рафтору амалиёти халқро нисбати омадани босмачиён ё ҳарбиёни сохти нав дақиқ тасвир менамояд. Дар аксари ҳолатҳо асар ҳукми таърихномаро мегирад. Номи деҳаҳо, мавзеъҳо ва гоҳо одамон ба сурати аслӣ оварда мешаванд: «Баъди ин аз ҷониби Амондара ва дупула мисли мӯру малах аскар омад. Аскарҳои асосӣ. Онҳое, ки бо дастаи Ҳомид муқобилат карданд, пайгирҳо (кашшоф) буданд. Деҳаи Ёрӣ ба воҳима афтод ва ба кӯҳ кӯчид: мардум молу ҳол ва чизу чораашонро бурданд. Тангӣ ва сои калони Ёрӣ ба намоишгоҳе бадал шуда буд. Бӯғчаю гаҳвора, ҷуволҳои ғаллаю кӯзаю ишкамбаҳои равған, кӯрпаю гилем ва ҳар буду шуд дар буни харсангҳо, камар, зери дарахтон ҷо карданд» (13, 287).

Аз мундариҷаи повест маълум мешавад, ки як гурӯҳи халқие, ки аз миёни сокинони деҳаҳои Амондараву Ёрӣ дар заминаи дастгирии аскарон бо роҳбарии Яҳё Мирзо таъсис меёбад, ки баъди гурезонидани Ҳомиди қӯрбошӣ худашон ба тороҷи хонаҳои одамон мепардозанд. Ин кор сабаби нафрати сардори дастаи аскарони сурх Раҳматулин мегардад ва гурӯҳи аз миёни халқ ташкил шударо мазаммат менамояд.

Далели дигари таърихии повест ин аст, ки миёни беки Мастчоҳ Аҳмадхоҷа ва Ҳомиди қӯрбошӣ душманӣ бармехезад. Агар Аҳмадхоҷа худро беки Мастчоҳ эълон карда бошад, Ҳомид худро ҳокими мутлақи водии Зарафшон меномад.

Нависанда ҳар як ҷузъиёти ҳолот ва амалиёти қаҳрамонҳоро муносибу мувофиқ ба ҳамон вазъу ҳол рӯйи коғаз меоварад. Равшан

мегардад, ки оғози садаи XX барои мардуми кӯҳистони водии Зарафшон, мисли дигар манотиқи кӯҳсори Осиёи Марказӣ як даврони пурхараҷу мараҷ, беҳокимиятӣ, гурӯҳкашию тӯдакашии ашхоси мухталиф будааст ва мардум дар миёнаҷои даъвою хостаҳои давлатхоҳон, диндорон ва ҳаракату амалиёти то андозае барои онҳо номаълуми артиши сурх мувоҷеҳ ба офату балоҳое гардидаанд. Гоҳо танҳо овозаи «босмачӣ омад» ё «болшевикон омаданд» ба андешаву зеҳни мардум ҳукумат доштааст.

Саранҷом қаҳрамонҳои мусбати повести «Буд, набуд» ё кушта мешаванд ё сахтию азобҳои гӯшношунидро паси сар менамоянд. Сорбон дар асар ҳақиқати ҳолро тасвир менамояд ва нотавонию шикасти ростиро дар муқобили бадӣ рӯи коғаз меоварад.

Повести **«Сабо»** ҳосили сарнавишти духтари ҳамноми асар мебошад. Духтаре, ки дар авҷи булуғи ҷисмонӣ ба сабаби фавти модар ва ҷанг рафтани падар дар шаҳри Панҷакент, чанд фарсах дуртар аз зодгоҳаш, зери озору шиканҷаи модарандар қарор мегирад. Вай намехоҳад, ки ҳамроҳи ин зан дар сарое, ки шабу рӯз ҳамчун меҳмонхона ба мусофирон сарпаноҳ буд, вазифаи ходимиро адо намояд. Бинобар ин аз модарандар гурехта, ба деҳа меояд, аз девор ба ҳавлии падарии бекас ворид мешавад ва кӯшиш менамояд, ки ҳузури ӯро дар ин ҷо касе пай набарад. Ҳаракатҳои Сабо дар қисмати аввали повест пинҳонкорона ва дар бахши сонии он ошкор ба мушоҳида мерасад. Ҳарчанд вай дар шаҳр, дар назди модарандар як бурида нону сарпаноҳ дошт, вале дар деҳа ин ҳама барояш муҳайё набуд. Вай тамоми азобҳои танҳоӣ, шабгардӣ ва номуродиҳои худро дар деҳа аз гуфтори дурушту таънаи модарандар болотар медонист.

Таъкид кардан зарур аст, ки солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар матбуот ва адабиёти бадеӣ симои занони ҷасуру диловар бештар дида мешуд. Шоирону нависандагон занону духтарони рӯҳан ва ҷисман тавоноро ҳамчун рамзи қудрати халқу давлат тасвир менамуданд. Қаҳрамонию далерии занон боиси саъю кӯшишҳо ва ҷонфидоиҳои афзуни мардон мегардид.

Сужети повест ба чашми хонанда чунин менамояд, ки гӯё вай ҳангоми мутолиа филмеро тамошо мекунад. Зимнан барои кино навишта шудани асарро аксари лаҳзаю ҳолатҳои шавқангези он собит месозанд. Ҳамчунин нависанда дар мусоҳибааш ҳам мегӯяд, ки «Сабо»-ро ба «Мосфилм» пешниҳод карда буданд (164, 9).

Сорбон образи Сабоуро мувофиқи рӯҳияи хос ба замони зиндагии қаҳрамон тасвир менамояд. Вай духтари аслан деҳотист, вале дар шаҳр, бахусус, дар ҳавлие зиндагӣ намудааст, ки шабу рӯз паю қадами мусофирони зиёд, асосан мардон канда намешуд. Илова бар ин, падараш то рафтан ба ҷанг милиса буд ва то ҷое овоза ҳам дошт. Ӯро озодии нисбие, ки дар шаҳр ба он румуз гирифтааст ва обрӯю дағдағаи касби падараш итминон мебахшанд, ки нотарсона ба деҳа ояд ва нимгуруснаву нимбараҳна барои таҳкими адолати иҷтимоӣ талош варзад. Ба ин гуфта ниқор гирифтани вай аз марди осиёбон ва шабона дуздидани орд аз хонаи Абдулло-селпо далел шуда метавонанд. Сабо мақсаду тасмимҳои хуб дорад ва хостори баробарии иҷтимоист, аммо равиши дурусти татбиқи ҳадафҳоро ба сабаби наврасию камтаҷрибагӣ намедонад. Ҳатто орддуздии вай ба хотири зану фарзандони Мизроб-муаллим аз хонаи Абдулло-селпо боиси ба дасти милиса афтодану ба ҷиноят гумонбар шудани навраси дигаре бо номи Ҳусен мегардад. Ҳусенеро, ки Сабо дӯст медорад, аслан заррае ба бадкирдорию нопокизахӯрӣ рағбат надорад, вале баъди овоза шудани орддуздӣ дар деҳа муддате таҳти кулфати кормадони ҳифзи ҳуқуқ қарор мегирад.

Хулосаҳои иҷтимоии Сорбон аз повести Сабо ин аст, ки аслан мардуми тоҷик ғурури баланд дорад, аз дастмузди худ нон мехӯрад, ба қадри ризқу рӯзӣ мерасад, аммо боз ҳам як-ду тан хиёнаткору разиле ҳам дар миёни ин халқ ҳаст, ки муҳити оромро халалдору зиндагонии покро олуда месозад. Таҳаммулпазирии бениҳояти халқ сабаб мешавад, ки нохалафоне мисли Абдулло-селпо шӯру балво ангезанд ва инсонҳои наҷибро ба гирдоби бало андозанд.

А.Набиев дар хусуси повести мазкур менависад: «Повести «Сабо» бошад, ба фикри мо, аз назари гиру мони нависандагӣ, тасвири муфассали ҳаракатҳои рӯҳияи қаҳрамон, дар нишон додани покизагии дили духтараки дар замони ҷанг аз падар ҷудо шуда, дастовардҳо дорад. Аммо ин дастовардҳои нависанда аз он ҷиҳат худро ба пуррагӣ зоҳир накардаанд, ки амалҳои мақсадашон ноаниқи Сабо ва фикру андешаҳои беҳадафи вай болои ҳам омада, характери ӯро хира кардаанд, он амал ва фикр гоҳо хеле хурду ночиз аст. Таҷрибаи Сорбон нишон медиҳад, ки таҳлили психологӣ бояд як принсипи дарку шинохти арзиши иҷтимоии шахс бошад, вагарна он ба психологизми маҳз табдил меёбаду бас» (57, 88).

Сабо бо ҳаракатҳои пинҳон, вале чолоконаю ҷасуронаи худ дар деҳа ҷунбишу таҳаррукоти мардумро ба вуҷуд меоварад ва бо эътирозҳои худ ошкорову ботинии худ нисбати бераҳмии модарандар, ноинсофии осиёбон, кирдорҳои ношоистаи Абдулло-селпо, нодуруст рафтор кардани милиса дар муносибат бо Ҳусен ба дигарон мефаҳмонад, ки хомӯшию рӯҳи тобеият сарафкандагию эҳтиёҷмандии бардавомро тавлид мекунад. Бо ин гуна рафторҳояш на танҳо эътимоди аҳли деҳа, балки рафтори модарандар нисбати вай, муносибати марди милиса ва дигарон тағйир меёбад. Ҳусени хирманкӯб ба ӯ дил мебандад, занҳои деҳа вайро дӯст медоранд. Дар маҷмӯъ, кӯшиши раҳоӣ аз банду қолабҳои иҷтимоӣ мӯҷиби хушбахтии Сабо мегарданд. Дар охири повест модарандараш хабар меорад, ки падараш аз ҷанг баргаштааст, вале аз ҳарду пой маҳрум аст. Сaборо зинда баргаштани падар шодон ҷониби шаҳр мекашад. Дар охир вай сӯзании қиматеро, ки зани Мизроб-муаллим барояш ҳад медиҳад, ба дасти Ҳусен дода, таъкид менамояд, ки онро эҳтиёт намояд ва аз бозгашти батакрори худ ба зодгоҳ мужда медиҳад.

Бино ба таъкиду ёдоварии Сорбон қаҳрамони марказии повести **«Шинели падар»** –Шайдо амаки муаллиф будааст, ки аз ҷанг маҷрӯҳ баргаштааст (129, 12). Асари мазкур бозгӯи аҳволи мардуме аст, ки дар ақибгоҳи ҷанг зиндагӣ карда, бо қадру тавони худ шабу рӯз заҳмат мекашанд.

Ихтилофу зиддиятҳои сужети асар асосан дар муомилаю муносибати Шайдои аз ҷанг баргашта ва раиси ҷамоат Абдул, ки аслан қозинасабу эшонзода аст, зоҳир мегардад. Абдул аз рӯзи аввалини азми кори саҳро кардани Шайдо бо вай муомилаи дурушт намуда, тухмат мезанад, ки ӯ аз ҷанг гурехтааст.

Сорбон воқеаҳои марбут ба солҳои Ҷанги Бузурги Ватаниро хеле дуруст қаламдод менамояд. Аҷиб он аст, ки дар муҳити деҳоти кӯҳистон ҳам дар оғози ташкили ҳукумати шӯравӣ ва ҳам дар даврони ҷангӣ хонадонҳои ҷудогона нуфуз доштанд. Ҳукми як гурӯҳи хурд раъйи ихтиёрию маҷбурии ҳама халқро ифода мекард. Дар оғози «Шинели падар» мехонем, ки вақте падари Шайдоро дар парчи пули Исматулло босмачиҳо бузкашӣ карда буданд, амаки Абдул чун ҷонибдори ғосибон ширкат дошт. Аз ин гуна андешаҳои Шайдо баъди суҳбат бо Абдул равшан мешавад, ки касе падару аҷдодаш хайрхоҳи халқ набуданд, чӣ гуна ба ҳамзамонони худ некӣ карда метавонад. Бахусус, дар замони сахти ҷанг, ки деҳотиён худ серӣ нон нахӯрда, ҳама ҳосилу бозёфтро ба фронт мефиристанд. Тазоди равшан ин аст, ки Абдуле, ки чашми хатту савод надорад, чизеро хонда наметавонад ва худ ба ҷанг нарафта, бар сари қавм дӯғу пӯписа карда мегардад, раиси ҷамоат аст.

Нависанда дар повест зимнан нодуруст интихоб ва таъйин шудани роҳбарони сатҳу зинаҳои поёниву болоиро мазаммат менамояд. Гӯё дар он солҳо ҳукумати шӯравӣ низ тарзе амал мекард, ки дар манотиқи кӯҳистон бояд касоне роҳбар бошанд, ки аҷдоду авлодашон миёни авом обрӯю эътибор дошта бошанд. Дар ин маврид озодии маҷозии саросарии Иттиҳоди шӯравӣ зери суол мерафт.

Сорбон дар монологҳои ботинии Шайдо ва ҳамсари вай Соро ранҷи рӯҳонии инсонҳои покзамир ва шахсиятҳоеро, ки ба ҷуз аз ростию некманишӣ мақсуде надоранд, бо камоли ҳунармандӣ қаламкашӣ менамояд. Масалан, андешаҳои Шайдоро баъди баромадан аз ҳуҷраи кории Абдул навишта чунин рӯйи коғаз меоварад: «Нокас! Гумон кунад, ки ман ҳам мисли ӯ бемор ҳастам. Ноасил! Ҳуҷҷат ба ун кас дода монам,

будааст. Донам, ту чӣ кор кунӣ. Сӯзонию баъд гӯӣ, ки Шайдо гуреза аст. Ҳамаро даҳани амма гумон накун. Мурғе, ки ту пар меканӣ, дигарон куштаанд... Лекин ту чӣ ба ман чаққа шудӣ? Падаратро куштам? Бародаратро пеш андохта, ба ҷанг бурда, ба тири душман дода омадам? Чӣ кардам ман ба ту?...Фарз кардем, ҳамин тавр ҳам шуд: ман туро, бародаратро ҳамроҳ ба ҷанг мебурдам, ту набояд аз ман хафа мешудӣ. Ин қарзи ҳамаи мо: қарзи ман, қарзи ту, қарзи бародарат. Барои ин набудагист. Ягон гапи дигар ҳаст... Аз худат, аз сирру асрорат, аз тагу тирезат тарсӣ. Натарс. Ман ту барин не» (13, 395).

Мотивҳои повести «Шинели падар» бо асарҳои дар ин мавзӯъ навиштаи нависандагон Саттор Турсун, Кароматуллоҳи Мирзо ва дигар адибон умумият доранд. Ҷанги беш аз панҷсола ва оқибатҳои сангину нангини он боиси сар боло кардани унсурҳои иртиҷоӣ дар байни халқ мегардад. Як тоифа одамон бо ахлоқи фосиди худ мӯҷиби маргу саргардониҳо ва шармандагию сарафкандагиҳои одамони нек мегарданд.

Дар асарҳои Сорбон образҳои баргирифта аз халқҳои шӯравӣ, бавижа русҳо кам бошанд ҳам, вале равшану тобноканд.

Сужети асосии повест бо марги Шайдо ба охир мерасад. Бахши интиҳоии он тасвири лаҳзаҳои дарави гандум аст, ки Ҷовид ба Ҳабиба ном духтари даравгар ошиқ мешавад. Нигоҳҳои мармузи онҳоро аксари занон, аз ҷумла модари наврас Соро низ эҳсос менамояд. Тафсилоти хобҳои модару писар – Сорою Ҷовид ифодагари ишқу муҳаббати поканд. Агар баъди марги шавҳар Соро хоби равшане дида, Шайдоро гӯё дар бедорӣ дида бошаду суҳбати кӯтоҳу аҷиб анҷом дода бошанд, Ҷовид дӯстдоштаашро дар либоси арӯсӣ савори асп мебинад. Ба назари ӯ аён мегардад, ки Ҳабибаро ба писари Абдул Мӯсохон додаанду худи Абудл арӯсро дар назди дарвоза аз болои асп мефарорад. Вақти дар гирди оташ давра занонидани домоду арӯс Ҳабиба худро ба оташ мезанад.

А.Набиев доир ба повести «Шинели падар» чунин менигорад: «Повестҳои охирини вай «Шинел» ва «Сабо» (ки гӯё дар пайравии «Киштии сафед»-и Ч. Айматов ба вуҷуд омадааст) аз назари арзишу фикру

андешаҳо ва яклухтии тасвири психологӣ камбудиҳо доранд. Нависанда дар интихоби қаҳрамони асосӣ ва тасвири дунёи маънавии вай ҷиддият зоҳир накардааст. Албатта, дар бораи Шайдо барин шахсоне, ки аз ҷанг захмӣ ва маъюб шуда омаданду дар ақибгоҳ ба тӯҳмату бӯҳтон дучор шудаанд, асар навиштан лозим ва ҳатто зарур аст. Нависанда масъалаи хавфи «ҷанги» маънавӣ ва ахлоқиеро, ки байни шахсони дорои принсипҳои гуногун сурат мегирад, таъкид кардан хостааст» (57, 88).

Чи хеле ки аз мазмуни асар бармеояд, ки Шайдо на танҳо зоҳиран маҷрӯҳ аст, яъне буҷулаки пояш сахт лат хӯрдааст, балки узвҳои дарунии ӯ низ иллат доранд. Илова бар ин, вай дар сари нангу номуси зани ҷавонаш андеша менамояд. Нависанда менависад, ки Соро кулфату таҳқирҳои аз даштбон ва Неъмати девона дидаашро ба шавҳари бемораш изҳор надошт ва ранҷи бе ин ҳам зиёди ӯро афзун накард. Дар канори ин, Абдул барин маъмурони давлатӣ мардонеро, ки сари баланду ифтихору орият доранд, ба ҷанг фиристода, майдони каҷрафториҳои худ васеъ ва ресмони дастёзӣ ба занҳоро дароз менамоянд. Ин аст, ки барои Шайдо ҳамчун марди ҳақиқӣ номуси ҳамсараш низ дар баробари Ватан арзиши олӣ дошт.

Дар ин маврид мо ба эроди А.Набиев «нокифоягии санъати инсоншиносӣ дар повести «Шинел» намоён шуда меистад» (57, 88) розӣ шуда наметавонем. Сорбон арзишҳои миллии хос ба рӯзгордории халқи хешро ҳаматарафа тасвир менамояд, шарму ҳаё ва хостаҳои зану духтари тоҷикро бо тамоми назокат бозтоб медиҳад.

Сорбон дар ин навъ осор бо офаридани манзараю симоҳои ҷолиб, корбурди санъату воситаҳои тасвири бадеӣ, истифодаи вожаҳои ноб, баёни ҳолоту тафаккур ва ҷаҳонбини одамони касбу кори гуногун, таҳлили ҷудогонаи ин ҷанбаҳои эҷодиёти ӯ дар фаслҳои оянда муфассалтар сурат мегирад, воқеияти замони таърихиро пардозгарӣ менамояд.

Дар повест шинел ва телпаки ҷавонони аз ҷангбаргашта ҳамчун рамзи тавоноӣ ва рӯҳи шикастнопазир тасвир шудаанд. Кӯдакону наврасон бо орзуи пӯшидани шинел дар дил орзуи бар душман фатҳу зафар намуданро мепарваранд.

Чи хеле ки дар оғози ин фасл ва дар бахшҳои болоии рисола ёд кардем, аз маъруфтарин повестҳои Сорбон **«Ҷӯгӣ»** маҳсуб меёбад.Ҷалол Икромӣ дар маслиҳатҳои худ ба адибони ҷавони солҳои 70-уми асри XX баъди тавсифи Сорбон гуфта буд: Асарҳои ӯро ман дӯст дошта мехонам ва медонам, ки аз ин одам нависандаи дуруст мебарояд. Соли гузашта «Ҷӯгӣ» ном повести ӯро бо диққат хондам. Ин повест яке аз асарҳои диққатангези вай аст...

Сорбон дар повести «Ҷӯгӣ» образи Чинӣ ва шавҳари ӯро хеле барҷаста додааст. Кас ба кирдор ва рафтори ин персонажҳо бовар мекунад ва ҳамаи хислатҳои ҷӯгиҳои Осиёи Миёна дар ин ду шахс дода шудааст» (125, 4). Албатта, дар идомаи сухан устоди насри муосири тоҷик дар хусуси ба ҳам напайвастани наххои (хатҳои хурд –Қ.Д.) воқеаҳо, пайдо шудани персонажҳо ва пас аз чанде аз сужет берун мондани онҳо, аввал вазифаи ноқилро адо кардани қаҳрамони асар Норҷон ва сипас ин корро анҷом додани худи муаллиф эрод мегирад. Аммо ин навъ гуфтори Ҷалол Икромӣ ҳукми маслиҳатро дошта, ин маъниро ифода намекарданд, ки Сорбон дар офаридани асарҳои хуби бадеӣ маҳорат надорад.

Тадқиқи нисбатан ҳамаҷонибаи повести мазкурро Ҷӯра Бақозода анҷом додааст. Вай менависад: «Повести Сорбон «Ҷӯгӣ» низ аз ҳаёти ақибгоҳ, дурустараш, аз урфу одат, хислату характер, дунёи махсуси як қабилаи ҷӯгиёни Осиёи Марказӣ баҳс мекунад. Он принсипи эҷодии Сорбон, ки хислатҳои маънавию ахлоқӣ ва характери қаҳрамононро дар вазъияту шароити душвору мураккаб, дар айни шиддати задухӯрд месанҷад, бори дигар дар ин асар намоён гаштааст. Нависанда оқибати фоҷеаи ҷанги хонумонсӯзро дар мисоли образи Холҷон, ки барои зиндагӣ, бар ҳаёт мондани фарзандон азобу ранҷ мекашиданд, мубориза мебурданд, бо тасвироти натуралистона нишон медиҳад» (38, 78-79)

Ҷӯра Бақозода аз он ҷиҳат повести «Ҷӯгӣ»-ро ҷолибу хонданӣ дармеёбад, ки Сорбон дар он бисёр саҳнаҳои нотакрор меофарад, мавқеъҷӯии ҷӯгиёнро дар ҳаёти мардуми Осиёи Марказӣ, бахусус тоҷикон ҳамаҷиҳата нишон медиҳад. Муҳаққиқ лаҳзаи хилофи одат бо гуруснагӣ

мубориза  бурдани ҷӯгиёнро чунин шарҳ медиҳад: «Нависанда махсусан лаҳзаи задухӯрди Худойқул ва сагони гуруснаро то ба дараҷаи драматизми тезу тунд расонида тасвир намудааст. Ин саҳна яке аз эпизодҳои пуршиддати асар ҳисоб меёбад ва ҳикояи Ҷек Лондон «Дар талоши ҳаёт»-ро ба хотир меорад. Ҷек Лондон дар биёбони бекас одаму гургро, ки аз ғояти гуруснагӣ беҳолу мадор шудаанд, рӯ ба рӯ мегузорад» (38, 80).

Мавриди зикр аст, ки бо вуҷуди ҳамзистӣ ҷӯгиён аслан бо мардуми маҳаллӣ омезиши хунӣ надоранд ва то ҳанӯз барпо накардаанд. Барои тоҷикон то имрӯз низ ҳаёти интихобкардаи онҳо аҷибу ғариб менамояд ва афсонаю ривоятҳое дар хусуси ҳаёти ин қавм вирди забонҳост.

Ин аст, ки Сорбон дар заминаи мушоҳидаи зиндагии ҷӯгиён мавзӯеро интихоб кард, ки комилан ҳаётӣ буд. Муаллифи ин асар дар посух ба саволи хабарнигор Ҳокими Азиз (1990): «*Ангораҳои қаҳрамонони «Ҷӯгӣ» имрӯз чӣ ҳол доранд? Ба шумо муяссар шуд, ки аз ҳаёти қавми дигаре асар нависед*?

–Он чи дар «Ҷӯгӣ» гуфтам, ҳама буда ва шуда. Қиссаи хоҳарон, ки аз деҳаи мо буданд ва қисмат, рӯзгори носолим онҳоро ба чунин рӯз овард, маро водор кард, ки ин асарро нависам. Ғараз аз «Ҷӯгӣ» дарду ранҷу азоби солҳои ҷанг ва баъди онро гуфтан буд. Агар ҷӯгӣ набуд, ман саҳнаи набарди одаму сагро намегуфтам, аспи сагхӯрдаро хона бурдани Худойқулро наменавиштам, ки гумон мекунам яке аз саҳифаҳои хуби эҷодиёти ман аст» (164, 9).

Асар як навъ бозтоби зиндагиномаи ҷӯгиён аст. Шояд муҳтавои ин асар боис шуд ва мардум аз мароми рӯзгори ин қавми то кунун барои халқу сарзамини мо бегона ошно шудаанд. «Ҷӯгӣ» фарогири зиддиятҳои гуногуни иҷтимоист. Зиддияти нахустин созгор набудан ва наомадани ҳаёти онҳо бо мардуми бумӣ мебошад. Тазоди дигар ихтилофи падару писар – Худойқулу Умматқул аст, ки падар бо сохти нави сиёсию иҷтимоӣ созиш кардан намехоҳад, вале баръакси ӯ, писар зарурати унс гирифтан бо талаботу қонуниятҳои замони навро талқин менамояд. Мехоҳад, ки ҷӯгиён

ҳам ба парвариши зироатҳои гуногун, мисли ҷаву гандуму тамоку машғул шаванд ва аз талбандагӣ ҳазар намоянд.

Зиддияти дигар дар муносибати занону мардони бумӣ бо ҷӯгиён ё баръакси он зоҳир мегардад. Норҷон, ки зани Адҳами ҷӯгӣ буд, мефаҳмад, ки ҳамсари дуюми шавҳараш Райҳон хоҳари ӯст.

Повест бо марги Шариф ном ҷавони маҳаллӣ, ки техникуми хоҷагии қишлоқро тамом карда, бо ҷӯгиён ҷиҳати таъсиси колхоз ёрӣ мерасонид, ба охир мерасад. Духтари Худойқул Гавҳар бо Шариф унс мегирад. Инро Саидқули ҷӯгӣ, ки ӯ низ аз хурдӣ бо Гавҳар дил баста буд, написандида, бо милтиқ Шарифро мепаронад.

Нависанда дар ин маврид боз ба ҳамон зиддияти аввал бармегардад, яъне ҳеҷ гоҳ ҷӯгӣ бо мардуми бумӣ омезиш намеёбад. Тазод дар ин ҷост, ки ҷӯгиён бо таъсири сахти равонӣ, бо баҳонаи фолкушоӣ, ё ҳангомаю воҳимаи бастану кушодани роҳи зиндагии одамон чунон фаъоланд, ки дар аксари маврид ҳукми худро раво медоранд. Агар дар як ҷойи повест Адҳами ҷӯгӣ монеи майли ба ҳаёти муқаррарии муқимиён баргаштани кӯдакону ҳамсараш Норҷон намуда, намояндагони деҳаи занашро бо роҳбарии эшони Маъдихон ноумед ҷавоб диҳад, дар охири асар Саидқул бо куштани Шариф нишон медиҳад, ки гӯё пеши роҳи ҷӯгиёнро гирифтан ва хилофи хоҳиши онҳо кор кардан имконнопазир аст. Ин гуна даъвою эътирозҳои ҷӯгиёнро Сорбон дар мисоли дубора ба роҳ мондани бозии бузкашӣ баён месозад, ки онҳо ба хотири бароварда сохтани ниёзҳои моддию рӯҳонии худ дари райкому дигар идораҳоро «охурча» мекунанд.

Ин саволҳо дар поёни асар беҷавоб мемонанд, ки чаро ҷӯгиён ҳамчун сокини ин сарзамин барои гуноҳҳои зиёди худ, ки Сорбон ҷое аз он аъмол, мисли дуздидани духтарон, дузанагиву сезанагӣ, дуздӣ, таҳдид бо корду милтиқ ва дигар кирдорҳо ёд мекунад, беҷазо мемонанд? Маълум мегардад, ки «беозорӣ»-и мардуми зоҳиран мусалмон, вале хурофотпарасти сокинони Осиёи Марказӣ боиси вусъати амалиёти ғайриинсонии ҷӯгиён шудааст.

Нависанда ду навъи ҳаракат ё тағйироти бебарору бетаъсиреро, ки бар асари муҳити нав ва сиёсати замон бояд дар зиндагонии ҷӯгиён рух диҳад, бо камоли ҳунармандӣ тасвир мекунад. Аввал ин ки бо вуҷуди талошҳои зиёд як қисмати андаки ҷӯгиён ба меҳнати дастаҷамъонаи колхозӣ мувaққатию сарсарӣ рағбат пайдо менамояд. Ин тасмим боз ҳам бе натиҷа меанҷомад. Дуввум, ҷӯгиён ҳам Норҷонро, ки мехоҳад ба ватани падару модари худ баргашта, аз нанги деринасоли ҷӯгӣ будан раҳоӣ ёбад ва ҳам Гавҳарро, ки хилофи русуми онҳо ба ҷавони маҳаллӣ –Шариф дил мебандад, намегузоранд, ки комёб шаванд. Ҳарчанд аксари адабиётшиносон саҳми Сорбонро дар асар бозтоби ба раванди ҳаёти муқаррарӣ баргаштани ҷӯгиёнро дарёфта, ба муомилоти бадеӣ ворид шудани ин мавзӯъро муваффақияти кори эҷодии ӯ мешуморанд, нуктаи аслӣ дар дигар ҷост. Нависандаи нуктасанҷ бо ҳамон услуби ба худ хос бори дигар аз мулоимиву таҳаммулгароии бепоёни мардуми тоҷик ёдовар мешавад, ки бо ҳар гуна зуҳуроту падидаҳо майли созиш карданро дорад.

Муаллиф дар повест ривояти диниеро аз забони пирамарди навадсола Муҳаммадӣ нақл менамояд. Мӯйсафед аз Норҷон мешунавад, ки Адҳами ҷӯгӣ дар муносибатҳои маҳрамона бо занҳояш–хоҳарон муносибати бешармонаро раво медидааст, қиссаи Ҳазрати Иброҳиму Намрудро ба хотир меорад. Мувофиқи нақли ӯ ҳангоми дастгир кардани Ҳазрати Иброҳим ва таъйини ҷазои дар оташ афкандани ӯ шайтон маслиҳат медиҳад, ки манҷанақи маҳфуз дар дӯзахро оваранд ва ӯро болои он гузошта, ҷониби кӯҳи оташ андозанд. Азбаски Ҳазрати Иброҳим бегуноҳ буд, манҷанақ ҳазратро болои оташ намепартофт: «Шайтон чораи дигар андешид: «Дар ин вилоят аз тоифаи ҷӯгиён Лоҳ ва Луҳ ном додару хоҳар ҳастанд, агар онҳо зери ин манҷанақ зино кунанд, мепартояд», гуфт. Намруд фармуд, Лоҳ ва Луҳро оварданд. Онҳо кори нашуданиро карданд. Манҷанақ Ҳазрати Иброҳимро болои оташ партофт...» (14, 124).

Дар маҷмӯъ, повести «Ҷӯгӣ» арзиши баланди этикию эстетикӣ ва таърихӣ дошта, далели қудрати суханварии Сорбон аст. Нависанда тавассути асари хеш асолату ҳақиқати як қавми кӯчиеро, ки то имрӯз

ватану хостгоҳи таърихии он равшан дақиқ нест, ҳаматарафа тасвир менамояд.

Яке аз повестҳои Сорбон, ки ба мавзӯи рӯз навишта шуда, фарогири гирудорҳо, худнамоиҳо, бешармиҳо, беадабиҳо, бадкориҳо, бадандешиҳо, сабукгардиҳо, пулпарастиҳо, молдӯстиҳо ва якчанд сифатҳои манфии тоифаи одамони солҳои 80-уми асри гузашта мебошад, «Чархи эҳтиётӣ» ном дорад. Чархи эҳтиётии мошин, ки Истадхон ном корманди савдо аз пулҳои коғазии гаронарзиш пур кардаасту рӯзона бо худ ба мошин мегузорад ва шабона ба хона медарорад, вазифаи сандуқи гардону сайёрро ичро менамояд.

Повести мазкур басо ҷолиб офарида шудааст ва, беҳуда нест, ки дар мусоҳиба бо Фотеҳ Абдулло Сорбон навишта буд: «Бо номи «Чархи эҳтиётӣ» повести хубе дорам. Надидаам, ки мунаққиде ё олиме аз он огоҳ бошад» (155, 3). Шояд ин сухани нависанда чунин маъно дорад, ки ба василаи асари мазкур ӯ дар интихоби мавзӯъ гардиши наве кардааст ва адабиёт баробари аспи замон ба пеш метозад. Инро ҳам ёдрас шудан зарур аст, ки М.Хоҷаева зимни таҳлили масъалаи ҷаҳонбинии нависанда ва услуб «Чархи эҳтиётӣ»-ро аз дидгоҳҳову меъёрҳои сухансанҷӣ муфассал баррасӣ менамояд. Ба ибораи дигар, он аз назари мунаққидон дур намондааст. Муҳаққиқи ёдшуда повестро асари аз назари тасвири тақдиру сарнавишти персонажҳо номукаммал мешуморад, пайванди воқеияту хоби қаҳрамононро номутаносиб арзёбӣ менамояд, ҷобаҷогузории ноҳамгуни маводи бадеиро нуқси сохтори он мешуморад ва дар лаҳзаҳои гуногун номуайян будани фосилаи вақтро таъкид месозад.

Ба назари мо, мавзӯи повести ёдшуда бисёр ҷолиб аст. Нависанда дар таълифи асар равиши сюрреалистонаро низ ба кор бурдааст, ки шояд дар назар ноҳамгунии андешаҳоро бозтоб диҳанд.

Персонажи марказӣ Истад ҳамчун корманди савдои давлатӣ зина ба зина сабзида, узви партияи коммунистӣ гардида, ба молу сарвати дунё даст ёфтан мехоҳад. Образи мазкур образи мураккаб аст. Дар раванди воқеаҳо калавиданҳои ӯ равшан эҳсос мешавад. Гоҳо то вақти роҳ ёфтан ба ҳузури

раис, дар лаҳзаҳое, ки худро ҳақиру бекас ва ҳатто дар умқи андешаҳояш беномус эҳсос мекард, саъй менамуд, ки ба назди шавҳараш Калонхон равад, дар пеши пояш афтад, узр пурсад ва хатоҳояшро ислоҳ намояд. Аммо муҳит, ҳирси молу чизи дунё, рӯбаҳмизоҷии чун ӯ занони соҳаи савдо намегузоранд, ки вай аз роҳи нодуруст баргардад ва ба қавле, барои расидан ба мақсад метозаду ба пеш меравад. Вай танҳо дар андешаҳои шабонааш худро маҳкум мекунад, каҷрафтории худро дарк менамояд, вале рӯзона пайи амалӣ сохтани нақшаҳои хатояш медавад.

Нависанда раванди ташаккули характери ӯро низ муфассал нишон медиҳад.Ин персонаж дар симо ва рафтору кирдор, нақшаю амалиёти худ типи занони соҳаи савдоро ҳамаҷониба ғунҷоиш медиҳад, зеро даҳаҳои охири асри гузашта дар ҷамъиятҳои матлуботи деҳотиву шаҳрӣ, вилоятию ҷумҳуриявӣ занони «пешво» кам набуданд.

Персонажи дигар Калонхон, ки вақте раиси колхоз буд, ба Истад дил баст ва ӯро ба занӣ гирифт. Чун фаҳмид, ки ҳамсараш бо миёнаравии духтархолааш Сокина ва раиси ӯ ба донишкада ба таҳсил меравад, ғурури мардияш боло гирифт. Ӯ дар ғазаб шуд, ки чаро вай аз ин тасмим бехабар аст ва дигарон тақдирҷунбони ҳаёти оилавии ӯ ҳастанд. Ӯ Истадро зери лату кӯб қарор дод. Истад дар болои ӯ бо ариза шикоят бурд ва Калонхонро аз вазифа озод карданд. Мард ба майнӯшиву сигоркашии доимӣ дода шуда, дар як фурсати кӯтоҳ лоғару афсурда ва зиндагибезор гардид. Ба корҳои оилавӣ ва рафтори занаш умуман аҳамият намедод. Ҳарчанд ӯро ба кори колхоз даъват карда, ба ягон вазифа пешниҳод намоянд ҳам, напазируфта, ба коргоҳи шаробистеҳсолкунӣ рафт.

Сорбон тавассути «Чархи эҳтиётӣ» нишон медиҳад, ки ҷомеаи шӯравӣ дар ҳамаи самтҳо фалаҷ гардидааст: ҳама ҷо шиносбозӣ, духтур ҳам барои додани маълумотномаи дурӯғ пора мегираду кормандони соҳаҳои ҳифзи ҳуқуқ ҳам. Аксари мансабдорон, бахусус кормандони соҳаи савдо ба васвасаи ҷамъоварии пул гирифтор шудаанд ва ин бемориро ҳеҷ даво карда намешавад. Нависанда муносибати Истадро ба хазинаи шахсияш – чархи эҳтиётии мошин чунин тасвир менамояд: «Истад парешон

будани лисобҳоро дарёфт, ҷои пулу дигар дороиҳоро хабар гирифт: яке буд, яке набуд. «Хайрият!». Хайрият чархи эҳтиётӣ барҷост, набуди дигар чизҳо аҳамият надорад, ҳар қадар гиранд, ба закоти чарх намерасад. Чархи эҳтиётӣ фарсуда, кӯҳна, лайси дандонҳо хӯрдашуда, вале чунон азиз, ки панҷ чархи наву мошин ин қадар қадр надорад. Агар сафар дур бошад, чарх аз эҳтиёт гиранд ва чун аз сафар баргарданд, нахуст онро ба хона дароранд: ягон чиз дар ин хонадон ба қадр нест, чунонки чарх» (14, 145).

Ҳамин гуна, Сорбон чархро ба сурати буте тасвир менамояд, ки Истад барин зани беномуси дунёхоҳ шабу рӯз парастиш мекунад. Вай шавҳари қонунии худро ба наздаш роҳ надиҳад ҳам, вале чархро куҷое хоҳад мегузорад.

Бояд таъкид дошт, ки ин асар бештар аз монологҳо ва хобу хаёлҳои парешони Истад иборат аст. Шояд бархе аз муҳаққиқон чунин андешанд, ки Сорбон дар банду басти воқеаҳо ғалат кардааст ё дар пайвастани хатти ҳодисаҳо ба мушкилӣ дучор шудааст. Ба андешаи мо, чунин нест, зеро нависанда дар тағайюроти афкору ҷаҳоншиносӣ ва мулоҳизоти мухталифи Истад ҷунбишҳои ботинии занеро, ки билкул ба васвасаи чизу чора, тилову бастаҳои пул, хонаву мошин ва дигар тааллуқоти дунявӣ дода шудааст, тасвир менамояд.

Повести «Чархи эҳтиётӣ» бозгӯи вазъи хароби иҷтимоию маънавии солҳои охири ҳукумати шӯравист. Ойинаи рӯзгорест, ки пояҳои он тадриҷан бар асари манфиатхоҳии шахсони мансабдор футур мерафт. Бозгӯи вазъу ҳолест, ки зоҳиран мувофиқи оинномаи ҳизби ҳоким буду дар асл бозихонаи майдони ашхоси дунёпараст ба шумор мерафт.

Нависанда повестро бо забони бисёр таъсирбахш эҷод кардааст. Таъбиру иборахои дилчасп, зарбулмасалу мақол, маҷозу киноёти нишонрас, жаргонизмҳо, муҳовараи хос ба соҳибони касбу кори гуногун арзиши «Чархи эҳтиётӣ»-ро афзудаанд.

**«Дашти морон»** аз марғубтарин повестҳои Сорбон буда, маҳсули эҷодии адиб дар солҳои 80-ум аст. Ҳарчанд Сорбон дар мусоҳиба бо Ҳокими Азиз (1990) бетаваҷҷуҳии нисбии худро ба бозсозӣ нишон дода,

мегӯяд, ки «ман ба бозсозӣ коре надорам ва бозсозӣ ба ман», беҳтарин асарҳояш, чун «Дашти морон»-ро дар ҳамин айём офаридааст. Ба андешаи мо, асари мазкур аз назари мундарича, сужет, қонунияти устухонбандӣ ва санъати образофаринӣ аз чанд вижагии хос бархурдор аст:

1. Нависанда дар асар ба тасвиру ташреҳи ҷаҳони ботинии инсонҳое пардохтааст, ки гуноҳ содир кардаанд, аз ҷазо гурехтаанд ва ҷудо аз ҷомеа сукунат доранд. Ба таври дигар гӯем, қариб тамоми образҳои асар манфӣ мебошанд ва кирдори нодурусту маҳалли вуқӯи ҳодисаҳо низ ғайримуқаррарист.

2. Персонажҳои асар, новобаста ба синну сол ва ҷинс, табиати басо мураккаб доранд. Ин печидагӣ ва таниши сарнавишти онҳо ба воқеаҳои маълуми нимаи аввали садаи XX, чун барҳамхӯрии низоми аморату бекигарӣ, ташкили ҳукумати шӯроӣ, ба моликияти давлатӣ табдил додани замину дороии табақаи сарватманд, шурӯи Ҷанги Бузурги Ватанӣ иртиботи амиқ дорад.

3. Дар ин асар, чун дар осори дигари Сорбон (дар повести «Сабо» персонажи манфии «Буд, набуд» Абдулло-селпо аз авлоди Забури ҷаббор, дар «Шинели падар» Абдул аз авлоди эшонҳову қозиҳо) гуноҳро нафароне содир мекунанд, ки падару бобоёнаш ҳам бо чунин аъмоли худ ном бароварда буданд. Масалан, Зукур набераи Абӯшакур аст ва нависанда сарҳалқаи ҳодисаҳоро бо риштаҳои дигар мепайвандад.

4. Сорбон тавассути «Дашти морон» барҷастатарин образи гурезаро дар насри муосири тоҷик офаридааст. Барои ин вай муҳити муносиб интихоб кардааст, мисли кӯҳистони хавфнок, ғорҳои чуқуру амиқи даҳшатафкан ва мағокҳои пур аз морҳои заҳрдор.

5. Устурапардозии хос ҷиҳати тасвири шароити зисти гурезагон, ки дур аз деҳаю одамон ҷӣ сарнавиште доранд.

6. Ниҳоят, нависанда ғаризаҳои ҳайвонӣ доштани инсонро, ки ба сабаби табдили муҳит ё гум шудани сарриштаи кор, набудани илоҷи раҳоӣ аз монеаҳои иҷтимоӣ равшан ба зуҳур меоянд, хеле мантиқӣ пешорӯи хонанда меоварад.

7. Дар асар банду басти воқеаҳо хеле хуб анҷом пазируфтааст. Нависанда дар баробари шарҳи сарнавишти се марду як зане, ки сокини ғор шуда буданд, аҳволи волидони Сангиною Зукур, тарзи рафтори раиси ҷамоат Каттабибию намояндаи район, бо ду девона – Холиқу Боҷӯра ба ҷӯйканӣ рафтани Сангиной ва вазъу андешаҳои дигар персонажҳоро бо камоли устодӣ қаламкашӣ менамояд. Сорбон ҳолати инсони навмедгашта, фиребхӯрда, ба чоҳи бетаги тақдир афтода ва ғалаёну садоҳои дарунии ӯро тарзе баён месозад, ки гӯё тамоми лаҳзаҳоро бо чашми худ дидааст. Ба гумони мо, дар насри муосири тоҷик мисли Сорбон нависандае талотуми ботини одамиро заркорӣ накардааст. Муаллиф тавонистааст, ки дар баробари муайяну муфассал ташреҳ додани нидоҳои дарунии қаҳрамонон (андешаҳои Зукур ҳангоми аз қатор гурехтан, бо чӯпон вохӯрдан, худандешии тӯлонии Ваҳшию Зукур дар ғор), хостаҳои ормонии онҳо (ҳам Ваҳшӣ ва ҳам Зукур мехоҳанд, ки аз онҳо насле боқӣ монад), андешамандию хулосаҳояшон (худро гунаҳкор шумоsurvidani Сангиной), инчунин ҷонсахтию тобоварии одамӣ (пиёда бо тану пойи бараҳна аз ғори Амбал то деҳа омадани Зукур, аз паси ӯ поида омадани Ваҳшӣ, дар хонаи пур аз мор зистани Сангиной), иқтидори бо ҳар гуна муҳит мутобиқ гардидани ӯ (зимистону тобистон дар ғор беш аз бист сол зистани Ваҳшӣ), зоҳирфиребӣ (худро ба гунгӣ заданӣ Ваҳшӣ дар назди Зукур ё худро ба девонагӣ вонамуд кардани Сангиной дар назди волидайну кулли мардум), ғуруру чораҷӯӣ аз ноилоҷӣ (дар ҳабсхона бо салла худро ба дор кашидани падари Зукур Абӯмансур) ва мисли ҳолату ҳодисаҳоро бо сеҳри сухан нодиракорӣ кардааст.

Воқеан, Сорбон дар асари ёдшуда пурасрор будани ҷаҳони ботинии инсониро бо баёни тақдирҳои мухталифу пуртазод ва руйдоду ҳодисаҳои нангин собит менамояд.

Повести «**Қумрӣ**» ба мавзӯи кишту кору деҳқонӣ бахшида шуда бошад ҳам, дар меҳвари тасвироти бадеии он сарнавишти занон қарор дорад. Персонажҳои повест Қумрӣ, модари ӯ Садафмоҳ, хоҳараш Тӯтӣ, аммаи вай Санам, палонҷҳои модараш Салимаю Ҳурбибӣ гӯё сарнавишти

якхела доранд. Садафмоҳ, Салима ва Ҳурбибӣ ҳар се ҳамсари Мулло Шокир ном марде ҳастанд, ки замоне ба дасти аскарони сурх ҳамроҳ буду барои несту нобуд кардани босмачиён талош намудааст. Вайро бо сабаби дар торумори босмачиён нақши асосӣ доштанаш командир меномиданд. Баъдтар вай қариб ки ба ҳаёти сиёсию иҷтимоии ҳамроҳӣ накарда, аз болои зани аввалинаш Салима Садафмоҳ ва сипас Ҳурбибиро ба никоҳ медарорад. Садафмоҳ аслан зани босмачие буд, ки ӯро замоне Мулло Шокир кушта буд, вале ҳардуи онҳо аз ин иттифоқ афтодани ҳодиса бехабар буданд. Вақте Мулло Шокир бо Садафмоҳ бо миёнравии пиразане шинос шуд, зан гуфт, ки бо номи Тавар-командир ака дорад. Мулло Шокир зуд дармеёбад, ки Садафмоҳ хоҳари ҷӯраю ҳамсафи ӯ будааст. Бинобар ин  вай бо Тавар ба хонаи Садафмоҳ зуд-зуд меояд ва замина барои оиладор шудани онҳо гузошта мешавад.

Санам – хоҳари Мулло Шокир аст. Шавҳари ӯро босмачиён куштаанд. Вай дар ҳавлии бародараш, дар хонаи алоҳида зиндагӣ менамояд.

Салима ҳамчун зани аввали Мулло Шокир баъди паёпай зан гирифтани шавҳар рашку ҳасад зоҳир менамояд. Боре духтари ягонааш Ҳалимаро, ки ҳамроҳи хоҳарони угаяш –Тӯтию Қумрӣ дар як ҷойгаҳ хобида буд, бар қад бардошта ба замин мезанад. Бо ҳамин духтарчааш ранҷур шуда мефавтад.

Ҳурбибӣ аз ду ҳамсари пештараи Мулло Шокир ҷавонтар аст. Қадду қомати пасттар дошта бошад ҳам, вале бисёр зебост. Барои ӯро хостгорӣ кардан Мулло Шокир зани дуюми худ Садафмоҳро ба хонаи арӯсшаванда бурда, дар роҳ ба вай маслиҳат медиҳад, ки худро хоҳари ӯ номад.

Баъди ин воқеа Садафмоҳ духтаронашро гирифта, аз хонаи шавҳар мегурезад. Вай ба Душанбе меояд ва бо Юсуфҷон ном ҷавоне оила барпо менамояд.

Ҳурбибӣ дар муддати зиндагӣ бо шавҳараш соҳиби фарзанд намегардад.Хоҳари ягонаи Қумрӣ Тӯтиро Мулло Шокир ба марди

калонсолтари ланге медиҳад. Зиндагии Тӯтӣ дар хонаи ин мард хушу хуррам намегузарад. Баъди панҷ соли анҷоми ҷанг Тӯтӣ бемору заъфаронӣ гардида, якбора мемирад. Садафмоҳ баъди вафоти духтари калонӣ ва барои мудохила накардан нисбати оиладоршавии ӯ ба марди аз вай ба маротиб калон афсӯсу надомат мехӯрад. Ягона ҷигарбанди вай Қумрӣ мемонад, ки модар «чун соя ҳамроҳи» (14, 432) духтар мегардад.

Қумрӣ низ зани хушбахт нест. Ӯро ҳангоми таҳсил дар омӯзишгоҳи духтарона Додхоҳ ном ҷавоне дӯст медорад. Ишқу муҳаббати онҳо чунон гарм шуд, ки Қумрӣ аз баҳри хондан баромада, ба водии Вахш кӯчид ва модарро бо худ овард. Падарандараш Юсуфҷон «ман муҳоҷир шуданӣ не» (14, 416) гуфта дар Душанбе монд. Қумрӣ дар водии Вахш шогирди механизатор шуда ба кори саҳро баромад. Рашки беҳисоби шавҳараш Додхоҳ ва ҷанҷолу ҳақоратҳои пайвастаи ӯ боис гардид, ки Қумрӣ аз вай ҷудо шавад. Шавҳар асосан барои он рашк менамояд, ки занаш бо раис муносибати наздик дорад. Ҳосили издивоҷи Қумрӣ ва Додхоҳ Умедҷон ном писарест, ки ҳамроҳи бобои угаяш Юсуфҷон дар Душанбе зиндагӣ мекунад.

Дар повести «Қумрӣ» мисли «Дашти морон» сужет тартиби анъанавӣ надорад. Асар бо қисмати хотимавии сужет оғоз мегардад. Дар оғози асар аллакай Қумрӣ зани наздик 50-сола аст. Нависанда зимни суҳбати Қумрӣ бо духтарон–механизаторони хоҷагӣ, чун Истади маст, Анзурати дароз ва дигарон тақдири тамоми қаҳрамонҳоро нақл менамояд.

Қумрӣ дар тамоми ҳаёташ баробар ба модараш ба падархондаш Муҳаммадалӣ иродат меварзад, зеро вақте дар хурдсолӣ вай ҳамроҳи модару хоҳараш Тӯтию аммааш Санам аз ҳавлии падараш шабона дар чиллаи зимистон ба Душанбе меомаданд, дар дашт бо галаи гургон рӯ ба рӯ шуданд ва хушбахтона, саворе онҳоро наҷот дод.Ҳамин гуна, Садафмоҳ бо Муҳаммадалӣ бародар дӯстӣ барқарор менамояд ва Қумрӣ ӯро падар мехонад.

Доир ба повест тақризҳои зиёд ба табъ нарасидаанд. Дар хусуси усули нақли воқеот, мазмуни асар ва сарнавишти қаҳрамонҳо миёни

нависанда ва адабиётшинос Маъруф Раҷабов (Раҷабӣ) мубоҳиса ба вуҷуд меояд. Мунаққид дар шумораи 8-уми соли 1987 маҷаллаи «Садои Шарқ» тақриз ба табъ мерасонад. Нависанда ба ин навишта дар рӯзномаи «Адабиёт ва санъат» санаи 24-уми марти соли 1988 дар мақолаи «Ба қадри ҳиммати ӯ..» посух менависад. Маъруф Раҷабов дар минбари «Баҳс ва андеша»-и шумораи №44 санаи 3-юми ноябри соли 1988 батабърасидаи рӯзномаи «Адабиёт ва санъат» таҳти унвони «Сухани сахт нишони ҳаққоният нест» мақолаи ҷавобӣ менависад. Хулосаи андешаҳои мунаққид ин аст, ки Сорбон асосан ба бозтобу тасвири тақдиру сарнавиштҳои ҳузнангез даст мезанад ва аз таҳқиру озор дидани занон зиёд сухан мегӯяд. Илова бар ин, мавзӯи «Қумрӣ», ки соли 1986 навишта шудааст, бо мавзӯи повести «Санги сипар», ки соли 1972, 15 сол пештар навишта шудааст, умумият дорад. Мунаққид менависад, ки «Шумо боз ба ҳамон мавзӯъ рӯ овардед, вале дар ҳалли бадеии ин мавзӯъ чизи нав зам накардаед. Повести «Қумрӣ» аз ин ҷиҳат ҳам дар як ҷо пой кӯфтани Шуморо собит мекунад ва ба ҳамин маънӣ, замони карахтӣ ба эҷодиёти Шумо нақши сахт гузоштааст» (138, 4).

Бояд таъкид дошт, ки дар «Санги сипар» Ҳакиму (марди оиладор ва соҳиби якчанд фарзанд) Ашӯра (зани ҳанӯз оила барпонакарда) муносибати бародарона доранд ва боре нигоҳҳову амалҳои хатои онҳо дар муносибат ба ҳамдигар зоҳир намешавад. Дар повести «Қумрӣ» низ Муҳаммадалии раис (соҳиби зану фарзанд аст) бо «Қумрӣ» танҳо муомилаи бародарона дорад. Агар табъаш хуш бошад, ба Қумрӣ «духтари командир»-гӯён мурочиат менамояд.

Ба назари мо, такрори мавзӯъ дар ҳар ду асар покию садоқатмандии одамони фидокор аст. Сужети асарҳо, ҷою макони вуқӯи ҳодисаҳо («Санги сипар» кӯҳистон, «Қумрӣ» шаҳри Душанбею атрофи он ва водии Вахш), сарнавишти одамон, муносибати персонажҳо ба падидаҳои иҷтимоӣ, гардишҳои куллии ҳаёти занон ва ғайра комилан нав буда, дигаргуниҳои чашмрас падид меоянд. Дар баробари ин, ҷанбаи гуманистии повести «Қумрӣ» хеле қавист. Масалан, Садафмоҳ намехоҳад, ки ҳамсари аввали

Мулло Шокир доим аз рашку ҳасуд бисӯзад, бинобар ин, бо баҳонаи дар боло ёдшуда худро канор мегирад. Аммаи Тӯтию Қумрӣ – Санам комилан тарафдори Садафмоҳу ҷиянҳояш мебошад. Зани сеюми Мулло Шокир Ҳурбибӣ худро доим дар хонаи шавҳар дар назди кӯдакону ҳамсарони пешина шармсор мешуморад. Муҳаммадалӣ дар шаби чиллаи зимистон ҷони хеш ба гарав гузашта, чор каси тамоман бегонаро наҷот медиҳад. Садафмоҳ сонитар барои робитаи фарзандӣ доштани духтаронаш бо падарашон ҳеҷ монеа намегузорад. Вақти вафоти Мулло Шокир Садафмоҳ, Қумрӣ, падарандар Юсуфҷон, набераашон Умедҷон, Муҳаммадалии раису ҳамсараш ҳама ба азо мешитобанд. Қумрӣ баъди шунидани ин хабар дар хонаашон сахт мегиряд. Бар асари мусибати марги падар ҳамаи сахтиҳои муносибати ӯву модарашро фаромӯш мекунад. Баъди бозгашт аз деҳаи Мулло Шокир Юсуфҷон гӯсфанд харида, худоии шавҳари пешинаи занашро ба халқ медиҳад.

Ин далелҳо бозгӯи арзиши баланди повести «Қумрӣ» мебошанд. Ҳамаи ин мотивҳову ангезаҳои иҷтимоӣ барои тарбияи инсон равона гардидаанд. Нависанда ҳақиқати таърихиро дар perояи бадеият рӯйи коғаз овардааст. Табиист, ки замони наҳс ба сари халқ низ бадбахтиҳо меоварад. Дар охири асар эҳсос мешавад, ки бо вуҷуди ранҷу азоб қаҳрамонони аз сад садама зиндамонда хушбахтанд: Садафмоҳ шавҳару духтару набера дорад. Қумрӣ номдортарин деҳқонзани тоҷик аст, ки дар тамоми Тоҷикистону ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ном баровардааст. Дар бораи корномаҳои ӯ даҳҳо мақолаҳо дар саҳфаҳои матбуот ба табъ мерасанд ва ӯ ҳамчун пешқадамтарин солори саҳро шуҳрат дорад.

Ба ин тартиб, хонанда эҳсос менамояд, ки Сорбон тавассути монологҳо, тасвири ҳолатҳои аҷиб, баҳсҳои хурди фалсафӣ, ёдкарди ҳикматҳо, афоризмҳо, мақолҳо, таъбироти ҷолиб, ёдоварии пешинаи рӯзгори қаҳрамонон, муҳиту фазо ва дигар зуҳурот маънию хулосаи аъмоли ҳар як образи бадеиро рӯшод месозад ва тафсир менамояд.

Аҷобати ҳунари нависандагии Сорбон дар осораш, аз ҷумла повестҳо дар он аст, ки ӯ адиби «тасодуфофар» ё «тасодуфпардоз» аст.

Тасодуфҳои мароқангез ва саргармкунанда тақдири қаҳрамононро ба худ мепайванданд. Мо инро дар мисоли хоҳарон будани Норҷону Райҳона дар «Ҷӯгӣ», бобою набера будани Абӯшукуру Абӯзукур дар «Дашти морон», ё амаку бародарзода будани шаббони мактаб ва директори он Сағир Ятимов дар ҳикояи «Гулзамон» ва дигар таълифоти Сорбон мебинем.

Мавриди зикр аст, ки дар замони соҳибистиқлолӣ низ Сорбон ба навиштани як даста қиссаҳои хурд ноил шуд. А.Сайфуллоев қиссаҳое хурди нависандаро, ки дар китоби «Марди танҳо» маҷмӯа шудаанд, фарогири масоили иҷтимоӣ мешуморад. Сужети ин асарҳо ифодагари ҳодисаҳои нангини дар Тоҷикистон охири асри XX рухдода мебошад.

Муҳаққиқ дар хусуси ин навъ осори Сорбон менигорад: «Ҷолиби таваҷҷуҳ аст,ки қиссаҳои Сорбон ҳаҷман кӯчак бошанд ҳам, ба мавзӯву масъалаҳои калони ҳаёти ҷомеа ва тақдири рангоранги одамон-ҳамзамонони мо  бахшида шудаанд. Онҳо бо сабку услубҳои гуногун таълиф ёфтаанд: ҳам лирикӣ, ҳам ҳамосавӣ. Дар ҳарду услуб низ нависанда тавфиқ меёбад, зеро ӯ на танҳо равандҳои асосии ҳаёти ҷомеаро амиқ таҳлил мекунад, балки ба олами ботинии ҳаёти ашхоси гуногун низ назар афканда, дар роҳи ба зуҳур овардани  диалектикаи рӯҳи инсон муваффақ мегардад» (69, 149).

Азбаски дар асари ёдшуда ташреҳи нисбатан муфассали ин навъ осори нависанда сурат гирифтааст, мо аз такрори он худдорӣ менамоем.

Ҳамин тариқ, ҳикояву повестҳои Сорбон дар баробари бо забони рангину ғаноманд таълиф гардидан, инчунин фарогири муҳимтарин лаҳзаҳои таърихи рӯзгори мардуми Тоҷикистон ба шумор меравананд. Образҳои офаридаи Сорбон ифодагари ҷанбаҳои барҷастаи ҳунару истеъдоди худи суханвар буда, дар ифшои олами андешаҳо, тахайюлот, орзу, мақсади одамон ва дар бозгӯии мушкилоту муаммоҳои мухталифи ҳастӣ мавқеи хос доранд. Нависанда бо корбурди аносири урфу таомул, маросимҳо, хурофот ва ҷузъиёти воқеаҳои таърихӣ тавонистааст, ки қиссаҳои ҷолибу хонданӣ ва мондагор эҷод намояд.

## Фасли дуюм. Тасвири характер ва олами ботинии қаҳрамон

Мо аз рӯи тақозои мавзӯъ дар фаслҳои якуми боби аввал ва фасли сеюми боби дуюми рисолаи мавриди назар оид ба масъалаи характери қаҳрамон дар асарҳои Сорбон иҷмолан мулоҳиза рондем. Азбаски як вижагии барҷастаи сабки нависандагии Сорбон дар офаридани характерҳо ба зуҳур мерасад, лозим донистем, ки ин ҷанбаи адабиро дар алоҳидагӣ баррасӣ намоем.

Дар баҳси аксари адабиётшиносон сухан аз боби характери образҳои асосии асарҳои Сорбон меравад. Чунонки дар бахшҳои гузашта ҳам ёдовар шудем, мунаққидон оид ба ин паҳлӯи навиштаҳои Сорбон андешаҳои гуногун доранд. Масалан, адабиётшинос М.Шукуров таъкид менамояд, ки нависанда дар повестҳои «Санги сипар» ва «Ҷӯгӣ» ба офаридани «шахсияти иқтидорманд», «шахсияти қавӣ», «характери зӯрманд» тавфиқ ёфтааст ва онҳо дар «шароити ғайриодӣ» тасвир шудаанд (127, 131).

Дар баҳси дигар суханшиноси фавқуззикр образҳои Ҳакиму Ашӯраро комёбии муаллиф медонад (128, 137).

А.М.Боршаковский дар баробари зикри камбудиҳои сужети повестҳои «Санги сипар» (эътимоднок набудани нақл дар кабинаи мошин, адами диалоги ҷолиб), «Занги аввал» (асрорангез ғайб задани Аҳрор), инчунин дар бораи муваффақияти Сорбон равшан мулоҳиза меронад. Вай мегӯяд, ки «аз се асари Сорбон («Занги аввал», «Санги сипар» ва «Ҷӯгӣ»- шарҳ аз мо Қ.Д,), ки ман хондам, повести «Ҷӯгӣ» аз беҳтаринҳост. Асар зиндагии озоду худсарона ва дарбадари ҷӯгиён ва фалсафаи ҳаётии онҳоро бо ҳама мураккабӣ, хорию зориҳояш дар бар мегирад. Характерҳо хеле ҷозиб ва фасеҳу serрангуборанд» (127, 135).

Муҳаққиқ Н.Н.Кладо зимни мутолиа ва баррасии се повести дар маҷлиси ҷудогона баррасишуда ҷое чунин менависад: «Дар повести «Санги сипар» нависанда Сорбон образи хеле аҷиб ва хотирнишини Ҳакимро офаридааст. Образи Ҳаким бо табиати беғаш, азму иродаи қавӣ ва орзую

нияти нек аз камтарин характерҳои халқӣ мебошад, ки дар адабиёт офарида шудааст. Вақте дар охирҳои повест Ҳаким дар бюрои партия «ман тамоми умр кару гунг будам» мегӯяд, маҳорати баланди нависанда равшан эҳсос мешавад. Ҳаким дар ҳақиқат хомӯш аст, гӯё ки дар ягон задухӯрд иштирок надорад» (127, 137).

Дар симои Ҳаким дарёфти «характери халқӣ» аз ҷониби донишманди зикргардида мушоҳидаи хеле ҷолиб аст, зеро Ҳаким инсонест, ки бидуни фиреб худро мутлақо ба хидмати давлат мебахшад. Санъати характерофаринии Сорбон ҳам дар он равшан мешавад, ки агар вай характери манфӣ тасвир намуданӣ бошад, онро бо баёни заминаи ташаккули характер шурӯъ менамояд, ҷузъиёт ва паҳлӯҳои отифаҳои инсониро нозукона рӯйи коғаз меоварад. Ҳамин равиши хос дар тасвири қаҳрамони мусбат ва персонажи мураккабу калаванда низ эҳсос мегардад. Нависанда зимни наққошии характери қаҳрамон рангу равғани бадеиро устодона ба кор мегирад.

Шоистаи таъкид аст, ки Сорбон ҳангоми тасвири симоҳои барҷастаи асарҳои худ моҳияти табиии характери онҳоро нигоҳ медорад. Адиб дуруст дарк менамояд, ки омилҳои объективии ташаккули характер, пеш аз ҳама, сохти ҷомеа, баромади иҷтимоӣ, мафкураи ҷамъият, анъанаҳои таърихӣ, табиат ва муҳити ҷуғрофӣ ба шумор меравад. Сорбон низ шартҳои ин меъёрро риоя менамояд. Тағйир додани халқияти характерҳо боиси сохта баромадани образҳо мегардад. Дар асарҳои Сорбон характери қаҳрамон тобеи фазою рӯҳияи ҳоким дар маҳалли вуқӯи ҳодисаҳост. Ин ҳолатро ҳеҷ гоҳ далели заъфи равиши нигориши суханвар ҳисобидан раво нест, зеро умумият ёфтан ё рушд кардани сифатҳои неку бад дар шахси ин ё он персонаж на танҳо тақозои ҳунари нависандагӣ, балки ҳукми замону муҳити зуҳури воқеаҳо ба шумор меравад.

Сорбон дар бозтоби бадеии характери қаҳрамонҳои худ тақдири халқ ва моҳияти замону маконро ба назар мегирад. Нависанда гоҳо характери персонажҳоро дар зимни тасвири симои онҳо баён менамояд. Ин омил сабаби кушода шудани гиреҳҳои навбатии сужет мегардад: «Зироат

зани омада. Вақте ки раҳматии Устобобо – марди доро ва соҳиби эҳтиром буд, аз деҳаи ҳамсоя Зироатро ба писараш арес овард. Тӯйчӣ марди хушқомату зебост. Фақат гапро хуб намешунавад ва забони ӯро ба ғайр аз падару модараш касе намефаҳмад. Зироат ҳам давраҳои аввал на ҳарфе мефаҳмид ва на фаҳмонда метавонист. Рафта-рафта одат кард ва бо имову ишора мақсади ӯро мефаҳмид ва муродашро мефаҳмонд. То зинда будани Устобобо гапи дағали Зироатро касе нашунида буд. Баъдҳо ба сари Тӯйчӣ даст мебардоштагӣ шуд ва ҳатто бори рӯзгор ба дӯшаш афтид, бозору магазинро ҳам худаш медид. Ӯ мисли занҳои деҳа аз мардон намегурезад. Қоматашро боло карда мегардад. Абрӯвони камонӣ ва чашмони муғулиаш дилкашанд. Ӯ зани қофиябоз ва базлагӯй аст» (13, 126).

Нависанда бо баёни характеристикаи қаҳрамони «Санги сипар» – Зироат хонандаро аз сар задани ҳодисаи нангине хабардор менамояд ва заминаи субъективии характери ӯро нишон медиҳад. Зеро яке аз заминаҳои субъективии ташаккули чигунагии характери қаҳрамон касби маош ва фаъолияти меҳнатӣ ба ҳисоб меравад. Аз сужети повест бармеояд, ки баъдтар Зироат ба шавҳари худ хиёнат менамояд.

Сорбон дар нигориши характерҳои манфӣ ва мусбат маҳорати баланд дорад. Дар ҳикояву повестҳои адиб бештари образҳои манфӣ симои зоҳирии хуб низ надоранд, ва, ба қавле, беруну дарунашон якранг аст. Ин навъ персонажҳо намоёнтарин авсофи бади ҳамсафу ҳаммаслакони худро ифода менамоянд. Агар ин ҳолатро дар мисоли ду қаҳрамони повести «Шинели падар» Абдул ва Аюб бубинем, ҳақиқати андеша собит мешавад: «Ӯ (Аюб-Қ.Д.) мисли бародараш (Абдул-Қ.Д.) гарданкӯтоҳи ғулаи сурх не, балки расоқомат, гардандароз ва синапеши сарбаланд буд. Ҳар каси бори аввалдида ӯро як одами ҳавобаланд мегуфт. Дар асл ин тавр не: гарданшах, якрав ва яккавла аст. Касеро дӯст дорад, ҷон дареғ надорад. Бад бинад, ба рӯяш нигоҳ ҳам накунад» (13, 417-418).

Характери қаҳрамонҳои ҳикояву повестҳои Сорбон ҳамеша на дар амал, балки дар андешамандию монологҳои ботинии онҳо зоҳир мегардад.

Масалан, дар як монологи Ҳамида аз повести «Занги аввал» паҳлӯҳои гуногуни характеру мароми зиндагии ду қаҳрамон ғунҷоиш ёфтааст: «Ман дигар аз аммаам ҳарфе нашунидам. Қаъри чашмонаш мисли рӯзҳои гузаштаи ман хомӯш буданд. Пас аз хело мулоҳиза чунин ба назар мерасид, ки гӯё он чашмҳо ташвишҳои рӯзгори куҳанро фурӯ бурда, инак сард, бепарво ва бенур шудаанд. Он чашмҳо маро таъна мезананду мегӯянд: «Душмани қаттолам шудӣ, нурам рабудӣ, чӣ беҳаёӣ, ки боз рӯ ба рӯям меистӣ. Қурбонӣ бикун». Ҳақ доред маро сӯрох кунед, эй чашмҳои сокит. Оташи шумо куҷо шуданд? Боз сари ман чӣ маломатҳоеро нигарон бошад?» (13, 42).

Қаҳрамонҳои мусбатро Сорбон тавре тасвир менамояд, ки онҳо бо амалҳои худ рафтори дигаронро низ тағйир медиҳанд. Ин навъ образҳо дорои характери ибратомӯз мебошанд. Дар повести «Занги аввал» Манзура мехоҳад, ки Ҳамидаро аз роҳ бароварда, бо мардони бегона, бахусус, бо онҳое ки кормандони соҳаи савдо буда, дорои пулу сарвати зиёд мебошанд, ошно намояд. Ҳамида ба ин розӣ намешавад ва аз дугонааш Манзура меранҷад, ки ӯро низ мисли худаш дастхуши мардони булҳавас карданист. Ҳамида, ки дар хонаи Манзура мезист, дар ғазаб шуда, бо писархондаш Ҳамдам азми аз он ҷо кӯчидан менамояд, вале дугонааш хатои худро фаҳмида чунин мегӯяд: «–Ҳамидаой, бубахш! Ҳамон шаб ту ба ман дарс додӣ… Хатоямро фаҳмидам… То ин дам дар бораи пул, чиз, айшу нӯш фикр мекардам. Акнун дар бораи қадри одам, шарафи зан фикр мекунам…» (13, 90).

Сорбон барои тасвири ҷаҳони ботинии қаҳрамонҳо моҳияти авзои замон ва муҳитро низ ба инобат мегирад. Аз ин рӯ, дар бештари ҳолатҳо ҷӯшиши дарунии персонажҳо, фикру мулоҳизаҳо, хаёлоту орзуҳои онҳо вобаста ба замону макон ва муҳит рӯйи коғаз оварда мешавад. Қаҳрамони марказии повести «Шинели падар» Шайдо ҷанг тамом нашуда ба деҳа бармегардад. Азбаски дар зоҳири ӯ нуқсе набуд, аксари одамон, ҳатто ҳамсари ӯ ба пиндору гумони гуногун ғуттавар мешавад. Шайдо бошад, дар хусуси занаш Соро меандешад, ки дар набудани вай чи ҳодисаҳое ба

сари ӯ омада бошад: «…Аммо Шайдо баръакси ин ҳама: дасту пояш солим, сарӯ рӯяш ҳам як қисм, ақлу ҳушаш дар ҷояш, гапаш бурро. Фақат рангаш коҳида. Барои ҳамин занаш Соро баробари ӯро дидан чӣ гуфтан ва чӣ хел ӯро пешвоз гирифтанро надониста, сурат шуд. Аз афташ, аз одамон шарм дошт: аз одамоне, шавҳарашро гирду пеш карда ва борхалтаашро бардошта омаданд. Шайдо аҳволи ӯро дида ба китфи зан кафи даст гузошт, ба тавраш навозиш карда гузашт, гузашту ба хотираш зад, ки шояд дар вақти набуданаш ҷой дигар шуда бошад. Аз остонаи хона касе ӯро боздоштагӣ барин қадам ба дарун ниҳода ба пас нигашт. Соро ба ӯ ҳоло ҳам шикастадил менигарист» (13, 391).

Манзури Сорбон аз баёни ҳолати мазкур ин аст, ки Соро меандешад, ки шояд шавҳараш аз ҷанг гурехта ба Ватан хиёнат кардааст. Шайдо бошад, гумон мекунад, ки шояд дар муддати набудани вай марде ба номуси ҳамсараш даст дароз кардааст. Ҳунари ботиннигарии нависанда дар чунин ошкорсозиҳои рӯҳияи қаҳрамонон равшан зоҳир мегардад.

Дар якчанд ҳикоя ва повестҳои «Занги аввал», «Сабо», «Шинели падар», «Буд, набуд» симои кӯдакону наврасон низ дар баробари қаҳрамонони бузургсол ба назар мерасад. Дар ин асарҳо Сорбон аз дидгоҳу равзанаи нигоҳи кӯдакону наврасон ба падидаву зуҳуроти иҷтимоӣ менигарад ва марҳилаҳои худшиносии онҳоро бозтоб медиҳад. Дар бисёр монологҳои ботинӣ на танҳо рӯҳи мубориз доштани кӯдакону наврасон, инчунин орзуву умед ва ишқу муҳаббати поки онон низ тасвир гардидааст. Агар дар «Занги аввал» ва «Буд, набуд» ҷаҳони ботинии ин персонажҳо вобаста ба замони босмачигарӣ бозгӯӣ шавад, дар повестҳои «Сабо» ва «Шинели падар» ормонҳои онҳо дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ташреҳ меёбад. Сабою Ҳусен ва Ҳабибаю Ҷовид дар овони наврасӣ мағзу моҳияти рӯҳияи волидону атрофиён, кирдору рафтор ва муомилоти иҷтимоию маънавии онҳоро дар вуҷуди худ тафсир менамоянд, аъмоли эшонро дар ниҳоди худ доварӣ мекунанд ва аз сарнавишти онҳо таҷриба мегиранд.

Образи Ҷовидро нависанда тарзе офаридааст, ки ӯ бо камолоти маънавӣ ва вусъати ҷаҳони ботинӣ ҷойи қаҳрамони марказиро ишғол менамояд. Вай аз ҳолати ҷисман ва рӯҳан абгори падар, талошҳои модар, садоқату хиёнати ҳамдеҳагон, аз бесабрию булҳавасии тоифаи ғаддор, аз таҳаммулу бурдбории одамони поксиришт панду ибрат мепазирад ва дидаю шунидаҳояшро бо тарозуи ақл маъқул мешуморад ё маҳкум менамояд. Вай барои пойдории оилаашон саъй мекунад. Ҷовид тимсоли ҳазорон наврасони рамузфаҳму меҳнатқарини солҳои пурмашаққати Ҷанги Бузурги Ватанист, ки кӯшиши амалӣ гардонидани ормону орзуҳои ҷавононичун падараш дар роҳи Ватан қурбоншударо дар дил мепарварад.

Адиб дар бештари ҳолатҳо тасвири олами ботинии қаҳрамонро аз тафсилоти воқеаҳо болотар мегузорад ва дар заминаи пайванди ҳолату ҳодиса, манзара ва рӯҳияи қаҳрамон ҷунбишҳои амиқу талотумҳои дарунии инсонҳоро маънидод месозад.  Масалан, дар ҳикояи «Нақши рӯи барф» умумиятпазирии унсурҳои ёдшуда баръало равшан ба назар мерасад: «Донаи гӯгирд вағғӣ карду сираш оташ гирифта ба рӯйи бистар парид. Донаи дигар барафрӯхта шуд. Чароғ фурӯзон гашт. «Чароғ мурад, боз афрӯхта шавад, аммо одам, ки мурд, мурад» аз дил гузаронд ӯ. Аз сар ва назари Зуфунун даҳшатҳо париданд» (23, 70).

Бо баёни чунин ҳолат Сорбон интихоби мушкилтарин лаҳзаи зиндагиро на танҳо пешорӯи персонаж, балки худи хонанда ҳам мегузорад, ки ӯ ҳангоми рӯйдоди ҳодисаҳои ба ин шабеҳи иҷтимоӣ кадом роҳро бипазирад.

Нависанда монологҳои ботинии ҳикояву повестҳояшро таҳти оҳангҳои махсус меофарад. Дар баъзе асарҳо тасвири дунёи дарунии қаҳрамонон бо оҳангу равиши лирикӣ ва дар осори дигар таҳти таъсири оҳанги шадиди ҳамосавию драмавӣ сурат мегирад. Барои мисол дар повести «Занги аввал» ин ҳолат тавассути баёнияҳои лирикӣ ифода меёбад: «Пас аз шунидани ин сухан худро гум карда, якбора сӯи дарвоза давидам (Ҳамида-Қ.Д.): рӯ ба рӯям як пайкари зебо, вале хеле харобу лоғар меистод (Аҳрор-Қ.Д.). Мо ба якдигар салом дода натавонистем. Ман қарахт шудам.

Ӯ сару рӯи маро андоза мекард. Ба назарам, ба либосҳои қимматбаҳои арӯсӣ, ба қошу тавқи зарринам лаънат мехонд. Хостам ҳамаи он зебу зиннатро аз баданам дур кунам ва дар либоси оддӣ наздаш истам. Ӯ «хайр!» гуфт ва рафт, аз ман ҳарфе нашунида рафт. Аммаам аз паси ӯ баромад ва модарам ҳам, ман то беруни дарвоза баромадам ва бари рӯямро ба палладарӣ гузошта, карахт шудам» (13, 47).

Дар баробари ин, дар «Дашти морон» қиссаҳои саргаштагию маҳрумиятҳои сокинони ғори Амбал –Абӯшукур, Ваҳшӣ ё Ғаддор ва Абӯзукур, ки аввалию сеюмӣ бобою набера мебошанд, бо оҳанги ҳамосавӣ ва драмавии шадид баён мегардад. Тақдирҳои мураккабу нобасомон, роҳи охираш нопайдо, дар худ печидагиҳои дурудароз, муносибати муаммогунаю мармуз ба ҳастӣ аз сифатҳою нишонаҳои персонажҳои ин повест аст. Ба назари мо, маҳз муфассал ва дар чанд қабати бадеӣ тасвир ёфтани рӯзгори қаҳрамонон асари мазкурро то сарҳади роман бурдаанд.

Шояд маҳз ҳамин вижагии осори Сорбон аст, ки А.Набиев ба офаридаҳои бадеии ӯ чунин баҳо медиҳад: «Дар офаридани образҳои равшану назарнамо Сорбон аз таҳлили психологии характер ӯҳдабароёна истифода бурда, ба қаҳрамонҳо ҷозибаи махсус бахшидааст (56, 126).

Ба ин тартиб, метавон хулоса кард, ки Сорбон дар нигориши характери қаҳрамонон ва нуктаю аломатҳои ҷаҳони ботинии одамон услуби вижаи худро дорад. Адиб барои тасвири ҳамаҷонибаи нерӯҳои рӯҳонию ҷисмонии қаҳрамононаш равишҳои ҷолибро ба кор мебарад. Омезишу муносиб афтодани нишонаҳои монолог, қиёфа, ҳолат, манзара ва дигар унсурҳои композитсионии асари бадеӣ арзиши ин ҷанбаи ҳунари нигорандагии Сорбонро бамаротиб боло мебаранд.

### Фасли сеюм. Инъикоси рӯҳи замон ва ҳофизаи таърихӣ

Муҳимтарин вижагии ҳунарии осори Сорбон дар он зоҳир мегардад, ки вай рӯҳи замонро дар офаридаҳои бадеии хеш ба хубӣ инъикос менамояд. Агарчи дар аксари ҳикояҳову повестҳо ба солу моҳи дақиқ

ишора нашавад ҳам, вале хонанда набзи замону макон, муносибати одамон ва пофишории онҳоро дар муқобили зуҳуроти мухталифи иҷтимоӣ эҳсос менамояд.

Маъмулан сохтмони макон дар адабиёти бадеӣ дар заминаи таносуби ашё ва муҳит сурат мегирад. Аломату нишонаи макон ба ашё ва муҳити он вобаста буда, барои муайян кардани замони таърихӣ ва бадеӣ мусоидат менамояд. Сохтмони замон дар асоси унсурҳои вақт аз сония то сол сурат мегирад ва шарҳи ҳамаҷонибаи он ба василаи ҳодисаҳои ҷамъиятӣ даст медиҳад.

Аз ин дидгоҳ, Сорбон низ пешорӯи хонанда макон ва замонеро меоварад, ки такя ба воқеият дорад. Пайванди воқеа бо макону замони муайян ҳамеша қимати асари бадеиро афзун мегардонад. Нависанда тавассути образҳо, мотивҳо ва сужетҳо як ҷанбаи шуури миллию қавмии моро хуб ошкор месозад, ки ин ҳам мавҷудияти рӯҳи тобеъ ба замон ва воқеияти вақт аст. Басо шигифтовару аламовар аст, ки тоҷикон бар асари ҳодисаҳои нангини таърихӣ, ки борҳо сабаби қатли оми (генотсиди) ин миллат гардидааст, рӯҳу табиати тобеӣ ба худ гирифтанд. Тобеъ будан ба замон ва фаромӯш кардану нодида гирифтани имконияту маҳдудияти макон боиси хорию зиллати халқ гаридааст. Вагарна мо дар оғози салтанати шӯравӣ ҳазорон ҷилд китобу ҳазорон ҳазор шахсиятҳои фарҳангиямонро ба боди фано намедодем, шаҳру марказҳои бузурги таърихиямон, ки гаҳвораи тамаддуни ҷаҳон меноманд, аз даст намерафт. Дар бисёр маврид намояндагони миллати мо ҳама гуна сиёсату қонунмандиҳои даврро мураккаб сохтанд, аз номи сарварони сиёсӣ ба халқи хеш зулм намуданд ва ҳукуматҳои кӯчакро дар дохили низоми сиёсии ҳоким ба вуҷуд оварданд. Матлаби мазкурро мундариҷаи повести Сорбон «Шинели падар» баръало собит менамояд.

Албатта, чунин типҳо дар адабиёти муосири тоҷик хеле зиёданд ва онҳоро нависандагони соҳибмактаб бо тамоми ҷузъиёташон офаридаанд. Масалан, дар «Доғҳои офтоб»-и Сайф Раҳимзоди Афардӣ образи Хуҷаи народ бозгӯи ҳамин ҳол аст. Зулми ӯ ба ҳаддест, ки Бобои Нодир ном

марде, ки пешаи чармгарӣ дошт, аз баҳри касби аҷдодӣ баромада, дар хоҷагӣ маҷбуран ба дорукӯбӣ машғул мешавад. Чашмони мӯйсафедро нурию доруҳо хира мегардонанд ва кор ба ҷое мерасад, ки шомгоҳон ҳангоми намоз самти қибларо шинохта наметавонад. Вақте овози «нароood» (лафзи русии мардум-Қ.Д.) гуфтани саркори золимро мешунавад, қутби ҷойнамозашро ба ҷониби вай гардонида, ба ибодат мепардозад. Баъд аламаш меояду мегӯяд: «– Лаънат! Лаънат!...Лаънат бар туву бар пунбаат!- нафрин кард ӯ онеро, ки лаҳзае пеш саҷда оварда будаш, нафринаш оҳиста ва кашдор буд. Пирамард хушҳавсала буд, хоса дар нафрин: ҳар суханеро маза дода рӯи забон мегардонид, то аз даҳонаш барорад. Сухан мезад, дашном медод, нафрин мекард ва кайф мебурд, чунонки набот дар комаш ба оҳистагӣ об гардад» (3, 66-67).

Повести Абдулҳамид Самад «Сарлашкар» низ бозгӯи он аст, ки чӣ тавр як намояндаи маҳал метавонад бо истифода аз рӯҳи тобеи халқ ба вуҷуди онҳо раҳ ёбад, зулму ситам намояд. Ин персонаж намунаи раҳбари сатҳи поёнии ҷомеа буда, бо худнамоию фиреб мардумро метарсонад, кор мефармояд ва маҷбур месозад, ки ӯро эҳтиром намоянд: «Ҳо ин бача худодод аст. Поятона ба пои Сарлашкар дароз накунед, ки аз ҳафт ҷояш мешиканад» (9, 54).

Кароматулло Мирзоев дар повести «Дарди ишқ» бо рафтори зоҳирӣ гул задани мардумро дар мисоли персонажи он Калтаи Мансур нишон медиҳад. Ин образ, ки худ аз миёни мардуми русто сар задааст, чунон аз рӯҳи тобеи ҳамдеҳагонаш истифода мебарад, ки тамоми зару зевар ва дороии онҳоро аз они худ менамояд. Чунин одамон анъанаву русуми зиндагии маҳалро омӯхта, аз замони мусоид истифода мекунанд. Аҷаб он аст, ки чунин афроди пасту разил аз куштан ё ба мурдан фиристодани мардони бонангу номус ибое надоранд.

Сорбон дар повесту ҳикояҳояш ҳамин гуна ҳолатҳою мотивҳоро хеле таъсирбахш ва риққатовар тасвир менамояд.

Ҳикояи Сорбон «Хӯшаи қисмат» дар атрофи арзиши замонии «Моли колхоз –хуни мардум» (23, 225) печ мехӯрад. Қаҳрамони ҳикоя ба

хотири он ки кӯдаконаш дар айёми вазнин аз гуруснагӣ намиранд, аз миёни гандумзори пӯхта як рӯймол хӯша мечинад. Дар аснои бо тарсу ҳарос чидани хӯшаҳо тасаввур ҳам менамояд, ки «хӯшаҳоро бараду дар хамгашти Калтанова саркӯб кунад, гандуми нуқл карда пушти фӯта бандад, хона барад; нисфашро бирён кунад занаш ва нисфи дигарро гунгина андозад дар дег ё дар офтоба, то кӯдаконаш раҳо ёбанд аз доми гушнагӣ» (23, 225).

Карими Муш дар сари як рӯймол гандуми тозанакардаю кафмол нашуда чунон меандешад, ки гӯё хазинаи шоҳиро батамом duздида бошад. Шамоле ҳам намевазад, ки оҳиста гандумро бод диҳад, мадоре надорад, ки пуф кунаду онро аз хас тоза намояд. Вай марди поку меҳнатқарин аст ва ҳоло аз гандумзори ҷамъиятӣ дуздиданаш аз сари маҷбурист. Вай аз нотавонию хории худ андешид. «Балки аз дуздӣ шарм кард, оташ гирифт танашро, арақ баровард ва андешаи дароз рафт: дуздӣ накарда буд дар умраш. Мушхонаҳоро кофта, синаи заминро чоку барчок карда, захираи мушонро рабуд барои тифлон; аз кӯҳ ревоҷ оварда ба нон иваз кард, хорча кашон бар дӯшаш… то тифлон намиранд ва имрӯз ба дуздӣ даст зад…Хост донаро пошад миёни гандумзор, фӯтаро бандад ба миён ва бе биму ҳарос равад ба хона. Ҷон раҳо кунад аз азоб. Нашуд. «Ситеза лозим нест». Чунин дарёфт андешаашро…» (23, 226).

Баъди он ки Карими Муш аз тамошои кӯтоҳи гандумзор лаззат бардошта буд, сояи Ҳосилот – нигаҳбони замини хоҷагӣ «чу Чингизхон» (23, 227) ба рӯяш афтод. Ин чеҳраи манфур, ки замонро дар макони муайян зери тозинаю суми аспи худ нигаҳ медошт, шоҳиди ин ҳол шуд ва Карими бенаворо пешандоз кард, ки то ба идораи колхоз барад, дар байни халқ шармсору сарафканда намояд, сипас ба милисаю суд супорад. Карими Муш мегуфт: «– Дарду балои баччаҳота гирам…Бори аввал ба ин ҷо омадам, кори кардаам ана ин хӯша…Барои ҳамин маро куштанӣ бошӣ, бикуш, лекин маро миёни мардум набар, кирои шармандагӣ нест. Ту ҳам бачча дорӣ, додар, ман ҳам бачча дорам, додар… намуранд гуфтам…ҳамаи онҳо муранд, ба кӣ монад ин дунё?

– Бе бачаҳои ту ҳам дунёдор ёфт шавад, пеш даро!» (23, 229).

Як даст хӯшаи гандум ба «хӯшаи қисмат»-и Карими Муш табдил ёфт. Ӯ кӯдакони гуруснаашро ба хотир овард, гиряву даступозании онҳоро тасаввур намуд ва шармандагӣ ниҳодашро аланга зад. Аз паси Ҳосилот, ҳангоми аз Дашти Малла ба тарафи офтобрӯя гузаштан аз Пули Калони болои рӯди Зарафшон худро ба об андохт ва ба ҳаёти худ хотима бахшид.

А.Раҳмонов дуруст қайд менамояд, ки «категорияи замони таърихӣ дар насри бадеии тоҷик тайи солҳои 70-80-ум қимати шахс ва фаъолияти иҷтимоии ӯро боло бурд. Замони таърихӣ дар падид овардани рафти таърихи халқ ва густариши робитаи миёни дирӯзу имрӯз зоҳир шуд. Ин ҳамназдикии замонҳо муносибати нависандаро ба воқеияти ҳастӣ муайян гардонд ва ҳунари таърихфаҳмии ӯро бештар ошкор намуд» (63, 30).

Мутолиаи ин гуна асарҳо моро водор менамояд, ки бо вуҷуди аз байн рафтани низоми ҳукумати шӯравӣ, барҳам хӯрдани аркону унсурҳои сиёсию иҷтимоии он ба сужетҳои мазбут дар насри муосири тоҷик бе эътино набошем. Онҳое, ки барои як каф гандум дӯсту ҳамсояи худро «дузди моли ҷамъиятӣ» хонданд ва ё ба сабаби доштани як ё якчанд китоб равшанфикреро «душмани халқ» номиданд, гузаштагону аҷдоди мо буданд. Адабиёти бадеӣ дар мисоли асарҳои нависандагони мо ин ғояро талқин месозад, ки халқу миллат бояд рӯҳи устувор дошта бошад ва танҳо такя ба арзишҳои олии инсонӣ намояд.

А.Раҳмонов дуруст қайд намудааст: «Сайри замонҳо ва бозгӯи ҳақиқати таърих таи солҳои охир дар насри муосири тоҷик пурзӯр гардид. Аксари адибон бо ин роҳ шахсияти қаҳрамони худро кушода, воқеаҳои гуногуни гузаштаро бо муаммоҳои имрӯза омезиш медиҳанд» (63, 31).

Айни ҳамин матлаб дар повести «Буд, набуд» ба мушоҳида мерасад. Вақте Забури бераҳм ҷияни бегуноҳи худ Шаҳбонуро, ки аз ҷабри ӯ гурехта, дар гӯрхона пинҳон шуда буд, азоб медиҳад, аз миллааш мекашад, бибихалифа Офтобхон аз рафтори чунин золим ҳайратзада мегардад. Ҳолати ин занро нависанда чунин ба қалам медиҳад: «Ӯ аз китобҳои қадим бисёр хунрезиҳо, корзорҳо ва гирудорҳоро хондааст, вале ин зайлашро не.

Нахондааст, ки барои нафс шуда, хуни худро ҳаром кунӣ. Ҳатто охирин вахшонияти Чингизхон, ки дили тифли гаҳвораи Ҷалолуддини Хоразмиро аз синааш барканда, пеши саг андозед, мегӯяд, ин зайл даҳшатангез нанамуда буд» (13, 223-224).

Нависанда бо ёдкарди ин ривояти таърихӣ дар ҳаводиси нанговари ба сари тоҷикон омада ҳамгунию ҳаммаъноиро чизи асосӣ мешуморад. Агар Чингизхон барои аҳли Хоразм каси бегона буд, вале Шаҳбонуи ятим, бародари ӯ Мурод барои Забур, ба қавли тоҷикон «дилу ҷигар»-анд, дурию бегонагӣ надоранд.

Ҳофизаи таърихӣ дар осори Сорбон на танҳо барои пурмазмуну шавқовар гардидани сужет, балки барои вусъати худшиносию худогоҳии хонанда, фаҳми дурусти воқеаҳои таърихӣ, шинохти моҳияти арзишҳои миллӣ, доварии саҳеҳи падидаҳои иҷтимоию сиёсии дар гузаштаи дуру наздик рухдода мусоидат менамояд.

Барои нишон додани ҳофизаи таърихии халқ нависанда аз гуфтори одамони солдидаю таҷрибаандӯхта истифода менамояд ва ҳамин навъ образҳоро дар бозгӯии ин масоил муносиб мебинад. Масалан, дар повести «Сабо», дар мавриде духтараки ҳамноми асар дар деҳа пинҳону ошкоро гаштугузор менамуд, асосан кампири Оиша бо ӯ ҳамдам буд. Вақте духтар аз хешу таборону фарзандони пиразан ва тақдири онҳо пурсон мешавад, гуфтори зани куҳансол ҳакимона садо медиҳанд: «– Ту ҳоло чӣ будани ҷангро намедонӣ, Сабо, - Саборо як духтараки бепарво, беғаму бедард пиндошта гуфт пиразан. – Солҳои босмачигарӣ фақат барои ҳимояи ин деҳаи худамон чӣ қадар йигитҳо нобуд шуданд. Ҷангро, ваҳшигарии одамро ман ҳамон вақт дида будам. Ман ҳамон вақт чӣ қадар шум будани ҷангро фаҳмидам. Ин аждарҳои гуруснаи одамхӯрро ман ҳамон вақт бад дидам. Ба кӣ лозим ин ҷанг? Намедонам. Аз афти кор, ба касе лозим, ки дасту пояшро гум накардааст, мурдани фарзанду падарро бо чашмонаш надидааст. Барои ин кӯру кар… мурда будан лозим» (13, 326).

Сорбон дар асарҳои худ аз ноадолатиҳои даврони гузашта зиёд сухан мегӯяд. Ин падидаи иҷтимоӣ дар ҳикояву повестҳо ва романҳои

навиcанда бо тамоми ҷузъиёташ ифодаи бадеии худро ёфтааст. Ноҷавонмардона муносибат кардан бо ҳамзамони худ, ноинсофона тақсим кардани молу чизи ҷамъиятӣ, бо фиребу найранги ошкор худсарӣ зоҳир кардан, зиёдаравӣ дар тасарруфи ҳосилу дастранҷи одамон аз шумори мавзӯоти осори ин адиб маҳсуб мешаванд. Сорбон дар ҷараёни тафсири ҳодисаҳо ба рӯзгору сарнавишти бузургон рӯй меоварад. Масалан, бо ёдкарди сарнавишти Садриддин Айнӣ рӯҳи устувор доштани наврасонро талқин менамояд: «Ҷовид қоматашро рост карда, роҳравон остин пӯшида, тезтар гашт. То ба хона расидан дили Шайдоро гургони хаёл тала карданд. Ӯ напурсид, ки ин захми сиёҳ чист. Аз дарвоза даромад ва тоқати ба хона рафтан накарда, дарвозаро пӯшид ва хунук бошад ҳам, зери дарвоза домани ӯро то гардан бардошта, тахтапушташро хабар гирифт. Фурсати пурсидани падарро нигоҳ накарда–Даштбон зад додо, гуфта гирист Ҷовид.

– Ҳ-ҳеҷ гап не…п-писарам. Мегӯянд, ки домулло Айнӣ дар тахтапушташон аз ҳамин хел рах 75-та доранд. Лекин бин, чӣ хел одам.

– Шумо тарафи Ҳосилот додо, дилатон намесӯзад. Ман сарак начинам очам аз гушнагӣ мемурд» (13, 403).

Бо ёдоварии тақдири Садриддин Айнӣ қаҳрамони повести «Шинели падар» Ҷовид писари худро дар муқобили разолати ҳамзамонон тавоною бурдбор дидан мехоҳад ва ба ӯ сабақи ибратомӯзи таърихӣ медиҳад.

Дар насри муосири тоҷик як зумра асарҳое ҳастанд, ки ба ҳодисаҳои нангини несту нобуд кардани ёдгориҳои арзишманди маънавӣ, бахусус китобҳои нодир ишорат менамоянд. Аз ҷумла, Раҳим Ҷалил дар «Маъвои дил» аз бузургтарин тоҷири китоб Ҳоҷӣ Сиддиқхоҷаи Хуҷандӣ ёдовар мешавад. Китоби дуюми асари мазкур аз зикри ин шахсияти маъруфи таърихӣ ва писарони вай шурӯъ мешавад. Ҳарчанд Ҳоҷӣ Сиддиқхоҷаи тоҷири кутуб образи комилан мусбати асари устод Раҳим Ҷалил набошад ҳам, вале ӯ барои болорафти фарҳангу дониши ҷомеа нақши таърихӣ бозидааст (32, 3-128).

Навиcанда Ӯрун Кӯҳзод дар «Қатли китобҳо» аз таърихи нашру савдои китоб, василаҳои воридшавии осори чопи сангӣ ба шаҳрҳои Осиёи

Марказӣ ва шахсиятҳои мунавварфикре, чун Махдуми Ширин, ки тоҷири кутуб буд, ёдовар мешавад. Дар охири асар маълум мегардад, ки Махдуми Ширин баробари савдои китоб, инчунин рӯзномаҳои навбаромадро низ оварда, ба зиёиён дастрас менамудааст. Муллоҳо аз ин воқеа бохабар шуда, бо айби кофирӣ ӯро сангсор кардан мехоҳанд ва ӯ чораеро ҷуз фирор намеёбад» (7, 93).

Абдулҳамид Самад дар ҳикояи «Моргазида» аз китобсӯзӣ ва нестангории фарҳанги ниёгон дар солҳои 30-юми асри XX сухан меронад. Нависанда бархе аз фарзандони аҷдоду оборо гунаҳкори воқеаҳои нангин ва харобию гумшавии фарҳанги бостонӣ мешуморад, ки бо дасти худ мероси волои хаттиро аз байн бурданд. Онҳо таҳти сиёсати давр даст ба аъмоле заданд, ки ҳатто волидайнашон ба он розӣ набуданд. Хулосаи ҳикоя он аст, ки пиразан сабаби марги писарашро дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба беҳурматии ӯ ба китобҳо рабт медиҳад, ӯро дуои китобҳо кӯтаҳумр кард мегӯяд (9, 153).

Дар ҳикояи «Илмзада»-и Баҳманёр образи мӯйсафеде тасвир мегардад, ки ҳодисаҳои тамаддуни даҳсолаҳои аввали асри гузашта ӯро девона сохтааст. Сабаби ҷунуни вай ин аст, ки ӯ «китобхонаашро, ки зиёда аз се ҳазор китобҳои дастнависи чопи сангӣ будааст, намадпеч карда, зери гили ҳавзи назди хонааш пинҳон доштааст. Баъд омад-омади одамони масъулро шунида, ба он ҳавз об сар додааст» (5, 182).

Гӯё вай бо ин кор худ ба дасти худ китобҳои зиёдро нобуд сохт ва баъди он хешро гунаҳкор ҳисобида, девонавзо мегардад.

Ҳикояи Сорбон «Чароғи сиёҳ» аз рӯзгори маънавии марде, ки сӣ сол дар мадраса таҳсил кардааст, нақл менамояд, ки дороияш мусодира, китобҳояш сӯхта ва худаш ба Сибир бадарға гардидааст. Ӯ китобҳои боқимондаро шабона ба гӯристон бурданӣ мешавад. Дӯстону иродатмандонаш  аз ӯ хоҳиш менамоянд, ки ба ҳифзу ҷамъоварии китоб минбаъд машғул нагардад. Аммо ӯ «Рӯдакивор китобҳоро даст-даст карда дар торикии хона ва гӯё аз қолаб, муқова, вазн, ба фаросат муайян мекард,

ки чӣ китобест. Пахш кард китобҳоро ба банди дил, ки кӯдак пахш карда бошад» (23, 346).

Персонажи ҳикоя Домуллои пир Раҳимӣ дар поёни ҳикоя худро дар миёни китобҳо оташ зада, бо ҳамин бо ҷаҳон ва ормонҳои маънавияш хотима мебахшад: «Чашм пӯшида, фишурд ангушти мушткарда, сар ба сақф бардошта, тоқат кард, ки ана-ана забонаи оташ ба доманаш расад ва ӯро низ мисли як китоби сангӣ, китоби панд, китоби ғазал, «Девони кабир», «Қуръон» сӯзад» (23, 353).

Агар аз назари сужет нигарем, драматизми ҳикояи Сорбон нисбат ба навиштаҳои адибони ёдшуда пурқувват аст. Нависанда аз замон ва муҳите менависад, ки одамонро барои китобдор будан ё соҳиби китобхона будан таъқиб мекарданду мекуштанд: «Пешин шуд, намози аср шуд. Пароканда шуданд мардонба хонаҳояшон. Танҳо монд домуллои пир. Такя бар шаҳсутуни айвон зад. Сар андохт. Андеша кард қисматро, офаринишро, дунёро, одамро…кулбаашро, китобҳоро… Ва пеши назараш омад, ки китобҳо оташ гирифтанд ва ӯ миёни оташ рост аст, даст ба осмон бардошта ва насӯзад чун Сиёвуш» (23, 351).

Сорбон хотираи таърихӣ ва заминаи худшиносии фардиро дар баҳсҳои қаҳрамононаш хеле хуб нишон медиҳад. Ба андешаи нависанда касе, ки аз ҳақиқати ҳодиса хабар надорад ва пайомади рӯйдодҳои иҷтимоиро дарк намекунад, дар инҳисори гумроҳӣ дармондааст. Қаҳрамони марказии повести «Шинели падар» – Шайдо, ки бар асари беморӣ аз ҷанг баргаштааст, на танҳо бо шахсони мансабдор, гоҳо бо мардуми авом низ дар хусуси тақдирсоз будани натиҷаю ғалабаи ҷанг сухан мегӯяд. Масалан, дар ҷое, ки Искандари ланг марги ҷавонмардони корзорҳоро беҳудаю бо ҳаром мурдан баробар мешуморад, ровӣ ҳолати вайро чунин тасвир менамояд: «Ӯ донад, ки ин қабил одамон Ватан гуфта аз бурҷи сандалӣ то поёни деҳаро фаҳманд, чунонки ниёгонашон Ватанро хона ва як пора замини дар дашт дошта медонистанд» (13, 426).

Асри XX дар таърихи башарият ҳамчун асри фатҳи кайҳон, рушди техника ва замони кашфиёти чашмрас шинохта шуд. Дар ҳар як панҷ-даҳ

сол инсоният бо дигаргуниҳои нави технологӣ рӯ ба рӯ шуд. Вусъати чунин тозакориҳо боис шуд, ки дастовардҳо ё падидаҳои бист-сӣ сол пештар ба вуқӯъомада ба таърих табдил ёфтанд ва нав зуд ҷойи куҳнаро гирифт.

Сорбон дар ҳикояҳои худ ҳамин нишонаҳои қарнро хеле ҷолиб ифода менамояд. Вай барои равшан сохтани ҳофизаи таърихии ҳамзамонон асосан ба markaznavsoziho, тағйир ёфтани равиши кору меҳнати одамон, зери мафкураи ягонаи ҷамъиятӣ муттаҳид гардидани ҷомеа, муносибати ҷавонон ба ҳаёт, тамоюли шаҳрнишинии мардум, инкор кардани унсурҳои иҷтимоии рӯзгори пешин ва ғайра такя менамояд.

Ҳикояи «Дуди ғализ» аз муборизаи инсонҳое қисса мекунад, ки яке азми нигоҳ доштани пешаи бобоиро дорад, вале дигаре дар заминаи таъсири сиёсати замон мехоҳад онро аз миён бубарад. Яъне завод пайдо шуду ҳоҷат ба ҷувозхона намонд.

Сорбон дар ин асар бо муҳаққиқи рус Д.Лихачев ҳамфикр аст. Ин донишманд мегӯяд: «Эҳтиром ба меҳнати пешинагон, ба анъанаҳо, олоту воситаҳои меҳнат, урфу таомул ва ҳатто ба суруду шавқу ҳавасҳои онҳо, эҳтиром ба мазори онҳо ҳама барои мо арзишманд аст» (108, 44-45).

Нависанда ба василаи чунин асарҳо чароғи аҷдодро фурӯзон медорад, зеро хотираи таърихӣ аз он ҷиҳат аҷиб аст, ки гузаштаро рангинтару шоиронатар бозтоб медиҳад. Сорбон ҳамчун адиби тавоно саъй менамояд, ки одамон решаҳои худшиносиро на танҳо аз мероси маънавию пайкори шахсони алоҳида, балки аз ҳастии пойдори ашёву ҷамодот низ дарёбанд.

Масалан, дар оғози ҳикояи «Дупула» сухан аз ду кӯпруке меравад, ки сабаби пайвастани ду соҳили рӯди Зарафшон гардида, ба сокинони даҳҳо деҳаҳо имкони гузаштанро аз болои об медиҳад. Нависанда бо чунин руҷӯъ ба ин пулҳо ва вазъи ҷойгиршавии онҳо пардохта, баъд воқеаҳоро шарҳ медиҳад: «Пулҳо борҳо дигар шуданд, ном ҳам доранд: ғаддапул, пули ларзон, пули хиштии Бибихонум, пули Николайӣ, пули ҳукуматӣ» (23, 302). Нависанда дар ин ҳикоя аз пойдории ақсому аносири табиат ҳарф

зада, ҳаёти одамиро бебақо маънидод менамояд. Дар нигориши нависанда Дупула шоҳиди безабонест, ки садҳо фоҷиаву маргу мири халқро дидааст.

Дар ҳикояи «Пирамард» ронандаи куҳансол Вафои шофбурут аз зуд дигаргун шудани замон ва меъёрҳои он меандешад.

Аз баррасиҳои болоӣ равшан мегардад, ки дар осори Сорбон рӯҳи замон ва ҳофизаи таърихӣ бо тамоми ҷузъиёташ тасвир ёфтааст. Адиб, чунон ки адибони амрикоӣ Р.Уэллек ва О.Уоррен менависанд, барои баёни таърих танҳо тасвир кардани гиреҳи асосии он басанда нест, инчунин онро ҳамон тавре ки ҳаст, нишон додан низ зарур аст (114, 232). Ин маънои онро дорад, ки фақат бо ишора кардан ба як нуктаи аслии ҳодисаи таърихӣ масъала ҳалли худро намеёбад. Инчунин дар заминаи ҳодисаҳою ҳолатҳо ва лаҳзаҳои мувофиқ манзараи онро боз кардан зарур аст.

Сорбон тавонистааст, ки миёни воқеаҳои маълуми таърихӣ ва маводи бадеии тасвиршаванда дар ҳикояву қиссаҳояш ягонагии мазмуну мантиқро дарёфта, арзиши афзояндаи худшиносии инсониро тавассути асарҳояш бозгӯӣ намоянд.

Ҳамин тариқ, дар поёни ин боб метавон ба хулосае расид, ки ҳикояву повестҳои Сорбон сарнавишти қаҳрамонони мухталифро бо рӯҳияву мафкураи гуногун ифода намуда, ба мавзуъҳои иҷтимоиву фалсафӣ, таърихиву ишқӣ бахшида шудаанд. Нависанда ҳам дар ҳикояҳо ва ҳам дар повестҳояш ба тақдири персонажҳо назари таҳлилӣ андохта, онҳоро дар ҳолатҳои гуногуни зиндагӣ месанҷад ва хеле боварибахш ба қалам медиҳад. Сорбон дар нигориши характери қаҳрамони бадеӣ маҳорату салиқаи хос дорад. Ӯ ҷаҳони ботинии персонажҳоро асосан тавассути монологҳои ботинӣ, муколамаҳо, румузфаҳмию худтаҳлилкунии қаҳрамонон ифода кардааст.

Рӯҳи замон ва ҳофизаи таърихӣ дар ҳикояҳову повестҳои Сорбон барои дарки ҳодисаҳое, ки ба шуури халқ таъсиргузор будаанд, мусоидат намудааст. Тавассути воқеаҳои таърихӣ ва образҳои ашхоси бузурги таърихӣ адиб саъй мекунад, ки муосиронро ба худшиносию худогоҳӣ ва маърифати зуҳуроти мухталифи иҷтимоӣ даъват намояд.

# Боби 3. Ҷанбаҳои сабкӣ ва ҳунарии осори Сорбон

## Фасли якум. Забон ва сабки баёни ҳикояву повестҳои Сорбон

Дар соҳаҳои адабиётшиносию забоншиносии муосири тоҷик масъалаи забони адабиёти бадеӣ борҳо мавриди таваҷҷуҳи аҳли таҳқиқ қарор гирифта, аз мавзӯоти меҳварии улуми ёдшуда маҳсуб меёбад.

Тадқиқоти нисбатан ҷомеътар ба қалами забоншиносон Р.Ғаффоров ва Ш.Рустамов мутааллиқ аст. Китоби Р.Ғаффоров «Нависанда ва забон» (1977) шомили мақолаҳое мебошад, ки оид ба забони насри устодон Садриддин Айнӣ, Ҷалол Икромӣ, Раҳим Ҷалил, Сотим Улуғзода, Сорбон, назми Мирзо Турсунзода, Ғаффор Мирзо ва дигарон таълиф гардидаанд.

Китоби Ш.Рустамов «Забон ва замон» (1981) унвон дошта, боби сеюми он низ «Нависанда ва забон» унвон гирифтааст. Ин қисмати китоб аз чаҳор мақола, амсоли «Сабақҳои Айнӣ доир ба забон», «Ҳусни каломи Лоиқ», «Тарзи баёни «Сукути қуллаҳо» (перомуни забони асари Саттор Турсун), «Тарзи ифодаи андешаҳо» (дар хусуси асари Ӯрун Кӯҳзод «Андешаҳо дар танҳоӣ» («Кини Хумор») иборат аст.

Аз мундариҷаи китобҳои ёдшуда бармеояд, ки муҳаққиқон дар баробари таҳқиқи қонуниятҳои умумии илми забоншиносӣ, ба тадқиқи забони насри замони худ ва аз тариқи баёни суханварон такмил ёфтани захираи луғавии забони тоҷикӣ, бо қолабу равишҳои шоирона бозгӯӣ шудани матолиб ва дар перояи бадеият инъикос ёфтани ҳаводиси иҷтимоӣ машғул гардидаанд.

Асари М.Шукуров «Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад» бо мақсади ислоҳи забони адабиёту матбуот ва коргузорию идорӣ навишта шудааст. Нависанда дар ин китоб аз матбуот ва баъзе китобҳо намунаҳо оварда, тарзи дурусти корбурди калимаю ибораҳо ва дигар унсурҳои грамматикиро нишон додааст.

А.Сайфуллоев дар баробари «сустии таҳлили иҷтимоӣ», «ба дараҷаи характерҳои барҷастаи типӣ расида натавонистани образи қаҳрамони бисёрҳо асарҳои бадеӣ», инчунин «ноҳамвории забон ва аз санъати бадеӣ

барӣ будани он»-ро се нуқси насри шӯравии тоҷик диниста буд. Ӯ таъкид намуда буд, ки ин гуна нуқсон «на танҳо дар эҷодиёти ҷавонон, балки дар асарҳои баъзе адибони соҳибтаҷриба» низ назар мерасад (123, 107). Ба ҷонибдории андешаҳои А.Сайфуллоев  дар баҳси «Замон ва наср» Раҳим Ҳошим гуфта буд: «Ба назари ман дар даҳ соли охир (солҳои 70-уми асри XX-Қ.Д.) дар асарҳои бадеии мо, чи ҳаҷман калон ва чи хурд, як навъ беэътиноӣ ба тарзи баён, ба равонии таҳрир, ба ҷозибияти забонӣ дида мешавад. Ин ҳолат на танҳо дар навиштаҳои навқаламон, балки бо таассуфи зиёд гуфтан лозим меояд, ки дар асарҳои нависандагони муътабар низ вомехӯрад» (123, 110).

Санадҷӯӣ аз афкори олимони ёдшуда далолат аз он дорад, ки солҳои 70-80-уми асри XX тадқиқи масъалаи забони адабиёти бадеӣ вусъати бештар пайдо кард. Дар хусуси забони эҷодиёти Сорбон мақолаи алоҳида ба табъ нарасида бошад ҳам, вале аксари олимон зимни пажуҳишоти худ ба ин ҷанбаи осори худ ишораҳо намудаанд.

Масалан, забоншинос Раззоқ Ғаффоров дар ин суҳбати «Замон ва наср» мулоҳизаҳои умумияшро баён дошта, номи Сорбонро дар радифи нависандагоне ёдрас мешавад, ки аз хазинаи забони классикӣ ва забони халқ огоҳона истифода мебаранд (123, 117-118).

Бегумон, муҳимтарин хидмате, ки Сорбон тавассути забони асарҳои хеш ба субут расонид, ин умри дубора бахшидан ва муомилоти забонӣ ворид намудани калимаю таркибҳои нодир,ибораҳои рехта, зарбулмасалу мақол ва дигар унсурҳои сарфию наҳвии забони зиндаи халқ аст.

М.Шукуров ҳанӯз дар баҳси «Масъалаҳои насри муосири тоҷик», ки соли 1972 дар идораи маҷаллаи «Дӯстии халқҳо» ба вуқӯъ пайваста буд, ба ду ҷиҳати забони намояндагони нависандагони солҳои 60-ум ба майдони адабиётомада чунин ишора дошт: «Дар асарҳои Сорбон ва Кӯҳзод бошад, акси ин, яъне аз ҳад зиёд истифода шудани унсурҳои лаҳҷаро мебинем. Бисёре аз калимаю ибора ва маҷозҳои халқӣ, ки нависандагони ҷавон ба кор бурда истодаанд, дар ҳақиқат ҷолиби диққат буда, эҳтимол дорои ҳуқуқи дохил шудан ба забони адабӣ бошанд. Лекин ин унсурҳои забони

халқ бояд як воситаи сар даровардан ба олами фикру ҳиссиёти одамон бошад, на монеи он» (128, 137).

Мақолае, ки забоншинос Р.Ғаффоров як бахши онро (саҳ.139-144) ба тадқиқи забони баёни Сорбон бахшида, нисбатан муфассалтар мулоҳиза меронад, «Нависанда ва лаҳҷаҳои забон» ном дорад. Ӯ менигорад, ки нависанда аз як асар то асари нав машқи сухангустарӣ намуда, «на танҳо дар роҳи ёфтани мавзӯъҳои бикри замонавӣ, балки дар пайдо кардани воситаҳои нави тасвири бадеӣ ва калимаҳои лоиқ, ки нисбат ба муродифи худ аз ҷиҳати сохт ва маъно мазияте дошта бошанд, пайгирона такопӯ дорад» (45, 139).

Ин муҳаққиқ менависад, ки танҳо дар повестҳои «Санги сипар» ва «Ҷӯгӣ» нависанда 200 калимаи лаҳҷавиро ба кор бурдааст. Чунин категорияҳои луғавиро забоншинос аз ҷиҳати аҳамият мухталиф арзёбӣ намуда, меафзояд, ки истифодаи бархе аз калимаҳо ҷоиз аст.Нуктаи муҳимме, ки Р.Ғаффоров таъкид менамояд, ин аст, ки «нависанда ба ивази баъзе аз калимаҳои тасодуфӣ, ки дар забон падид меоянд, калимаҳои асили тоҷикиро ба кор бурдааст. Қисме аз ин калимаҳо дар асарҳои дигарон низ дучор мешаванд, аммо услуби фарққунандаи Сорбон ин аст, ки вай онҳоро дониста истифода менамояд. Чунончи калимаҳои пай, ҷафидан, лолахасак, дарафш, коза, полон, фӯк, падарандар, зеҳн мондан, сӯк, парворӣ ва монанди инҳо» (45, 139).

Р.Ғаффоров ба Сорбон маслиҳат медиҳад, ки истифодаи калимаҳои лаҳҷавиро ба ҳадди ифрот нарасонад ва бештар ба унсурҳои грамматикие, ки дар ҳамаи лаҳҷаҳо пазируфта шудаанд ва дар забони адабӣ қаринаю муодили худро доранд, такя намояд (45, 144).

Агар дар заминаи таҳлилҳои болоӣ ба масъалаи забон ва сабку услуби ҳикояву повестҳои Сорбон пардозем, нишонаи барҷастаи забони адиб корбурди **калимаҳои нодир** аст, ки қисме аз онҳо аз истеъмол дур афтодаанд ва гурӯҳи дигар дар забони лаҳҷаву шеваҳо истифода мешаванд ва дучор меоянд.

Яке аз чунин вожаҳо *погунда* мебошад, ки дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» ба маънои «ҳар як пои зина, помонакҳои зинапоя» ва «пахтаи ҳаллоҷишуда» маънидод шудааст (83, 106).

Сорбон дар ҳикояи «Сурати зани ношинос» ин вожаро барои ифодаи мазмуни зерин ба кор бурдааст: «Аз поғундаҳои футуррафтаву қутканда ба болохона баромада, гумон мекунед, ки ин манзил ёдгоре аз гузашта буда, дар таърихи худ рӯйи таъмирро надидааст» (23, 26).

Вожаи огард дар фарҳанг ҳамчун муродифи ҷӯя, ҷӯяк тавзеҳ ёфтааст (98, 17). Дар асар мехонем: «Дар *огард*и охирини замин савора наздик шуд. Тракторро боздоштам» (13, 54).

Калимаи воишро дар ҳамаи шеваҳои тоҷикӣ истифода намебаранд. Дар гуфтугӯи мардум муродифи он – хавоза серистеъмол аст.

Дар повести «Занги аввал» омадааст: «Ман медонам, ки онҳо «ба ҷои ӯ ман бошам, дар сояи *воиш*и раис мехобам» мегӯянд» (13, 56).

Вожаи чамидан дар фарҳанг ба чаҳор маънии ба ҳам шабеҳ омадааст (84, 528). Сорбон онро ба маънои лангидан (13, 167) ба кор бурдааст.

Дар забони тоҷикӣ бо истифода аз калимаи хом якчанд вожа, мисли хомпаз, хомгап, хомгӯ, хомсӯз, хомсуф, хомтабъ, хомтамаъ, хомталош, хомдарон ва ғайра сохта мешаванд. Ин гуна калимаҳо далолат аз кори саросема иҷрошуда, носанҷидаву ноозмуда ва ба зӯрӣ анҷомёфта менамоянд. Сорбон калимаи *хомдарид*ро ба маънии аз меъёр зиёд кор фармудан, фишор овардан ва абгор кардани ҷисми кӯдак ба кор бурдааст: «– Вай, ноинсоф, кӯдакро *хомдарид* мекунад» (23, 41).

Нависанда бештари калимаҳои нодирро дар нутқи қаҳрамононаш истифода менамояд. Масалан, вожаи *гӯшона* ба маънии пичинг ё ишораи таҳдор дар сухангӯӣ дар муколамаи шадидуллаҳни персонажҳои повести «Шинели падар» ба кор рафтааст: «– Агар дар дасти ту бошад, баргашта маро (Шайдо–Қ.Д.) ба ҷанг фирист (Абдул–Қ.Д.), агар ман ба кор наоям, писарамро фирист, вале ба ман ин хел *гӯшона*ҳоятро нагӯ» (13, 393).

Вожаи *гардсӯз* ба маънии атолаи ордбирён дар лаҳҷаҳои тоҷикон ба гунаҳои отала, атола, ҳадир, гардоб ба назар мерасад ва дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» муродифи дигари он ба шакли *ҳарира* (83, 90) оварда шудааст.

Калимаи *дарвагна*ро асосан сокинони Суғди Самарқанд истифода мебаранд. Ин вожа аз ду калима– дар ва вағн таркиб ёфтааст. Мисол: «Чанд нафари дигар дар дами дарвағна меистоданд» (14, 44).

Доро Наҷот дар «Фарҳанги Доро»-и хеш ин вожаро чунин тафсир менамояд: «даре, ки ба шакли панҷара аз чӯб, тахта ё шохаҳои дарахт сохта, дар муҳавватаи атрофи киштзор, боғ ё ҳавлӣ насб кунанд» (61, 150). Дарвағна дари боғу мазраа аст, ки асосан мутааллиқ ба каси алоҳида мебошад.

Фарҳангнигор барои тасдиқи гуфтаҳои хеш аз романи «Зарафшон»-и Сорбон ҷумлаеро ҳамчун шоҳид меоварад, ки калимаи *дарвагна* ба кор рафтааст. Зимнан бояд таъкид дошт, ки дар «Фарҳанги Доро» нигоранда дар баробари адибони муосир борҳо ба осори Сорбон рӯй овардааст. Доро Наҷот зимни тавзеҳи вожаҳои адир, алағда, ангиштсанг, аҷина, бандина, барзагов, барин, бош, вағидан, ғеҷидан, ғилбор, дӯғ, зак, занбурӯғ, зулфин, ибо, калта, каппа, карахш, карахшбаста, карч, кафша, ковок, коза, лух, мағал, маданг, масҳӣ, матал, мила, модгов, моломол, мулоимхунук, навча, нимкоф, нишеб, омоҷ, отанг, парчин, полон, потеша, похса, почагӣ, пӯпак, росто, руст, рӯбинон, сарболо, талвоса, таранг, фач, фук, фӯта, хазонрез, хамгашт, ханҷолкаш, харной, хаскаппа, хирман, хишова, ҳамту, чакка, чакман, чош, чумча, шипанг, шиштан, шох, шоха, элпӣ, эрбаҳосӣ, яккаш (61, 35, 37, 43, 58, 63, 66, 67, 84, 93, 137, 138, 164, 176, 177, 188, 191, 202, 205, 205, 206, 210, 216, 259, 261, 262, 268, 271, 274, 275, 278, 287, 295, 298, 321, 325, 344, 359, 362, 363, 368, 383, 385, 386, 402, 430, 434, 470, 473, 475, 478, 480, 482, 485, 486, 504, 518, 539, 540, 574, 577, 580, 586, 592) ва ғайра аз осори Сорбон санади бадеӣ ҷустааст.

Дар насри Сорбон вожаҳои сирф тоҷикии нодир зиёданд, мисли гулпурсӣ –дониста пурсидан (14, 14), кирмғуҷ –кирмхӯрда (14, 43), гумҷӯ –

ҳарису ҷӯёи касе, бахусус фарзанд) (14, 90), афгона – нимрасо афтодани ҷанин аз раҳми зан (14, 153), ғалтанак – аз дард ба худ печидан (14, 215), бармола – заминҳои кишти домани кӯҳ (14, 326), латтамуд –пахтаи нимсӯз барои доштани хунравӣ (13, 325), шибар –замини ҳамешасабз (23, 328) ва ғайра.

Нишонаи дуюми забони эҷодиёти Сорбон дар **баёни лаҳҷавии ҳолатҳо** ба мушоҳида мерасад. Нависанда дар заминаи корбасти калимаҳои лаҳҷавӣ ҳолату ҳодисаҳоро равшан тасвир месозад. Мисол: «Пирамард ба ронанда мадад карданӣ шуда, сӯяш нигарист, вале қиёфаи ғамгирифтаи ӯро дида, ба *риши мунда*аш оҳиста даст бурд, сипас аламангез ба пеш зеҳн монд» (13, 97).

Дар ҷойи дигар ибораи лаҳҷавии шабеҳ ба ибораи ёдшуда барои равшан сохтани нишонаи чеҳраи инсон ба кор рафтааст: «Дасту рӯяшро ба даструшӯяки посутуни айвони идора шуста бо фӯтааш пок кард, баъд *риши муттааш*ро даст карда, ба пушти дари идора наздик шуд» (13, 197).

Дар гуфтугӯи мардум баъзе калимаю ибораҳо маънои маҷозӣ мегиранд. Мисол: «Тагу тирези ту ба ман маълум» (13, 394). Аслан тагу тирез порчаҳои буридаи матоъ мебошанд, вале дар контест маънои аслу насаб ва буду шуди инсонро ифода менамоянд.

Калимаи хито дар фарҳанг (84, 438) муродифи хато номида шудааст: «Занак пай бурд, ки шавҳараш *хито* шудааст, ҳарфе нагуфта ба ошхона даромад» (13, 208). Ё: «– Баъзан дилам месӯзад, баъзан *хито* мешавам… Агар ту намебудӣ, Худо донад, ки ба ин занак рӯған медодам…» (13, 415). Вале аз мазмуни иқтибосҳо бармеояд, ки он ифодагари тағйир ёфтани ҳолати муқаррарию дурусти инсон аст.

Дар насри Сорбон истилоҳоти деҳқонӣ ё калимаҳои марбут ба замину кишту кор фаровон ба кор рафтаанд.

*Вот* – вожаи суғдӣ буда, маънои аслии макон, нишемангоҳ ва тахт аст. Дар гуфтугӯи мардум канораи киштзору атрофи мазрааро ифода менамояд (61, 106). Дар осори Сорбон ба маънии гуфторияш ба кор

рафтааст: Як ҷуволи ало дар сари *вот* меистод, ки гӯё сарчашмаи уммед ва мояи рӯзгори одамон буд» (13, 104).

Калимаи дигар *шавнӣ* аст: «Ҳакиму бригадир ҷуволро бардоштанд ва Ҳаким аз миёнбандаш *шавнӣ* гирифта, даҳони ҷуволро баст» (13, 106). Нависанда дар қавсайн маънии вожаи ёдшударо ба гунаи даҳонбанд тавзеҳ медиҳад.

Вожаи *лабшон* низ аз калимаҳои нодир аст. Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» он чунин шарҳ ёфтааст: «Лабшон ҷойи ба тарафи дарун баромадаи канори ҷӯй ва роши киштзор; лабшон задан бо каланд ё бел зада-зада нест кардани ҷойи ба тарафи дарун баромадаи канори ҷӯй ё воти замин» (83, 706).

Дар повести «Шинели падар» мехонем: «…ҷуйро *лабшон* кард ва белдорҳоро фармуд, то чиму хокро тез-тез берун партоянд» (13, 446).

Дар забони нигориши нависанда калимаҳое мустаъмаланд, ки онҳо истилоҳоти чорвопарварӣ ё вожагони марбут ба ҳайвонот аст. Мисол:

«– Ман ширҳоро дар чӣ мегирам? Ҷогаҳ нест!» (13, 161).

Калимаи ҷога(ҳ) дар фарҳанг (84, 596) дар маъни дуюм ҳамчун зарфу асбоби рӯзгор маънидод шудааст.

Калимаи *рӯбадастурӣ* маънии мисли рӯбоҳ пӯст канданро ифода менамояд: «– Он гоҳ ҳеҷ чӣ. Кордро мегираму аз даҳонаш *рӯбадастурӣ* пӯст канд. – ҷиддӣ гуфт Аҳмад-чатоқ» (13, 121).

Аксаран мавзӯоти осори Сорбон мӯҷиби корбасти калимаҳои лаҳҷавӣ гардидаанд. Масалан: «Пистони гови ало мисли *лиф* кашол аст ва гӯсола ҳаваси шир ҳам надорад» (13, 128).

Дар намунаи зерин сухан дар бораи истилоҳоти маъмули хаймасозии деҳотиёни авулнишин равад ҳам, танҳо вожаи *шиг* барои тамоми сокинони минтақаҳои кишвар ошно нест, зеро он дар гӯишҳо муродифҳои дигаре, чун чиғ, чапар, тавора ва ғайра низ дорад: «Мардон намади козаву хиргоҳҳоро бозгирифта буданд, амуду устухон, қуббаву *шиг*ҳои бараҳна исклети хушки одамиро ба ёд меоварданд, ки то ба ин дам хеле ва хеле хизмат карда, бад-ин аҳвол гашта бошад» (13, 145)

Нависанда дар калимаи нодири *васак*ро дар асари бадеӣ ба маънои пусти пуркоҳ тавзеҳ медиҳад. Ин калима аз истилоҳи маъмули чорводорон аст, чунки агар гусолаи навзоди ягон гов фавт кунад, соҳибонаш бо мақсад минбаъд бемалол дӯшидани шир онро пӯст канда, коҳ ҷой мекунанд. Гов бо гумони зинда будани гусолааш бемалолтар шир медиҳад. Вожаи лаҳҷавгии *эдир* ҳам хоси чорводорон аст: «Бону васакро зери пистони Ало мебарад ва бо ангуштонаш дораҳои онро эдир карда, «гӯсола»-ро пеши фӯки гов мегузорад ва то дӯшида шудани Бону Ало пӯстро лесида шир медиҳад» (13, 149).

Имрӯз тоҷикон чорвоеро, ки барои куштан ё фурӯхтан нигаҳбонӣ мекунанд, бурдоқӣ мегӯянд. Гоҳо вожаи пойидан ба маънии чаронидану нигаҳбонӣ кардан ҳам истифода мешавад. Сорбон аз масдари парваридан калимаи парвориро дар лаҳҷаи деҳааш маъмул будааст, ба кор бурда, ибораҳои моли *парворӣ* (13, 67), *гӯсфанди парворӣ* (13, 99) ва *гови парворӣ* (13, 165) сохтааст.

Вожаи *нӯшхӯрд* (13, 205) маънии коҳу алафи нимхӯрдаи бузу гӯсфандро дорад.

Дар насри Сорбон калимаҳои марбут ба осиёву ҷувозкашӣ хеле зиёд ба чашм мерасанд: «Духтарак ваҳм карда гурехт ва саросема аз адир фуромада, аз сари девор ба ҳавлӣ даромад ва поид: осиёбон саросема сари нов баромада обро боз ба *шовахона* гардонд ва қоматашро рост карда як дашноми дастабиринҷӣ дод ва боз соясурат аз сари нов фуромада рафт» (13, 366).

Дар ҷойи дигар: «Бештар аз ҳама садои *шовахона*и осиёб диққати ӯро ҷалб кард» (13, 311).

Нависанда дар порчаи повести «Шинели падар» якчанд калимаҳои марбут ба ҷувозу ҷувозкаширо якбора бо тарзи амалкарди онҳо ҷой додааст, монанди *борсанг, каҷаккоса, тир, дор, тирхона, кунда, кунҷора* ва ғайра.

Дар насри Сорбон бо корбурди калимаҳои лаҳҷавие мисли *тахир* ба маънии талх ё тағйир ёфтани таъми чизе (23, 67), *сингор* ба маънои монанд

(13, 159), *қаврун* муродифи ҷавоб ё подош (13, 179) дучор шудан мумкин аст, ки онҳо дар шеваҳои дигар низ ба кор мераванд.

Дар забони нигориши Сорбон калимаҳои туркӣ, мисли *ёлиқ* – муносибу мувофиқ (13, 164), *кӯкан*-ресмони бузғола (23, 9) *элпӣ* – бод додани гандуму донагиҳо (13, 341) низ ба назар мерасанд.

Сеюм, нависанда кӯшиш менамояд, ки дар асарҳояш ба **сабки носирони классикӣ** пайравӣ намояд. Мисол: «Ӯ духтараки шӯх ва ба падару модар ягонаи нозгунӣ» (23, 16). Ҷумлаи мазкурро нависанда бидуни зикри хабар сохтааст. Ҳамчунин вожаи *нозгунӣ* сохта бошад ҳам, вале хеле камистеъмол аст.

Дар ҷумлаи дуюми ин фикра низ монандии баёни нозук бо сабки суханварони гузашта ба чашм мерасад: «Аммаам рафт. Гумон кардам, ки ҳама чизро ҳамроҳаш бурд, охирин нишонаҳои Ахрор, табассумҳои ширини ӯ дар симои модараш часпида рафтанд. *На нақши дастонаш ба дастонам монда буд, ки тамошо кунам ва на бӯи ҷавониаш дар гиребон часпида буд, ки бӯй кашам»* (13, 40-41).

Гоҳо сабки шоир дар истифодаи калимаҳои иқтибосӣ низ равонии худро гум намекунад: «–Мактабро таҳ карданд, колхозро маҳ мекунанд, – боз ғурунгид писари Абдуллобой» (13, 121).

Дар ин ҷумла низ баёни шоирона ба назар мерасад: «Кофири росткор беҳ аз мусулмони бадкирдор» (13, 278).

Чаҳорум, истифодаи фаровони **зарбулмасалу мақол, ибораҳои рехта ва афоризмҳо** аз сифатҳои забони насри бадеии Сорбон аст. Ба назари мо, агар тамоми зарбулмасалу мақолҳо, таъбироти мардумии дар асарҳои Сорбон истифодашударо дар як китобча ҷамъ оварем, ба фарҳанги мухтасари ин нвъ унсурҳои забонӣ табдил меёбад. Ҳарчанд як бахши зарбулмасалу мақолҳои дар ҳикояву повестҳои Сорбон истифодашуда, ба мисли *«Аввал хеш в-он гаҳе дарвеш» (13, 169), «Гуфтаи муллоро куну кардаашро накун» (13, 315), «Қаҳтии намак се рӯз» (13, 295), «Мол ба соҳибаш наравад – ҳаром» (13, 346), «Оби ҳавз равон набошад, бӯй гирад» (13, 396), «Алами Исо аз Мӯсо» (13, 421), «Мор пӯст партояд ҳам, дигар*

*нашавад» (13, 427), «Баҳм макун бо арбоб, арбоб занад ба ҳар боб» (13, 147), «Гушна ба шер задааст» (14, 26), «Кар– додари кӯр» (14, 165), «Боғи калонро обмӯрӣ калон» (14, 165), «Хар аз хар монад, гӯшашро буранд» (14, 167), «Донед, ки зар дар куҷо шавад? Дар вайрона...» (14, 182), «Гов мурад ҳам, алоии чашмаш мемонад» (14, 282), «Аккоси саг ризқи гадоро кам накунад» (14, 421)* дар забони гуфтугӯи халқ маъмул бошанд ҳам, ба андешаи мо бархе аз онҳо, монанди «*Якрӯза гам – садрӯза нам» (23, 391), «Гурги бекор хари бакорро хӯрдааст» (13, 185), «Даст сӯхта ҳам ягон вақт аз зери остин намоён мешавад» (13, 149), «Кӯрпа порсол сӯхта буду бӯяш имсол баромад» (23, 102), «Думи гурбаро пахш накунӣ, ба рӯят «фах» нагӯяд» (23, 50), «Хонаи беодам-мазор» (13, 159), «Пурхӯрда– пуармон» (13, 344), «Даҳани хӯрда– шарманда» (14, 141), «Равандаро чӣ парвои бошанда» (14, 10). «Сирре, ки шахси сеюм донад, олам медонад» (13, 193), «Бодовардаро бод барад» (14, 196)*ва ғайра камистеъмол ё хоси мардуми водии Зарафшон буда, аз ҷустуҷӯҳои эҷодии нависанда дарак медиҳанд.

Дар насри Сорбон афоризму таъбирҳои қолиби «... *сайёд пир шавад ҳам, ҳаваси шикор кунад» (23, 23), «Аз шакари падарандар заҳри таго беҳтар...» (13, 257), «Ҳар киро гӯр ҷудост, аъмол ҷудост. Касе надарояд ба гӯри дигаре» (23, 357), «Барои одам ҳазор бачча ҳам камӣ мекунад» (13, 149), «Мукии (чоруқи –Қ.Д.) ӯ аз фӯлод аст, суда намешавад ва ҷисму ҷони ӯро Ҳоҷикулол сохтааст» (13, 151), «Ҳар сардор коргар гирифтан хоҳад, аввал наздиконашро ба ёд меорад» (13, 169), «Коре кунем, ки девор дарун афтад» (13, 291), «Оташро бо об кушанд... Оташ бо равган хомӯш нагардад...» (13, 427), «Савора пиёда нашавад ва фарбеҳ аз гӯш наафтад» (13, 456), «Ёр дар пирӣ лозим аст» (14, 67), «Мушт ба дарафш задан хуб нест» (14, 77), «Ноинсофи аз сад навадро мезадагӣ» (14, 140), «Дар зиндагӣ сояи мард ба ҷойи мард будааст» (14, 171), «Устухон бӯй мекунад» (14, 175), «Аз мусулмонаш ҳам чизе надидему аз кофираш ҳам чизе намебинем» (14, 254), «Шарофати одамизод баланд» (14, 258), «Нагз бинӣ, рашк кунӣ, бад бинӣ, баҳона ҷӯӣ» (14, 421)*ва монанди инҳо хеле зиёданд, ки боиси рангорангии услуби нигориш гардидаанд. Масалан нависанда бо овардани

таъбири халқии *«Коре кунем, ки девор дарун афтад»,* гуфтанист, ки муросои дӯстону хешу таборон хубтар аст. Мисол духтари хонавода аз авлод берун наравад беҳтар аст ва бигзор ӯро нафаре аз хешон «харидорӣ» намояд.

Мақсади Сорбон аз таъбири «*ҷисму ҷони ӯро Ҳоҷикулол сохтааст»* ин аст, ки одам кӯза, яъне ҷисм нест, ки нав ба нави онро кулол бисозад, руҳу зиндагӣ ба инсон як бор насиб мегардад. Ё маънои таъбири *«Устухон бӯй мекунад»* аз касе «нишони хешу таборӣ меояд» гуфтан аст.

Панҷум, корбасти **санъатҳои бадеӣ** боиси шевоию зиннати каломи Сорбон гардидаанд. Ҳамин хусусияти сабки нависанда аз нигоҳи муҳаққиқон дур намондааст. Масалан, адабиётшиноси машҳур С.Табаров дар хусуси манзараи услуби бадеии насри муосири тоҷик чунин мегӯяд: «Низомнокии насри як зумра носирони ҷавон, тасвирҳои лирикию романтикии ҳаяҷонбахши насри Аминҷон Шукӯҳӣ, Фазлиддин Муҳаммадиев, Сорбон ва чанде дигарон, истифодаи санъатҳои бадеӣ ва монанди инҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки насри тоҷик тамоили муайяне ба шеърият дорад» (145, 139).

Бояд ёдовар шуд, ки М.Шукуров истифодаи хуби воситаҳои бадеӣ ва усули тасвир дар ҳикояҳои Сорбон ба мушоҳида гирифта, ин муваффақияти ӯро аз ҳамқаламони солҳои 60-ум болотар донистааст: «Каломи бадеъ ва сухани образноки ӯ (Сорбон –Қ.Д.) хусусиятҳое дорад, ки бисёр ҷолиби диққатанд. Аз ҷумла ташбеҳҳои ӯ хеле аҷиб буда, баъзан ба ташбеҳоти Айниву Икромӣ монанд ҳастанд ва баъзан чи дар шакл ва чи дар мазмун наванд» (96, 176).

Дар саросари эҷодиёти нависанда беш аз ҳар **ташбеҳ**и сараю ноб ба мушоҳида расад. Нависанда дар эҷодиёти худ асосан ташбеҳи томро ба кор бурдааст. Дар ин навъи ташбеҳ чор унсур- ташбеҳшаванда, ташбеҳкунанда, сабаби монандӣ ва ёридиҳандаи монандӣ ба мушоҳида мерасанд. Дар ҳикояҳои навомӯзонаи адиб ташбеҳҳо нисбатан муқаррарӣ мебошанд: «Моҳи нопурра, ситораҳои тобон *мисли гулҳои тозаи баҳорӣ* ҷилва доранд» (23, 5).

Тадриҷан ин навъи санъат бо обуранги тоза истифода шуда, ҷиҳати кушода шудани матлаби асоси нависанда мусоидат мекунад. Масалан, санъати ташбеҳ барои ифодаи мавзӯи ишқӣ созгор омадааст: «Ӯ ҷомадонро гирифта, ба рӯйи мизи корӣ гузошт ва бо ҳарос, гӯё ки касе даромада асрораш фош мекарда бошад, онро кушоду фурсати зиёде нигарон истод. Як ҷомадони «муҳаббат». Ба назари ӯ баробари кушодани ҷомадон мактубҳо пайи ҳам ба парвоз меоянд ва хонаро *чун кабӯтарони* сафед пахш мекунанд» (23, 11).

Дар намунаи дигар нависанда лаҳзаи хирманкӯбиро тавассути санъати ташбеҳ хеле хотирмон тасвир мекунад. Бо хондани ин ҷумла касе, ки заҳмати шабонаи деҳқонони кӯҳистон ва манзараи меҳнатро надидааст, ворид ба олами зебоӣ мегардад: «Лалм. *Моҳ ҳамчу лаълии чарогест, ки дар сақфи хонаи хирманчӯб овехта бошанд. Ҳӯб ҳамчу сӯзани патифонест, ки аз зери он як навои фораме бармеояд*. Садои гашти ҳӯб ба шилдироси об не, балки ба садои рӯди шӯхе мемонад, ки аз нав ба парраҳо бархӯрда, чархи осиёб гардонад. Садои «ҳӯб-ҳуб»-и Мавлон бармеояд. Ӯ рӯйи аспи ҳӯби савор аст ва ба ҷойи говҳои лаванд аспҳо гирд мегарданд. Мавлон химча бардошта гирди сар мегардонад ва аспҳо тез мешаванд, аз зери сумҳояшон коҳ бармехезад» (23, 44).

Сорбон дар корбасти санъати ташбеҳ маҳорати баланди нависандагии хешро ба ҷилва меоварад. Адиб моҳияти ҳодиса, вазъият, ҳолат ва рӯҳияи қаҳрамононро тавассути ин воситаи тасвири бадеӣ устодона нишон медиҳад. Дар ҳикояи «Нақши рӯи барф», ки мо онро дар ин рисола ба унвони ҳикояи психологӣ ва ҳамчун яке аз офаридаҳои нотакрори суханвар таҳлил намудем, андешамандии қаҳрамонон, муносибати бародар бо додарзода, бо ҳамсари бародари фавтидааш, ки ҳоло зани никоҳии ӯст, басо ҳунармандона рӯи коғаз омадааст: «Кӯдак имшаб ҳамроҳи модараш не. Ба ҷойи ӯ амакаш. Ду нафар дар ду бари бистар нишастаанд. Якдигарро набинанд, садои тапиши дили ҳамдигарро шунаванд. *Бистар биёбони беканорест*, ки ду тан аз ду самт паймуда, ба ҳам расида наметавониста бошанд» (23, 68).

Суханвар бештар санъати ташбеҳро дар монологҳои қаҳрамонон ва эҳсосоти онҳо ғунҷоиш додааст: «Бегоҳӣ барнагашт. Дилам шӯр гирифт. Дарро қуфл задаму роҳбонӣ кардам, ки аз кадом сӯ меояд. Духтарчаи ҳамсоя ғаш мекарду «нон» мегуфт. *Моҳ гӯё ки нонро нав аз танӯр канда* ба дарё андохта бошанд, зеро абрҳои тунук шино мекард» (13, 64).

Сорбон дар **ташхис**офарӣ беҳамтост. Ба василаи қалами ӯ ҳар гуна чизҳои беҳаракату беҷон сурату сифати одамӣ пайдо мекунанд ва ба ҷаҳони одамӣ ворид мегарданд. Дар повести «Санги Сипар» – санги бузурге, ки шоҳиди пайкорҳои ҳамешагии Ҳаким буд, бо чанд нишона тасвир мешавад: «Ҳар пагоҳ, вақте ки офтоб аз қуллаи Бурснова боло мешавад, Санги Сипар ба саломи вай оғӯш мекушояд ва офтоб аз даруни сандуқи синаи ӯ механдад. Ва вақти ғуруби офтоб чашмаи ашк рухсораи санги пояндаро мешӯяд. Гӯё офтоб маҳбуби ӯст, ки аз омаданаш масрур аст ва аз фироқаш гирён. Ба назар мерасад, ки меъморони пурҳавас ва ҳайкалтарошони боҳавсала ин лавҳаро аз кадом набарди таърих ба оғуши кӯҳистон кӯчонидаанд: теғаи паҳлӯи чап монанди гурдофарини болопайкар аст, ки ин тахтасанги азимро ба теғи офтоб ҳамчу сипар медорад. Ва шаххҳои чукка ва теғадор, ки гирду паҳлӯи теғаи азимро иҳота кардаанд, ҳамчун лашкар ба назар мерасанд, ки овул ва овулиёнро посбонӣ мекунанд» (13, 125).

Нависанда дар баъзе ҳолатҳо якчанд санъати бадеиро якҷоя ба кор мебарад. Масалан, дар манзарае, ки Худойқули ҷӯгӣ барои раҳоии қавм аз гуруснагӣ мурдаи аспро аз чанголи сагон берун кашиданӣ мешавад, якбора воситаҳои тасвири бадеии **тамсил, ташхис, муболиға** ва ғайра ба кор рафтаанд (13, 24-25).

Гоҳо нависанда бо ҳамин равиш, яъне истифодаи ду ё аз он зиёда санъати бадеӣ, мисли намунаи зерин, ки дар он ташбеҳу **сифатчинӣ** ба кор рафтаанд, матлаби худро айни муддао бозтоб медиҳад: «Ӯ (Зироат-Қ.Д.) мисли занҳои деҳа аз мардон намегурезад. Коматашро боло карда мегардад. Абрӯвони камонӣ ва чашмони муғулиаш дилкашанд. Ӯ зани қофиябоз ва базлагӯй аст» (13, 126).

Маъмулан ҷӯгиён пеш аз он ки барои касе фолкушоӣ кунанд, пештар камтар пул мегиранд. Баъди анҷоми фол ҳамаи маблағи гапзаноншударо талаб мекунанд. Ин пул сарфолӣ ном дорад. Сорбон бо ёдкарди ин калима аз забони ҷӯгиён санъати **саҷъ**ро ба кор мебарад: «Сарфолӣ–дарди сар холӣ» (14, 33).

Сорбон дар раванди нигориши ҳодисаҳо ва тасвири олами рангини қаҳрамонҳояш яке навъи бисёр ҷолиби санъати **таҷнис –таҷниси ноқис**ро ба кор мебарад. Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ ин санъатро таҷниси мухталиф ё таҷниси муҳарраф низ номидааст (93, 17).

Адабиётшинос Тӯрақул Зеҳнӣ дар хусуси ин санъат гуфтааст: «Таҷниси ноқис он аст, ки дар таркиби овозии калимаҳои ҳамҷинс (ҷиносӣ) ҳамсадоҳо якранг бошанд ҳам, садонокҳо гуногунанд» (46, 130).

Дар ин мисолҳо корбасти санъати мазкур равшан ба мушоҳида мерасад: «Аз *бало*– як газ *боло*» (13, 445), «Навбат, ки ба мо расид, «*бале*»-ро «*бало*» навишт» (14, 130), «Як дастамон ба *касса*и давлат, як дастамон ба *кисса*и халқ» (14, 167).

Ба андешаи мо моҳияти санъати бадеӣ танҳо дар ороиши зоҳирии калом нест, балки он бояд ҷаҳони ботинии инсонҳо ва инқилобу талотумҳои дарунии онҳоро инъикос намояд. Таҳлили поэтикии ин ҷанбаи ҳунарии Сорбон собит менамоянд, ки адиб дар ҷодаи мазкур тавфиқ ёфтааст. Адиб воситаҳои тасвири бадеиро барои баёни мукаммали манзараҳои табиату зиндагӣ, лаҳзаҳои пурмашаққати ранҷи мардуми кӯҳистон дар солҳои ҷангу маҳрумиятҳо, ҳангоми тасвири характери персонажҳо, муносибатҳои неку бади одамон ва рӯнамоии ҷаҳони ботинии онҳо муносибу мувофиқ ба кор бурдааст.

Яке аз хусусиятҳои сабки осори Сорбон дар мақоми махсуси ровӣ ифода меёбад. Дар насри бадеӣ ровӣ ё ноқил ҷойгоҳи хос дорад. Нависандагон тавассути баёни ровӣ гардишҳои ҷолиберо дар мундариҷаи асар ба вуҷуд оварда, арзиши бадеию эстетикии онро афзун мегардонанд. Симои барҷастаи ровӣ ё ноқил дар асар ҳамон вақт зуҳур менамояд, ки агар ӯ ба зикри сарнавишти қаҳрамон, ҳодисаҳои таърихӣ, афсонаҳо

пардозад. Гоҳо ин тимсол дар лаҳзае, ки касе ба касе нома менависад ё дарду ғуссаҳо, орзую ормонҳояшро тавассути монологҳои ботинӣ ифода менамояд, пайдо мешавад.

Аслан дар насри классикии мо, бахусус, дар насри ривоятӣ номи ровӣ зикр мегардад. Адабиётшинос Ю.Салимов илова ба истилоҳи ровӣ нақши муродифи он қиссахону қиссагӯро дар насри ривоятӣ чизи асосӣ шумурда, дар мисоли мундариҷаи романи халқии «Самаки айёр» таъкид кардааст, ки дар оғози асар ё фаслу бобҳои он номи ровӣ, ҷамъкунанда ё мусаннифи асар навишта мешавад (77, 133, 136).

Ин санади муҳими илмӣ маънои онро дорад, ки саропои мундариҷаю сужети насри ривоятӣ ба ровӣ иртибот дорад.

Дар насри муосир бошад, ровӣ ё ноқил аксаран худи нависанда ё персонажи марказӣ ба шумор меравад. Гоҳо садои дарунии нависанда бо овози персонажҳо омехта шуда, мафҳумҳои дуовозию сеовозиро ба вуҷуд меоварад.

Муҳаммадҷон Шакурӣ (дар мисоли осори Ҷалол Икромӣ) гуфтааст: «Муаллиф фосилаи байни худ ва персонажро аз миён мебардорад. Ба дили персонаж роҳ меёбад, онро аз дарун нишон медиҳад. Дар ин сурат сухани нависанда сухани дуовоз аст, ҳам овози худи муаллиф ва ҳам овози персонаж аз он шунида мешавад» (48, 348).

Дар «Санги сипар» Ҳаким тамоми воқеаҳоро ёдовар мешавад, дар «Занги аввал» қариб тамоми сужети асар аз забони Ҳамида нақл мешавад.

Ҳикояи «Хоб» бо услуби хос аз забони ровӣ баён мешавад: «Ман ба хоби заргӯшӣ рафтам. Ҳис мекунам, ки сояи дасте ба болои сарам наздик мешавад, вале кебида пас мегардад» (23, 5).

Ин равиш дар ҳикояи «Нақши рӯи барф» низ ба назар мерасад. Нависанда худ ба сифати ноқил аз воқеаи ғайримуқаррарӣ сухан сар мекунад ва пас аз оғоз образи ноқил, яъне нависанда бо қаҳрамони асосӣ яковоз мешавад.

Ҳикояи «Меҳри фарзанд» низ шомили гуфтори ноқил аст, ки барои модараш аз кӯдакӣ то бузургсолӣ қисса мекунад.

## Фасли дуюм. Ҳунари нависандагии Сорбон дар рамзгароӣ, афсонапардозӣ, қиёфасозӣ, манзаранигорӣ, монологу диалог

Дар адабиётшиносии муосир оид ба устурапардозии шоирону нависандагон муҳаққиқон А.Раҳмонов, М.Хоҷаева, М.Мавлонова ва дигарон асару мақолаҳо таълиф намудаанд. Тадқиқоти академик А.Раҳмонов, ҳамчунон ки аз унвони рисола бармеояд, ба баррасии заминаҳои асотириву маросимии адабиёти нимаи аввали садаи XX бахшида шудааст (63).

М.Хоҷаева зимни пажӯҳиши сабки насри муосир, аз ҷумла услуби эҷодии Сорбон ба майли ин суханвар бар устурапардозӣ ишора менамояд: «Яке аз хусусиятҳои насри Сорбон – таваҷҷӯҳи махсус ба ривоятҳову устураҳо, рамзҳову хобҳост. Ба назари мо, истифодаи ин санъатҳо, аз як тараф, барои пурзӯр кардани ғояи асар ва ҷанбаи бадеии он бошад, аз тарафи дигар, майли нависандаро ба як навъ оҳанги романтикии асроромез намоиш медиҳад. Яку якбора девонаавзо гаштани Сангиной, гоҳу ногоҳ пайдо шудани гурбаи сиёҳ дар болои ғори Амбал, қасосгирии морҳо – аз хусусиятҳои услубии ин қиссаи Сорбон аст» (88, 111-112).

М.Мавлонова бар ин назар аст, ки Сорбон дар канори нависандагони дигар, мисли Ҷумъа Одина, Ӯрун Кӯҳзод ва дигарон баъди солҳои 80-уми асри XX барои такмилу густариши устурапардозӣ саҳмгузорӣ намуд (49, 17). Дар идомаи таҳлилҳои худ суханшиноси ёдшуда аз корбасти асотиру афсона дар якчанд асари Сорбон далел меоварад: «Дар романи «Актёр» (1983)-и Сорбон низ рамзҳо ва унсурҳои асотирӣ дар ифодаи ғояи асар хидмат кардаанд. Адиб андешаву зиндагии инсони санъаткореро муаррифӣ менамояд, ки дар он хулқу атвори гуногуни инсонӣ бозгеӣ мешавад. Дар фаъолияти ҳамарӯзаи Ромиз қувваҳои некиву бадӣ зуҳур менамоянд, ки бозтобандаи худогоҳиву худшиносии қаҳрамон ҳастанд. Дар асарҳои «Санги сипар» ва «Дашти морон»-и адиб низ ҳамин аносири асотирӣ истифода гардидаанд» (49, 18). Ҳамзамон дар рисолаи

адабиётшиноси ёдшуда ба раванди устурапардозии Сорбон дар романи «Достони писари Худо» ишораҳо ба назар мерасанд (49, 24,37).

Аз ин санадҳои илмӣ равшан мешавад, ки яке аз нишонаҳои сабки баёни Сорбон афсонапардозӣ мебошад. Масалан, Сорбон повести «Буд, набуд»-ро бо афсона оғоз менамояд. Вай дар баробари тасвири манзараи деҳаю зодгоҳи худ ба нақли афсонаҳое мепардозад, ки ба ин маҳал иртибот доранд ва зимнан воқеаи ҳуҷуми босмачиёнро баъди гузашти солҳо ба ривояти қадимӣ шабеҳ медиҳад.

Нависанда повести «Сабо»-ро низ аз ёдкарди афсона шурӯъ мекунад. Дар катибаи «Ҷӯгӣ» низ аз ривояти ҳамсари ҷӯгӣ гирифтани подшоҳ ёд мешавад. Ҳаводиси дар «Дашти морон» рухдода воқеияти асарро бо устураву ривоёти хос ба замони нав умумият медиҳанд.

Ҳамин тариқ, афсонапардозӣ як вижагии хоси осори Сорбон, бахусус повестҳои ӯст.Дар асарҳои  Сорбон чанд тарзи корбасти афсонаҳо ба назар мерасанд.

Якум, афсона ба шакли пурра ё таври мухтасар, ки фарогири мазмуни яклухт бошад, оварда мешавад.

Дуюм, ҳолатҳои афсонаомезу ваҳмангез ё ғайриоддӣ дар хатти сужет пайдо шуда, аз зуҳури ҳодисаю руйдоди садамаҳои иҷтимоӣ хабар медиҳанд.

Сорбон ба афсонапардозӣ ҳамон вақте даст мезанад, ки ҳолату ҳодисаи дар асар тасвиршаванда онро тақозо дошта бошад. Масалан, ҳангоми ҷустуҷӯи Шаҳбону Забур ба Чилмазор медарояд ва ба ёдаш ривояти қадимӣ меояд, ки ҳар нафаре ба хоначаи мазор дарояд, қавс мешавад. Нависанда мегӯяд, ки ҳарчанд ин ривоёт ба ёди Забур расиданд, вале разолату ҳарисии ёфтани Шаҳбону ӯро боз ҳам бетоқат месохтанд: «Ӯ ҳаросид ва «бисмиллоҳир раҳмонир раҳим» гуфта калима гардонд. Ва пас гашт. Дар як они воҳид зими сиёҳ задани духтарак ӯро хеле ҳайрон кард. Ӯ боз ба чанори азим нигарист. Ва ин чанор ҳам беқисса набуд. Гӯё андаруни ин чанор париҳо зиндагӣ мекунанд. Ва агар ягон кас зери ин чанор омада

онҳоро чеғ занад, нек бошад, париҳо омада ӯро ҳамроҳ мебаранд ва агар бад бошад, мор шуда фаромада заҳр мезананд» (13, 220).

Ин ҳолатро мо дар лаҳзае, ки Шаҳбону аз нияти тағояш Забур дар хусуси тортуқ кардани вай ба Ҳомид-кӯрбошӣ хабар меёбаду дар зимистони сарду пурбарф аз деҳ мегурезад, мебинем. Шаҳбону аз деҳа гурехта, ба соҳили рӯди Зарафшон мерасад ва дар маҳтобшаб, дар олами барфпӯш дар ойинаи об чашмони зебоеро тасаввур менамояд, ки гӯё ӯро ҷониби худ мекашанд. Сорбон, ба таъбири халқ, гӯё ҳамон васвасаи шайтониеро, ки одамро ба хушкушӣ водор месозад, дар ҳамин чашмакони маҷозӣ ифода менамояд: «Ҳу он ҷо – дар лаби об чашмони зебо метобанд. Онҳо мисли қатраҳои калони симоб равшан ва гирдаанд, ҳатто чашмрабо. Шаҳбону то ин дам чунин чизи зеборо надида буд. Ба ӯ хуш омад ва баъд кадом афсонаи ҷину паридор ба ёдаш зада, ҳаросид»: Наход! Наход, ки онҳо маро ба пеши худ хонанд? Наход, ки ман барои онҳо лозим бошам?»» (13, 236).

Муҳаққиқ В.Оскотский ҳангоми таҳлили осори Сорбон дуруст қайд намуда буд, ки «анъанаи ривоятии (ҳикоятии) миллӣ бой ва инкишофёбанда аст, вале якрангию карахтиро намепарварад ва барои инъикоси ҳар гуна тағйирот ва мазмунҳои нави ҳаёти халқ қодир аст. Маҳз ҳамин хусусияти инкишофёбандагии анъанаҳои ривоятии (ҳикоятии) насри миллӣ, бо воситаҳои тасвири лирикӣ ва монологи ботинии қаҳрамон бой гардидани ин анъанаҳо повести бо камоли истеъдод эҷодшудаи Сорбонро ба қатори яке аз зуҳуроти ҷолиби адабиёти имрӯзаи тоҷик баровардаанд» (128, 124).

Ҳангоми тасвири ҳусни нотакрори яке аз қаҳрамонҳои дуюмдараҷаи повести «Шинели падар» ба моҳияти афсонаҳои ишқӣ ишорат менамояд: «Дурусташ Саврӣ ба ягон кас монанд не, ин хел занакро Ҷовид надидааст, фақат дар афсонаҳо шунидааст... Баҳодурон ва шоҳзодагон барои ин гуна занон сар бохтаанд» (13, 448).

Дар повести «Қумрӣ» низ Мулло Шокир ҳолати аз пайи муҳаббати Садафмоҳ афтодани худро бо равиши афсонаҳо баён месозад: «Гуфтам-ку дар ҷустуҷӯят мӯкиам ғалбер ва асоям сӯзан гашт» (14, 364).

Нависанда бо ёдоварӣ аз сабки нигоришу мотивҳои маъруф дар афсонаҳо симои қаҳрамонони худро ҷолибтар офаридани мешавад: «Мулло Шокир ба хона даромад. Садафмоҳ дар ҳавлии берун лаби ҷӯй нишаст. Чунон ки дар афсонаҳо қисса кунанд; духтарон соатҳои дароз лаби об нишаста рӯю мӯй ба об шуста, орзую ҳаваси худро ба об гӯянд. Ба назар Садафмоҳ чунин рафтор кунад» (14, 370).

Чи хеле ки дар боло ёдовар шудем, аносири асотирӣ, рангомезиҳои хос ба афсонаву ривоятҳои халқӣ дар повести «Дашти морон» равшантар ба назар мерасанд. Хонанда сари қаҳрамонони ғори Амбал, чӣ тавр дар ин ҷо маскун шудани онҳо, дар миёни морон бегазанд ҷой гирифтани Сангиной, пайдо шудани гурба дар ғор, аз паси Зукур дар сармои сахт омадани Ваҳшӣ ва дигар лаҳзаҳои ғайримуқаррарӣ меандешад.

Масалан, дар ҷое мехонем: «Рӯзгори Сангиной афсона шуд: онҳо мор не, парӣ... Сангинойро ҳифз мекунанд, эҳтиёт мекунанд; намегузоранд, ки касе ба вай наздик шавад ва киро ғайрат ҳаст, ки ба ӯ наздик шавад? Гӯё дар он ҷо шаҳмор ҳам буд, сусмор ҳам буд, аждаҳор ҳам буд...боз парӣ, боз дев, боз гул; ҳамаи инҳо дар якҷоягӣ афсона месохтанд» (14, 209).

Ғаддор ё Ваҳшӣ, ки баъди куштани бобо – Абдушукур ва набера – Зукур сокини танҳои ғор шудааст, хобҳои ваҳмангез мебинад. Сорбон хобҳои ӯро афсонаомез тасвир менамояд. Шояд табиист, ки қотил бояд чунин хобҳои даҳшатангезу кобус бубинад.

Ба ин тартиб, Сорбон тавонистааст дар ҳикояву повестҳои худ услуби ривоят кардани ҳодисаҳоро, ки садсолаҳо ба насри қадими хос буд, идома бахшад ва аз забони ноқил мағзу моҳияти андешаю ормонҳои одамон, маънои талотумҳои дарунии онҳо, омаду ноомади кору рӯзгори эшон ва дигар масоили ҳастиро баён созад.

Афсонапардозӣ ва хаёлбофӣ бошад, барои боло рафтани арзиши эстетикии осори нависанда хидмат карда, ҷустуҷӯҳои бадеии ӯро дар тарҳу

сохтмони нав ба ҷилва овардаанд. Лаҳзаҳои хорикулода ва ғайримунтазира дар асарҳо барои осон шудани гардиши хатти сужет, иртиботи воқеаҳо, кушодани характеру тинати қаҳрамонҳо, пайванди сарнавишти наслҳо хидмат кардаанд.

Композитсияи асари бадеӣ дар заминаи унсурҳои сохтории адабӣ пойдор аст. Манзара, қиёфа, ҷузъиёти моддии манзил, муколама, монологи ботинӣ ва ғайра барои пайванди афкори бадеии нависанда ва ғанои эстетикии асар хидмат менамоянд.

Сорбон дорои маҳорати баланди манзаранигорӣ ва чеҳраофарӣ мебошад. Манзараҳои офаридаи ӯ на танҳо табиату муҳит, балки лаҳзаҳои гуногуни ҳаётро низ ифода менамоянд. Тафсилоти ҳолату лаҳзаҳо дар осори Сорбон ба таври гуногун сурат гирифтааст. Ҳарчанд манзара як қисми хурд  ва аз воқеаҳои тасвиршавандаи асар ҷудо зоҳир гардад ҳам, вале Сорбон бо камоли устодӣ онро ба тақдиру рӯҳияи қаҳрамонон алоқаманд месозад.

Нависанда гоҳо дар заминаи манзараҳои гуногуни ҳаётӣ саъй менамояд, ки хатти сужетро тағйир диҳад, ҳодисаҳоро ба ҳам пайвандад ва ё бархурди минбаъдаи персонажҳоро нишон диҳад. Дар ин маврид тасвир нисбатан тӯл мекашад. Масалан, дар ин манзара зебоиҳои баҳор аз забони персонажи марказии повести «Занги аввал» Ҳамида нақл мешавад: «Баҳор омад. Бӯи дашт меомад: бӯи хок, бӯи сабзаву дарахтон, бӯи дубаргаи пахта, бӯи наҳрҳо - ҳамаро дар якҷоягӣ бӯи дашт мегуфтанд. Ин баҳори аввалин буд, ки аз бӯи баҳори шаҳр фарқ дошт. Ин бӯй касро ба дуродур, ба даштҳои васеъ, ки доманаш зери уфуқ мемонд, сайр мекунонд. Дашт сабз, ҷо-ҷо боғҳо, хонаҳои похсагӣ мемуданд. Гову гӯсолаҳо ва аспҳо мехкарда буданд. Осмонаш мисли дашт бепоён ва софу ситоразор. Ситораҳо ҷарақ ҷарақ мекунанд. Даст зери сар рӯйболо мехобӣ, аз паси пардаи кабуд ситорае ба назар менамояду гум мешавад. Нафаси дароз мекашӣ, сари дилат медамад, чӣ лаҳзаи ширин. Аз куҷо як қатра борон ба рӯй мерасад, кас даҳон мекушояд, ки боз як қатра афтад. Лекин дигар намеояд» (13, 44).

Нигоранда дар баробари он ки эҳсосоти духтаронаро бо нозукӣ дар ин порча тасвир кардааст, боз саъй кардааст, ки дар мисоли фарқи шаҳру дашт рӯҳияи қаҳрамонро ба сужет пайванд диҳад.

Сорбон ба тасвири манзараҳо мароқи зиёд надорад, вале дар офаридани ин унсури асар каломаш пуробуранг аст. Ин матлабро тасвири манзара аз ҳикояи «Шабкӯр» собит месозад: «Баъд гӯё ки бо зарби суми асп деҳаро бедор мекарда бошад, бо кӯчаи калон гузашта, ба дашт фуромад. Офтоб аз байни пойҳои асп гузашта ва гӯё сояи онро бардошта дуртар бурд. Сояи асп дар пояи гандум, дар хӯша ва вотҳо мешикаст. Офтоб таноби сояи аспро кашида ба зери пойи он овард. Нафаси серуни саҳариро нури офтоб пешандоз карда аз дарё гузаронд ва Худо донад, ки кучо бурд. Аввалин зиллаи камтоқат фарёд зад, баъд зиллаҳо баҳсобаҳс «зу-зу» гуфтан гирифтанд» (23, 77).

Гоҳо нависанда манзарaро ба тaври мухтасар рӯйи коғаз меорад: «Ман ба сабзаҳои баҳор, ки дар санглох рӯида буданд, чашм давондам. Аз он тарафи трактор бӯи сабзаву шукуфаҳо меояд, аз зери по бӯи хок» (13, 50).

Ба назари муҳаққиқи рус Г.Л. Абрамович манзара ҳамчун воситаи тасвир барои тавзеҳи афкори эҷодию бадеии нависанда кӯмак менамояд. Ҳамчунин манзара бо лаҳзаҳои ҷудогона, зуҳуроту падидаҳо, одамон ва маҷмӯан кулли аносири хоси осори бадеӣ муносибат пайдо мекунад (101, 131, 132).

Ҳамин равиш дар асарҳои Сорбон баръало ба назар мерасад. Адиб дар зимни истифодаи ҳар як унсури композитсионӣ кӯшиш менамояд, ки аз пайомаде ё ҳодисае хабар диҳад: «Гулҳои қоқу рехта, ба ҷои он пуфакҳо пайдо шуда буданд, ки бари домони касе расад, сабук-сабук парвоз карда, пасту баланд рӯ-рӯи замин мегаштанд. Фақат баччаҳои беғам, ки ақлашон ба азою мотам намерасид, онҳоро дунбол мегирифтанд; мекандандy аз даст пуф карда, аз паяшон тохта, боз ба каф овардaнӣ мешуданд. Вале калонсолон ба мотам нишаста буданд. Аз ҳама сахттар дар хонаи Мир азо доштанд» (13, 279).

Ба қаҳрамони асари худ чеҳраву симо ва характери мувофиқ ато кардан маҳорати баландро тақозо менамояд. Бахусус, санъати чеҳраофаринӣ ё қиёфасозӣ дар асари бадеӣ кори басо душвор буда, ба ҷаҳонбиниву ақида, мактаби эҷодӣ, сабку услуб ва мазмуну мавзӯи баррасишвандаи нависанда иртиботи мустаҳкам дорад. Қиёфаи қаҳрамон, бахусус персонажи асосӣ бояд ифодагари ғояву мавзӯи асосии асар бошад. Нависанда тавассути қиёфа ё чеҳраи қаҳрамон на фақат сифатҳову нишонаҳои зоҳирии ӯ, балки вижагиҳои ботинӣ, тинату ақида, мақсаду мароми вайро низ ифода карда тавонад. Ҳамзамон баробар бо тасвири сурати персонаж зимнан пайванди ӯро бо воқеа, ҷомеа, ҷузъиёти хислати одамони дигар маънидод намояд.

Сорбон барои офаридани симои қаҳрамон аз мавқеи хаёл, афсона, манзара, ҷузъиёти характер, маҳаллу манзили зист, авзои иҷтимоӣ ва дигар омилҳо нодиракорона истифода менамояд. Мисол, дар порчаи зерин аз повести «Шинели падар» мебинем, ки нависанда қиёфаи ҷавонмарди бемори аз ҷанг баргаштаро чӣ хел тасвир менамояд: «Таомули тоҷикон, ки ягон хеши роҳдурашон ояд, пайкро муждагонӣ диҳанд. Махсусан солҳои ҷанг, ки падар, бародар ва фарзандонашон ба ҷанг рафта бошанд, аз рӯи буда ва ҳиммат ягон чиз ҷудо карда мемонданд. Ҳатто муждахоҳ хабари омадани ҷанговаронро дар шаҳр шунавад, то деҳа асп монда меомад. Ҷовид ҳам савори аз санглох ба деҳа рост шударо дида, каланд аз сари китф ба замин гузошт ва нигарони даррасидани савор шуд. Ӯ ҷавонписари паҳлавонҷусса на, балки коркӯфтаи химча тобад. Дар бар шинели аскарӣ дорад, ки риштаҳои нӯги остини дарозаш шилшила шудаанд. Шинел васеъ ва китфҳояш аз китфи ӯ кашол. Тахтапушташро шохчаҳои хорчаю шибоғ кандаанд. Суда ва ришта-ришта гаштааст. Домони онро ним метр ба дарун гардонда дӯхтаанд. Ҷавонписар андаруни он хӯса тобад, вале ҳар дам китф бардошта худро баркамол нишон диҳад. Телпакаш аз они аскарҳо: калон, гӯшҳояшро пахш кардааст, қариб ки чашмонашро ҳам пӯшад. «Беҳуда савор башитоб наояд» аз дил гузаронд ӯ ва андаке хам шуда телпак ба

думи каланди такя карда истодааш расонд, ки каме аз пешонӣ пушт рафт» (13, 389).

Симои духтари ошиқе, ки бо нозуку карашма шабона бо модари худ нишаста, аз ҳусни ҷавонии худ меболад ва гоҳо аз дилдодагияш шармсор мешавад, дар ҳикояи «Хокистари ишқ» назаррас офарида шудааст: «– Нею имшаб корам бисёр… – Рост ба чашмони каме фурӯрафта, ба ожангҳои гирди он, ба мӯйҳои сафеди модар, ки тамоми ҳусну малоҳат, назокату латофати худро ба андоми духтар кӯчонда буд, нигарист. Дилаш таҳ зад, тафсида буд, гунаҳкорона ва узрталаб нигоҳ кард ва аз ҷабинаш як қатра арақи сард шорида фаромад» (23, 12).

Нависанда чеҳраҳои қаҳрамонҳои худро воқеӣ меофарад. Шояд сифатҳову аломатҳои иловагиро ба сурати онҳо бастан ҳақиқати бадеиро коҳиш диҳад ё монеи якнавохтии роҳи ҳаракати қаҳрамони марказӣ, инкишофи воқеа ва тақдири ӯ гардад. Дар порчаи зерин ноқили повести «Занги аввал» чеҳраи як қаҳрамони лаҳзавиро хело воқеӣ баён месозад: «Ба ман ҷавони шонздаҳсолаеро шогирд монданд. Хароб буд. Мӯи сараш расида ба гардану пешониаш фаромада буд. Чашмонаш шиша барин тоза ва ба рӯяш пашмаки шафтолу барин мӯй дамида буд» (13, 52-53).

Дар адабиёти бадеӣ унсурҳои композитсионӣ барои пайвастани риштаҳои воқеаҳо ва таҳаввули сужети асар хидмат менамоянд. Сорбон низ ҳангоми тасвири қиёфаи қаҳрамонон кӯшиш менамояд, ки зоҳири онҳоро ба масъалаҳои меҳварии тасвиршаванда пайванд диҳад. Масалан, як баёни кӯтоҳ баробар бо симо аз олами ботинии қаҳрамонон дарак медиҳад: «Рафоат зани резапайкари сафедрӯ ва аз чашмонаш оташ мебороад, вале Адолат ҷавонзани гаронҷусса, парзадарӯ, фурӯтан ва дар қаъри чашмонаш як асрор ҳаст, ки дарёфтанаш амри муҳол» (13, 177).

Ҳамчунон ки дар фаслҳои гузашта таъкид кардем, Сорбон ба рамзпардозӣ рағбат дорад. Ҳамин сифат дар санъати манзараофарӣ, чеҳранигорӣ, гуфтору муколамаи персонажҳои ӯ равшан эҳсос мешавад.

М.Хоҷаева бо назардошти ҳамин амр ҷанбаи сохтории поэтикаи насри Сорбонро чунин тавзеҳ медиҳад: «Муносибати нависанда ба воқеаву

ҳодисоти тасвиршаванда бештар дар сухани ровӣ, дар монологу диалог ва полилогҳои байни персонажҳо, дар тасвири манзараҳову чеҳраҳову хислатҳо, дар рамзҳову самбулҳо ифода меёбад» (88, 111). Матлаби мазкурро ин намуна аз повести «Буд, набуд» ба таври мушаххас тасдиқ менамояд: «Мир ба асп савор шуда табассум кард ва аспашро тозиёна зад. Агар кас бадиққат нигоҳ кунад, ӯ ба аспаш як навъ монандие дошт: кашидашикам, фарохсина буд ва дар ӯ як чолокие мушоҳида мешуд» (13, 224).

Сорбон тавассути тасвири қиёфа муносибати хонандаро ба ҷараёни ҳодисаҳо басо огоҳонаву ҳунармандона тағйир медиҳад, завқи эстетикии ӯро бармеангезад ва асарро шавқангез мегардонад. Аз ҷумла, дар порчаи зерин нахуст кас хаёл мекунад, ки духтари тағояш дар сандуқ пинҳонкарда ҳанӯз ҳам зебост, вале азбаски мавзӯи повест хушунати сахти хонаводагӣ, истисмору заҷри бепоёни тағо нисбати ҷиян, ҳирси молу ҷоҳ, пастии шаъну шараф, коҳиши ахлоқи иҷтимоӣ, ҳукмравоии тарсу ҳароми бепоён аст, нависанда зебоию латофати қаҳрамонро дигаргуна нишон медиҳад: «Шаҳбону баромад. Чун шоҳдухтар ва париҳои афсонавӣ аз сандуқ зебо, пурнур ва чашмрабою ақлбар на, балки дар партави хираи чароғи сиёҳ қутканда, лоғару бемадор намуд. Базӯр нафас мегирифт» (13, 234).

Ба назари мо, муҳимтарин вижагии санъати чеҳраофаринии Сорбон дар он зоҳир мегардад, ки ӯ ҳамеша мавқеи авсофу атвори қаҳрамонро бо замони судури воқеа мувофиқу муносиб ба кор мебарад. Ҳамеша нишонаҳои сифатии қаҳрамонҳо мувофиқ ба синну сол, ҷинс, касб, майлу хоҳиш, рағбат, мақоми иҷтимоӣ, характер ва дигар омилҳо офарида мешаванд: «Абрӯвони усмакашида, зулфони сиёҳи каҷ ба рӯи сафед он қадар мувофиқ афтода буд, ки ки гӯё табиат махсус фикру андешаи зиёд накарда онро офарида бошад (Садафмоҳ). Куртааш низ сафеди тоза ва парпаргиребон буд ва хафабанди нуқрагини овезаҳояш аз тангаи Николаӣ дар қатори бахияи сиёҳриштаи гиребон ӯро шоҳзан нишон диҳанд, фақат тоҷ намерасид» (14, 362).

Баъди чунин тасвирпардозиҳо маълум мегардад, ки соҳиби ин ҳусни расо харидорони зиёде дошт ва Мулло Шокири маъруф – қаҳрамони повести «Қумрӣ» низ аз пайи «сайди ин мурғи зебо» афтода буд.

Дар осори Сорбон аносири дигари устухонбандии асари бадеӣ, мисли интерер, диалог, монолог, одату анъанаҳои муҳити тасвиршаванда ба таври фаровон ба чашм мерасанд. Мо дар хусуси тарзу вижагиҳои корбурди монологи ботинӣ, маросимҳою таомули хос ба фарҳанги омма изҳори назар намудем. Аён гардид, ки дар асарҳои Сорбон оид ба оҳангарӣ, чархгарӣ, корҳои вобаста ба осиёбу ҷувозкашӣ, сайду шикор, тарзҳои хуби хирманкӯбӣ, бозиҳои қадимии маъруф дар кӯҳистон, чун бодбаракбозӣ, гӯштингирӣ, бузкашӣ ва дигар аносири фарҳанги иҷтимоию маънавии мардуми тоҷик маълумоти ҷолиб ғунҷоиш ёфтаанд, ки қимати илмию таърихии осори нависандаро баланд мебардоранд. Мо дар ҳикояву повестҳояш нависандаро ҳамчун мусаввири нозукхаёле мебинем, ки тамоми олами ҳастиро ба чашми ибрат менигарад, зебоиву зиштии онро мунъакис менамояд ва дар перояи бадеият пешорӯи хонандаи хеш мегузорад.

# Хулоса

Нависандаи халқии Тоҷикистон Сорбон аз пурмаҳсултарин адибони замони мо буда, баробари нависандагони ҳамнасли худ барои дигаргунии услубиву мавзӯӣ ва ҳунарии насри муосири тоҷик  аз охири солҳои 50-уми асри XX ба баъд нақши бориз дорад. Ӯ дар нависандагӣ сабки хос дошта, дар аксари навъҳои маъмули наср, амсоли ҳикоя, қиссаи хурд, повест ва роман асарҳои ҷолиб офаридааст. Аз назари мавзӯъ, мазмун, мундариҷа, забону тарзи баён, вусъати воқеоти тасвиршаванда ва муҳиммоти куллии поэтикӣ осори Сорбон ифодагари вижагиҳои  фардии ҳунарии  нигоранда буда, бештари суханшиносон аз имтиёзи чашмгири таълифоти бадеии ӯ ёдовар шудаанд.

Маҷмӯан, дар заминаи тадқиқоти анҷомёфта хусусиятҳои жанрию услубии ҳикоя ва повестҳои Сорбонро чунин натиҷагирӣ ва ҷамъбаст кардан мумкин аст:

1. Сорбон аз шумори адибонест, ки дар охири солҳои 50-уми асри XX – замони дигаргуниҳои сифатии адабиёти шӯравӣ ба майдони адабиёт омада, дар канори истиқбол аз навовариҳои мактаби адабии замон, инчунин худ низ барои таҳаввули насри тоҷик кӯшиш намудааст. Ӯ ҳамчун намояндаи ҷараёни адабии давр падидаҳои эҷодию ҳунарии насри бадеиро, ки бо зуҳури насри андеша, насри психологӣ, нерӯмандии ҷанбаи лиризм дар осори мансур, ба масъалаи асосии тасвири бадеӣ табдил ёфтани таҳқиқи бадеии характери қаҳрамон, тадқиқу бозтоби бадеии таърихи халқи тоҷик, ахлоқи иҷтимоии ҳамзамонон, тасвири арзишҳои таърихию иҷтимоӣ ва ҷанбаҳои дигар иртибот дошт, огоҳона пазируфт ва барои такомули он эҳтимом варзид.

2. Мавзӯи ҳикоёт ва сабку забони нигоришоти нахустини адиб мавриди таваҷҷуҳи устодони адабиёт ва мунаққидон қарор гирифта, дар радифи камбудиву норасоиҳо арзиши эстетикии маҳсули ҳунару истеъдоди Сорбон дар ҷаласаҳои Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон баён ва саҳифаҳои матбуот баррасӣ гардиданд. Ҳамчунин суханшиносон зимни

таҳлили авзои куллии насри муосири тоҷик дар рисолаҳои илмӣ ва монографияҳои ба эҷодиёти Сорбон дахл намуда, аз ҷойгоҳи суханварии ӯ изҳори андеша кардаанд.

3. Сорбон яке аз нависандагони пуркори тоҷик буда, муаллифи ҳикояву повест ва роману ёддошт аст. Бо вуҷуди он ки асарҳо аз назари ҳаҷм, тафсилоти воқеаҳо, мавзӯъ, мазмун, мундариҷа, сужет ва композистсия аз ҳам тафовут доранд, вале нависанда ҳамчун адиби соҳибистеъдод тавонистааст, ки миёни таълифоти бадеии худ умумияти қонуниятҳои хоси сабку услуб ва равияи нигорандагии хешро ба вуҷуд оварад. Аз мазмун ва мавзӯъ маълум гардид, ки Сорбон ба эҷоди ҳафт навъи ҳикоя, чун психологӣ, иҷтимоӣ – маишӣ, ахлоқӣ, ишқӣ, тамсилӣ, ёддоштии саршор аз руҷӯъҳои публитсистӣ ва ҳикоёте, ки дар сарҳадди новелла қарор доранд, тавфиқ ёфтааст.

Нависанда зимни повестҳои худ ба ташреҳи бадеии мавзӯю масъалаҳое, ки мардуми тоҷик дар садаи XX, амсоли босмачигарӣ, Ҷанги Бузурги Ватанӣ, ҳаракати оммавии ташкили колхозҳо ва дигар падидаҳои иҷтимоию сиёсӣ, ба он рӯбарӯ омадаанд, машғул шудааст. Тасвири образи комили зани тоҷик, муборизаю муқобилияти ӯ бо зуҳуроти моддию маънавӣ, муносибати мардуми кӯҳистон ба меҳнати дастаҷамъӣ, муаммоҳои ахлоқи иҷтимоӣ, тарғибу тавзеҳи арзишҳо ва муқаддасоти инсонӣ аз мавзӯоти меҳварии повестҳои Сорбон ба шумор меравнад.

4. Дар таҳқиқот ба таври иҷмолӣ ба муҳтавои романҳои адиб ва асари ёддоштии ӯ «Лоиқнома» таваҷҷуҳ гардидааст. Сорбон яке аз шахсиятҳои меҳварии насри муосири тоҷик аст, ки барои пойдорию ташаккули жанри роман дар адабиёти шӯравӣ ва даврони истиқлолият хидмат менамояд. «Лоиқнома» низ танҳо хотироти мунҳасир ба як чеҳраи адабӣ набуда, илова ба бозгӯии дӯстию рафоқати Сорбону Лоиқ, инчунин фарогири гирумонҳои муҳити маънавии солҳои 60-90-уми асри XX маҳсуб меёбад.

5. Ҳикояҳои Сорбон ифодагари сарнавишти қаҳрамонони дорои рӯҳияву мафкураи гуногун буда, дар мағзи онҳо ҳодисаҳои таърихӣ,

гузаштаи наздик, ҳолату кайфияти мардум, анъанаву маросимҳо ва дигар падидаҳо тасвир ёфтаанд. Дар ҳикояҳо ишқу муҳаббат, орзупарварӣ, ба оянда умед бастани одамон, таманнои висоли ҳамдигар кардани дилдодагон, раҳоӣ аз вартаи душвори иҷтимоӣ, тоб овардан ба меҳнати сангини кӯҳистон, садоқату адолат ва дигар масоил бозтоб гардидаанд.

6. Нависанда ҳам дар ҳикояҳо ва ҳам дар повестҳояш ба тақдири персонажҳо назари таҳлилӣ дорад, психологияю фалсафаи ҳоким дар зеҳну хотираи онҳоро дарк менамояд, омодагию тобоварӣ ва муқобилияту пойдории одамонро нисбат ба монеаҳои ҳаёт, низоъю садамаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ахлоқию маънавӣ басо равшан рӯйи коғаз меоварад.

7. Сорбон дар нигориши характери қаҳрамони бадеӣ маҳорату салиқаи хос дорад. Нависанда тинат ва нерӯи ҷисмонию маънавии персонажҳоро асосан дар монологҳои ботинӣ, румузфаҳмию худтаҳлилкунии қаҳрамонон ифода кардааст. Кӯдакону наврасон ва ҷавонони дар осори адиб тасвиршаванда низ вобаста ба замон ва имкониятҳову маҳдудиятҳои он андешаманд, ботаҳаммулу бурдбор, нуктасанҷу фардонигар мебошанд.

8. Рӯҳи замон ва ҳофизаи таърихӣ дар ҳикояҳову повестҳо ба солу моҳи дақиқ ва тақвими муайян пайванд надоранд. Хонанда аз талотумҳои замону макон, бархӯрду мусодимаҳо, гирудорҳои одамон ва мазмуни ҳодисаҳои маълуми аср дармеёбад, ки кай чунин ҳаводис рух дода, ба шуури халқ таъсиргузор будаанд.

Зимнан нависанда бо ёдоварӣ аз қиссаву ҳикоят, зиндагиномаю лаҳзаҳои ибратомӯзи бузургон ҳофизаи таърихиро ворид ба замони нав карда, бо ин роҳ муосиронро ба худшиносию худогоҳӣ ва маърифати зуҳуроти мухталифи иҷтимоӣ ҷалб менамояд.

9. Забони баёни Сорбон хеле шево, пурҷозиба ва рангин аст. Дар ҳикояву повестҳои ӯ зарбулмасалу мақол, таъбиру таркибҳо, ибораҳои рехта, панду андарзҳо ва дигар унсурҳои забонӣ фаровон ба кор рафтаанд. Насри Сорбон махзани вожагони нодир аст, ки, мутаассифона, бо гузашти вақт чанде аз онҳо аз истеъмол мондаанд ва вартаи нестӣ қарор доранд.

Ҳамчунин нависанда воситаҳои тасвирии бадеии зиёдеро барои пуробуранг гардонидани забони асарҳояш ба таври матлубу дилхоҳ ба кор бурдааст. Ташбеҳу тамсил, ташхис, саҷъ, таҷнис, муболиғат, сифатчинӣ ва дигар санъатҳои бадеӣ мӯҷиби фасоҳату балоғати гуфтори суханвар шудаанд.

10. Дар маркази як қисми умдаи ҳикояву повестҳои Сорбон шахсияти муаллиф ҷой гирифта, гӯянда ҳамчун меҳвари асар тамоми ҳодисаҳоро тасвир менамояд. Ҳолат, ашё, васоити тасвир, ҷузъиёти муҳит вобаста ба ҳофизаи фардии муаллиф, хотираву саргузашти худи ӯ интихоб мегарданд. Ноқил худ шоҳиди бевоситаи ҳодисаҳо ва рӯзгори қаҳрамонон буда, ӯ заррабинона тамоми ҷузъиёти замону маконро дар тарозуи бадеият ва ҳунар бармекашад.

11. Сорбон тавассути асарҳояш баён медорад, ки инсон аз рӯи зарурат худ ба афсонаю ривоят ва вақту муҳити устуравӣ рӯй меоварад. Масалан, Сабо дар повести ҳамномаш чун як қаҳрамони афсонавӣ ҳаракату часпу талошҳо бо ҳаёт дорад. Ваҳшию Закур ва Сангиной дар «Дашти морон» дар ҳалқаи афсона мепечанд ва сӯи ваҳшату даҳшат қадам мениҳанд. Ба таъбири дигар, дар баъзе аз осори Сорбон орзую майли инсон ӯро ба устураву афсона пайванд медиҳад. Инчунин лаҳзаҳову саҳнаҳои афсонаомез ҷиҳати санҷишу озмоиши рӯҳияи қаҳрамонҳо ба намоиш меоянд.

12. Дар осори Сорбон руҷуъҳои лирикӣ, манзараву чеҳраи персонажҳо, гуфтугӯҳо, монологҳои ботинӣ барои пайванди воқеаҳо, тазоҳури зиддият, омода сохтани хонанда барои пазироии образи тоза, амалиёт ва хислату характери қаҳрамонон ба кор рафтаанд.

# КИТОБНОМА

## 1.Сарчашмаҳо ба забони тоҷикӣ:


1. Акобиров Ю. Қиссаҳои ҷавонии ман: Повестҳо. (Барои бачаҳои синни миёна ва калони мактабӣ). /Ю.Акобиров. – Душанбе: Адиб, 1988. – 352 с.
2. Акобиров Ҷ. Кӯҳистонӣ. /Ҷ.Акобиров. – Душанбе: Адиб, 1987. – 256 с.
3. Афардӣ, Сайф Раҳимзод. Доғҳои офтоб. Повестҳо. /С.Р.Афардӣ. –Душанбе: 2003. – 296 с.
4. Аюбзод Салим. Сагзистон. Гелос барои каждум. Ду ҳикоя //Садои Шарқ, №1-3, 2003.-С.65-80.
5. Баҳманёр. Дуди ҳасрат. (Маҷмӯаи қисса ва ҳикояҳо). /Баҳманёр. –Душанбе: Адиб, 1993. – 256 с.
6. Кӯҳзод, Ӯрун. Роҳи паси ағба: Повест ва ҳикояҳо. /Ӯ.Кӯҳзод. – Душанбе: Ирфон, 1987. – 384 с.
7. Кӯҳзод. Қатли китобҳо. Достон. //Садои Шарқ, 2000. –№4-6. – С.86-94.
8. Ортиқов Б. Достони Самарқанд: Повест ва ҳикояҳо: (Барои наврасон ва ҷавонон) /Б. Ортиқов. – Душанбе: Адиб, 1991. – 320 с.
9. Самад Абдулҳамид. Талош. /А.Самад. –Душанбе: Адиб, 2002.– 384 с.
10. Сорбон. Гап дар дил: ҳикояҳо. /Сорбон. – Душанбе: Ирфон, 1969. – 139 с.
11. Сорбон. Кабӯтари сафед: Ҳикоя. /Сорбон.– Душанбе: Ирфон, 1981. – 240 с.
12. Сорбон. Мағзреза: дида ва шунида. /Сорбон.– Душанбе: Адиб, 2013. – 352 с.
13. Сорбон. Куллиёт. Ҷилди I. Повест. /Сорбон. – Душанбе: Эҷод, 2009. – 488 с.

14. Сорбон. Куллиёт. Ҷилди II. Повест. /Сорбон. – Душанбе: Эҷод, 2009. – 444 с.

15. Сорбон. Куллиёт. Ҷилди III. Қиссаҳои хурд. /Сорбон. – Душанбе: Эҷод, 2010. – 408 с.

16. Сорбон. Куллиёт. Ҷилди IV. Романи «Актёр». Лоиқнома. /Сорбон. – Душанбе: Эҷод, 2009. – 440 с.

17. Сорбон. Куллиёт. Ҷилди V. Романи Зарафшон. «Ниёз – Кончӣ». Китоби якум. /Сорбон. – Душанбе: Эҷод, 2009. – 288 с.

18. Сорбон. Куллиёт. Ҷилди VI. Роман: Зарафшон. Шарифа. Китоби дуввум. Туғрал. /Сорбон. – Душанбе: Эҷод, 2009. – 432 с.

19. Сорбон. Куллиёт. Ҷилди VII. Романи «Достони писари Худо». /Сорбон. – Душанбе: Эҷод, 2009. – 400 с.

20. /Сорбон. Куллиёт. Ҷилди VIII. Романи «Достони писари Худо». /Сорбон. – Душанбе: Эҷод, 2009. – 400 с.

21. Сорбон. Куллиёт. Ҷилди IX. Романи «Достони писари Худо». /Сорбон.– Душанбе: Эҷод, 2009. – 420 с.

22. Сорбон. Куллиёт. Ҷилди X. Роман. Кадевар, Росу. /Сорбон. – Душанбе: Эҷод, 2009. – 388 с.

23. Сорбон. Куллиёт. Ҷилди X1. Ҳикоя. /Сорбон. – Душанбе: Истеъдод, 2010. – 448 с.

24. Турсун, Саттор. Сукути қуллаҳо: Повест ва ҳикояҳо. / С.Турсун. – Душанбе: Ирфон, 1974. – 208 с.

25. Турсун, Саттор. Барф ҳам мегузарад. / С.Турсун. –Душанбе: Ирфон, 1983.– 366 с.

26. Турсун, Саттор. Дарахти ҳазорсола. /С.Турсун. – Душанбе: Адиб, 1991. – 256 с.

27. Турсун, Саттор. Се рӯзи як баҳор: Роман, ҳикояҳо, қисса барои кино/С.Турсун. – Душанбе: Адиб, 1988. – 464 с.

28. Фирӯз, Баҳром. Ҳақиқати талх. Ҳикояҳо. /Б.Фирӯз.– Душанбе: Ирфон, 1981. –288 с.

29. Фирӯз, Баҳром. Тору пуд: Повест ва ҳикояҳо. /Б.Фирӯз. – Душанбе: Маориф, 1985. – 208 с.

30. Фирӯз, Баҳром. Муаллими сахтгир. Маҷмӯаи ҳикояҳо. /Б.Фирӯз.– Душанбе: Адиб, 2007. – 126 с.

31. Ҷалил, Раҳим Маъвои дил. Китоби 2. /Р.Ҷалил. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 368 с.

32. Шералӣ, Лоиқ. Куллиёт. Иборат аз 2 ҷилд. Ҷилди 1. Ашъор. – Душанбе: Адиб, 2008. - 560 с.

## 2.Сарчашмаҳо ба алифбои форсӣ

**33.** هدایت صادق. سگ ولگرد.چاپ هفتم. تهران. امیر کبیر.1342.–172 ص.

**34.** جلال آل احمد. پنج داستان. تهران. معین، 1384،.96 ص.

## 3.Китобҳои илмӣ ба забони тоҷикӣ

35. Арасту. Андар ҳунари шеъру шоирӣ (поэтика) /Тарҷума ва пешгуфтори Истад Қосимзода. /Арасту. – Душанбе: Деваштич, 2007.– 170 с.

36. Асозода, Худойназар. Адабиёти тоҷик дар садаи XX. Ҷилди 3. /Х.Асозода– Душанбе: Маориф, 1999. – 448 с.

37. Асозода Х. Адабиёти тоҷик дар садаи XX. /Х.Асозода – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2014. – 672 с.

38. Бақозода, Ҷӯра. Ҷустуҷӯҳои эҷодӣ дар насри тоҷик. /Ҷ.Бақозода – Душанбе: Ирфон, 1982. – 144 с.

39. Бақозода, Ҷӯра. Нависанда ва идеали замон. /Ҷ.Бақозода. – Душанбе: Адиб, 1987. – 256 с.

40. Бақозода, Ҷӯра. Абдулҳамиди Самад ва инкишофи ҳикоя. /Ҷ.Бақозода. – Душанбе: Эҷод, 2007. –152 с.

41. Бобоев Ю. Муқаддимаи адабиётшиносӣ. /Ю.Бобоев. – Душанбе: Ирфон, 1974. – 240 с.

42. Бобоев Ю. Назарияи адабиёт. /Ю.Бобоев. – Душанбе: Маориф, 1986. – 320 с.

43. Бобоев Ю. Эстетика ва қадамҳои насру назми тоҷик. /Ю.Бобоев. – Душанбе: Адиб, 1988. – 408 с.

44. Бухорой, Муҳаммадҷони Шакурӣ. Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи бист./М.Ш.Бухорой. –Душанбе: Пайванд, 2006. – 455 с

45. Ғаффоров Р. Нависанда ва замон./ Ғаффоров Р. – Душанбе, Ирфон, 1977. – 208 с.

46. Зеҳнӣ Т. Санъати сухан. /Т.Зеҳнӣ. –Душанбе: Маориф, 1992. – 304 с.

47. Камолиддинов Б. Забон ва услуби Ҳаким Карим. /Б.Камолиддинов. – Душанбе: Ирфон, 1967. –185 с.

48. Қаҳрамони замон ва инкишофи наср: Муҳокимаи асарҳои нависандагони ҷавон: Сорбон «Занги аввал», С. Турсун «Камони Рустам», Ю.Акобиров «Норак»// Садои Шарқ.–1980.–№6.– С.130-146.

49. Мавлонова М. Нақши устура ва раванди устурапардозӣ дар насри муосири тоҷикӣ (охири асри XX - ибтидои асри XXI). - Хуҷанд: Нури маърифат, 2007. - 158 с.

50. Маъсумӣ Н. Забон ва услуби Аҳмади Дониш. /Н.Маъсумӣ. – Душанбе: Дониш, 1976. – 76 с.

51. Мирзозода, Холиқ. Луғати мухтасари истилоҳоти адабиётшиносӣ. /Х.Мирзозода. – Душанбе: Маориф, 1992. – 240 с.

52. Мирзозода Х., Сайфуллоев А., Абдуманнонов А. Таърихи адабиёти советии тоҷик / Иборат аз шаш ҷилд. Ҷилди 1. /Х.Мирзозода, А.Сайфуллоев, А.Абдуманнонов. – Душанбе: Дониш, 1984. – 354с.

53. Мусулмониён, Раҳим. Назарияи адабиёт. Китоби дарсӣ барои солҳои охири факултаҳои филологияи мактабҳои олӣ. /Р.Мусулмониён. – Душанбе: Маориф, 1990. – 336 с.

54. Мусулмонқулов Р. Асрори сухан. /Р.Мусулмонқулов. – Душанбе: Ирфон, 1980. – 150 с.

55. Мусулмонқулов Р. Назарияи ҷинсҳо ва жанрҳои адабӣ. /Р.Мусулмонқулов. –Душанбе: Маориф, 1987. – 88 с.

56. Набиев А. Эҷоди бадеӣ, инсон ва замон. (Маҷмӯаи мақолаҳо). /А.Набиев. – Душанбе: Ирфон, 1983. –144 с.

57. Набиев А. Тасвири олами ботинии инсон нависанда ва замон. /А.Набиев. –Душанбе: Адиб, 1987. – 160 с.

58. Набиев А. Шаклҳои тасвири психологӣ ва фардияти эҷодии нависанда. /Ҷустуҷӯҳои эҷодӣ дар адабиёти ҳозираи тоҷик: Маҷмӯаи мақолаҳо. Қисми 2. Тартибдиҳандагон Н.Файзуллоев ва Ш.Раҳмонов. Муҳаррир М.Шукуров. /А.Набиев. – Душанбе: Дониш, 1988. – 248 с. – С. 169-179.

59. Набиев А. Адабиёт ва нақди адабӣ. Валихоҷаев Б. Рашҳаи қалам. /А.Набиев; Б.Валихоҷаев. – Душанбе: Адиб, 1993. – 304 с.

60. Набавӣ А. Ҷусторҳо ва ибтикорот дар наср (маҷмуаи мақолаҳо). /А.Набавӣ. –Душанбе: Адиб, 2009. – 324 с.

61. Наҷот, Доро. Фарҳанги Доро. /Д.Наҷот. – Душанбе: Пайванд, 2012. – 704 с..

62. Раҷабӣ, Маъруф. Тадқиқи таърих – тадқиқи характер. /М.Раҷабӣ. – Душанбе: Адиб, 1990. – 192 с.

63. Раҳмонов А. Маърифати замон. Маҷмӯаи мақолаҳо. /А.Раҳмонов. – Душанбе: Адиб, 1995. – 112 с.

64. Раҳмонов Ш. Руҷӯи лирикӣ. / Энциклопедияи Советии Тоҷик. Ҷ.6. /Ш.Раҳмонов. – Душанбе: Сарредакцияи Энциклопедияи Советии Тоҷик, 1986. – 640 с.

65. Рауфов Ҳ. С.Айнӣ ва инкишофи лексикаи забони адабии тоҷик. Муҳаррир Раҳим Ҳошим. /Ҳ.Рауфов. –Душанбе: Дониш, 1978. –48 с.

66. Рустамов Ш. Забон ва замон. /Ш.Рустамов. – Душанбе: Ирфон, 1981. – 256 с.

67. Сабзаев С.М. Забон ва услуби шоирони маорифпарвар. /С.М.Сабзаев. –Душанбе: Маориф, 1991. –80 с.

68. Сайфуллоев А. Фурӯғи маънавият. /А.Сайфуллоев. – Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 2003. –616 с.

69. Сайфуллоев А. Уфуқҳои тозаи наср. / А.Сайфуллоев. –Душанбе: Адиб, 2006.–768 с.

70. Сайфуллоев А. Ҷону ҷаҳони наср /А.Сайфуллоев. –Душанбе: Ирфон, 2007. – 542 с.

71. Сайфуллоев А. Уфуқҳои тозаи наср. Нашри дуюм бо таҳрир ва такмил дар се муҷаллад.Ҷилди 1. /А.Сайфуллоев. –Душанбе: Адиб, 2012. – 480 с.

72. Сайфуллоев А. Уфуқҳои тозаи наср. Нашри дуюм бо таҳрир ва такмил дар се муҷаллад.Ҷилди 2. /А.Сайфуллоев. –Душанбе: Адиб, 2012. – 512 с.

73. Сайфуллоев А. Уфуқҳои тозаи наср. Нашри дуюм бо таҳрир ва такмил дар се муҷаллад.Ҷилди 3. /А.Сайфуллоев. –Душанбе: Адиб, 2012. – 448 с.

74. Сайфуллоев А. Ҳаким Карим. /А.Сайфуллоев. –Хуҷанд: Хуросон, 2005. – 300 с.

75. Салимов Н. Маърифати бадеии таърих. /Н.Салимов. –Хуҷанд: 1997.–173 с.

76. Салимов Н. Марҳалаҳои услубӣ ва таҳаввули анвои наср дар адабиёти форсу тоҷик. /Н.Салимов. –Хуҷанд: Нури маърифат, 2002. –400 с.

77. Салимов Ю. Ёдгори умр. –Ҷ.1. /Ю.Салимов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2003. – 564 с.

78. Сатторзода Абдунабӣ. Ровии Амондара / Сорбон. Куллиёт. Ҷилди I. Повест. /А.Сатторзода – Душанбе: Эҷод, 2009. – 488 с. –С.3–17.

79. Солеҳов Ш. Поэтикаи жанри ҳикояи солҳои 70-80 қарни XX. Масъалаи замон ва макони бадеӣ. /Ш.Солеҳов. – Душанбе: Дониш, 2006. – 170 с.

80. Солеҳов Ш. Роман дар адабиёти тоҷикии қарни XX (Масъалаи ташаккули жанр). /Ш.Солеҳов. – Душанбе: Дониш, 332 с.

81. Ӯлмасова Замира. Истиқлол ва инкишофи романи таърихӣ /З.Ӯлмасова. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2011. – 344 с.

82. Фанни шеър. Аристотел, Фороби, Ибни Сино, Ибни Рушд, Насириддини Тӯсӣ. /Аристотел, Фороби, Ибни Сино, Ибни Рушд, Насириддини Тӯсӣ. –Душанбе: Ирфон, 1985. – 189 с.

83. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ: иборат аз 2 ҷилд. Ҷилди 1. А – Н. [Тартибдиҳандагон: С.Назарзода, А.Сангинов, Р.Ҳошим, Ҳ.Рауфзода] –Душанбе: Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, 2008. – 950 с.

84. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ: иборат аз 2 ҷилд. Ҷилди 2. О – Я. [Тартибдиҳандагон: С.Назарзода, А.Сангинов, Р.Ҳошим, Ҳ.Рауфзода] –Душанбе: Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, 2008. – 945 с.

85. Феҳристи мухтасари осори Сорбон. /Фароҳамсозанда ва муаллифи сармақола Дилбар Қаюмова. – Хуҷанд: Меъроҷ, 2015. – 36 с.

86. Хоҷаева М. Дар ҷустуҷӯи ҷони сухан. /М.Хоҷаева. – Хуҷанд: нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 1993. – 80 с.

87. Хоҷаева М. Таҳқиқи услуби осори адабӣ. /М.Хоҷаева. – Хуҷанд: нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 1994. – 229 с.

88. Хоҷаева М. Масъалаҳои сабкшиносӣ. /М.Хоҷаева – Хуҷанд: Омор, 1994. – 224 с.

89. Хоҷаева М. Масъалаҳои сабки фардӣ ва ҷараёнҳои услубии насри муосири тоҷикӣ: рисолаи докторӣ. 10.01.03 /М.Хоҷаева. – Душанбе, 1995. – 361 с.

90. Ҳодизода Р., Шукуров М., Абдуҷабборов Т. Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ / Р.Ҳодизода, М.Шукуров, Т.Абдуҷабборов. – Душанбе: Ирфон, 1966. – 188 с.

91. Шукуров М. Диди эстетикии халқ ва насри реалистӣ. /М.Шукуров.–Душанбе: Ирфон, 1973. – 160 с.

92. Ҳошим, Раҳим. Солҳо дар саҳифаҳо: Мақолаҳо ва ёддоштҳо. /Р.Ҳошим. – Душанбе: Адиб, 1988. – 320 с.

93. Ҳусайнӣ, Атоулло Маҳмуд. Бадоеъ –ус-саноеъ. Бо сарсухан, тавзеҳот ва таҳрири Раҳим Мусулмонқулов /А.М.Ҳусайнӣ. –Душанбе: Ирфон, 1974. – 224 с.

94. Ҳусейнов Х. Забон ва услуби «Одина»-и устод Айнӣ. /Х.Ҳусейнов. – Душанбе: Маориф, 1973. – 256 с.

95. Ҳусейнзода, Ш., Шарифов Х. Мақоми Ибни Сино дар шеъру адаби тоҷик. / Ш.Ҳусейнзода, Х.Шарифов.– Душанбе: Маориф, 1985. –116 с.

96. Шукуров М. Паҳлӯҳои таҳқиқи бадеӣ. Баъзе масъалаҳои адабиёти ҳозираи тоҷик. /М.Шукуров.–Душанбе: Ирфон, 1976. – 273 с.

97. Шукуров М. Таърихи адабиёти советии тоҷик. Инкишофи жанрҳо. Насри солҳои 1945-1974. Иборат аз шаш ҷилд. Ҷ.4. /М.Шукуров. – Душанбе: Дониш, 1980. – 382 с.

98. Шукуров М. Насри реалистӣ ва таҳаввулоти шуури эстетикӣ. /М.Шукуров. – Душанбе: Ирфон, 1987. – 456 с.

99. Шукуров М. Мактаби одамият: Баъзе масъалаҳои адабиёт ва маънавият. /М.Шукуров.– Душанбе: Адиб, 1991. – 272 с.

100. Шукруллоҳӣ, Кароматуллоҳ. Нависандае, ки ба касе монанд нест. /К.Шукруллоҳӣ. – Душанбе: Балоғат, 2016. – 248 с.

## 4.Китобҳои илмӣ ба забони русӣ

101. Абрамович Г.Л. Введение в литературоведение: Учебник для студентов пед.ин-тов. 7-е изд., и доп./Г.Л.Абрамов. – М.: Просвещение, 1979. – 352 с.

102. Бахтин М.М. Эстетика словесного творчества. / М.М.Бахтин. – М.: Искусство, 1979. — 424 с.

103. Бахтин М.М.Собрание сочинение в семи томах. Т.5. Работы 1940-х начала 1960-х годов. /Бахтин М.М. – М.: Русские словари, 1997. –732 с.

104. Блок А. О литературе. /Блок А. –М: Художественная литература. 1989. –479 с.

105. Бехер И.Р. О литературе и исскустве. Изд.2-е. /Сост., переводы и примеч. Е.Кацевой. Вступит. статья Т.Мотилевой. / И.Р.Бехер. – М.: Худож. Лит., 1981. – 527 с.

106. Гинзбург Л.Я. О психологической прозе. Изд. 2 – е. / Гинзбург Л.Я. –Ленинград: Художественная литература, 1976. –448 с.

107. Головенченко Ф.М. Введение в литературоведение. /Головенченко Ф.М. –М.: Высшая школа, 1964. – 318 с.

108. Лихачев Д.С. Земля родная. /Д.С.Лихачев – М.: Просвещение, 1983.–256 с.

109. Лихачев Д.С. Историческая поэтика русской литературы. Смех как мировоззрение и другие работы. / Д.С.Лихачев. – Санкт-Петербург: Алетейя, 1999. – 508+36 с.

110. Поспелов Г.Н. Теория литературы: Учебник для ун-тов. /Поспелов Г.Н. –М.: Высш.школа, 1978. – 351 с.

111. Потебня А.А. Теоретическая поэтика. /А.А. Потебня. –Москва: Высшая школа, 1990. – 344 с.

112. Съезды писателей СССР/Краткая литературная энциклопедия. Т. 7. Украина – Фиалки. Гл.ред. А.А.Сурков. – М.: Советская энциклопедия, 1972. – 1008 с.

113. Тимофеев Л.И. Основы теории литературы. /Тимофеев Л.И.–М.: 1959. – 447 с.

114. Уэллек Р., Уоррен О. Теория литературы. / Р.Уэллек, О.Уоррен. – М.: Прогресс, 1978. – 326 с.

115. Щепилова Л.В. Введение в литературоведение. / Л.В.Щепилова. –М.: Государственное учебно – педагогическое издательство Министерства просвещения РСФСР, 1956. – 320 с.

116. Якименко Л.Г. Герой и новаторство советской литературы. / Л.Г.Якименко –Москва: Худож. лит, 1964. – 320 с.

## 5. Китобҳои илмӣ бо алифбои форсӣ


**117.** کدکنی محمدرضا شفیعی. موسیقی شعر. نشر دوازدهم. تهران. آگاه. . 1391 – 689+42+4 ص .

**118.** سیروس شمیسا. انواع ادبی. تهران. رامین.1373.–344 ص.

**119.** سیروس شمیسا. سبکشناسی نثر. تهران. مترا. 1377.–320 ص.


## 6.Мақолаҳо дар рӯзномаю маҷаллаҳо бо забони тоҷикӣ,русӣ


120. Амонов Р. Масъалаҳои насри муосир./Р.Амонов. //Садои Шарқ. – 1988. – №4. –С. 102-115.

121. Бақозода Ҷ. Назаре ба насри имрӯз //Садои Шарқ.- 1972.-, № 7. - С.105.

122. Бақозода Ҷ. Ҳақиқати зиндагӣ ва вазъи наср. /Ҷ.Бақозода. //Садои Шарқ. 1985. №1. –С. 99-104.

123. Замон ва наср: Мулоҳизаҳои Ф.Муҳаммадиев, М.Шукуров, М.Хоҷаев, Р.Ҳодизода, А.Сайфуллоев, А.Баҳорӣ, Р.Ҳошим, С.Турсун, Р.Ғаффоров, Ӯ.Кӯҳзод, А.Самадов, Ҷ.Бақозода, //Садои Шарқ. №1.1981. – С. 93-127.

124. Икромӣ, Ҷалол. Насри сазовори замон //Садои Шарқ. 1966. – №4. –С.128-131.

125. Икромӣ Ҷалол. Насиҳат ба рафиқи ҷавонам. //Тоҷикистони советӣ. №49 (14827). 27.02.1975. –С.4

126. Истад, Адаш. Масъалаҳои насри муосир./А.Истад. //Садои Шарқ. – 1987. – №7. –С. 109-112.

127. Қаҳрамони замон ва инкишофи наср: Мулоҳизаҳои нависандагону мунаққидони тоҷику рус М.Шукуров, А.М.Боршаговский, Д.М.Молдавский, Н.Н.Кладо, И.В.Денисова, И.С.Брагинский, Д.С.Комиссаров, Н.С.Евдокимов, Ф.Муҳаммадиев, М.Қаноат. //Садои Шарқ. №6. 1980. – С. 130-146.

128. Масъалаҳои насри муосир: Мулоҳизаҳои М.Турсунзода, Я.Бриля, Ҷ.Икромӣ, И.Брагинский, Н.Евдокимов, Р.Ҳодизода, В.Оскотский, А.Сайфуллоев, А.Битов, Ф.Ниёзӣ, М.Муллоҷонов, Ю.Суровтсев, М.Шукуров //Садои Шарқ. №1. 1973. – С. 109-138.

129. Ман зиёӣ нестам. Мусоҳиб Одили Нозир. //Тоҷикистон. №5 (1099).5.02.2015. –С.12-13.

130. Мирзо Абду, Бақозода Ҷӯра. Достони наву ибратомӯзи Искандару Доро.// Адабиёт ва санъат./А.Мирзо, Ҷ.Бақозода –2004. –№22 (1212). –28 май. –С.9.

131. Мирсаидов Б. Андешапарварӣ дар як асари Ҷалол Икромӣ /Посдорони насри муосири тоҷик (Маҷмӯаи мақолаҳо ба ифтихори 100 солагии Нависандагони халқии Тоҷикистон Ҷалол Икромӣ ва Раҳим Ҷалил).-Хуҷанд: Нури маърифат, 2009.-248 с.-С.210-216.

132. Мирзоҷон, Сайфуллоҳ. Таҷассуми таърих. /М.Сайфуллоҳ. //Садои Шарқ. №10.2010.–С. 146-147.

133. Набавӣ А. Марди ҳунар ва ҷомеаи худкома. Накде чанд бар замону зиндагӣ ва кору эҷоди нависандаи пешрави тоҷик Ҷалол Икромӣ /Посдорони насри муосири тоҷик (Маҷмӯаи мақолаҳо ба ифтихори 100 солагии Нависандагони халқии Тоҷикистон Ҷалол Икромӣ ва Раҳим Ҷалил).-Хуҷанд: Нури маърифат, 2009.-248 с. –С.119-141.

134. Набавӣ Абдухолиқ, Солеҳ Шамсиддин. Нависандаи якрӯю воқеъбин. /А.Набавӣ, Ш.Солеҳ //Озодагон. №6 (115).10.02.2010.

135. Нарзиқул М. Диди таърихии романнависони имрӯзи тоҷик /М. Нарзиқул //Садои Шарқ, 2006.–№12.-С.117- 132.

136. Ниёзӣ, Фотеҳ. Масъалаҳои насри муосир./ Ф.Ниёзӣ. //Садои Шарқ. – 1987. – №2. –С. 107-110.

137. Раҷабӣ, Маъруф. Масъалаҳои насри муосир/М.Раҷабӣ. //Садои Шарқ. – 1987. – №2. –С. 110-117.

138. Раҷабов М. Сухани сахт нишони ҳаққоният нест /М.Раҷабов. //Адабиёт ва санъат. №44 (569). 3.11.1988. – С.4.

139. Сайфуллоев А. Ҳаёт ва мавқеи нависанда /А.Сайфуллоев. //Тоҷикистони Советӣ. №154 (13162). 5.07.1969.– С.2-3.

140. Сайфуллоев А.Ҷаҳонбинӣ ва маҳорат: Доир ба эҷодиёти нависанда Сорбон /А.Сайфуллоев // Маориф ва маданият. –1976. –№23 (8794). –21 феврал. –С.3.

141. Салим Маҷид. Асари пурарзиш /М.Салим. //Ҷумҳурият. №8. 18.01.2003.

142. Самадов А. Масъалаҳои насри муосир./А.Самадов. //Садои Шарқ. – 1987. – №3. С. 106-111.

143. Солеҳзода Т. Сорбон. Амондара ва санги сипар: Чанд мушоҳида аз ҷашнвораи адиб Сорбон /Т.Солеҳзода // Зарафшон.–1990.–6 феврал.

144. Сорбон. Ё ҳу, ё манҳул. Масъалаҳои насри муосир /Сорбон. //Садои Шарқ. №7. 1987. – С.99-109.

145. Табаров С. Услуби бадеӣ ва насри муосири тоҷик/ Табаров С. //Садои Шарқ.– 1975, №2 –С. 135-142.

146. Турсунзода, Мирзо. Замон ва нависанда /М.Турсунзода //Шарқи сурх. 1961. №7. – С. 3-33.

147. Ӯлмасова З. «Туғрал» – ҳамчун романи таърихӣ –биографӣ. /З.Ӯлмасова // Ахбори Академияи илмҳои Тоҷикистон. –2009. –№4. –С.

148. Ӯлмасова З.Поэтикаи романи «Достони писари Худо»-и Сорбон /З.Ӯлмасова //Адабиёт ва санъат. –2010. –№3(4). –С.9.

149. Ӯлмасова З. Вижагиҳои корбасти зарбулмасалу мақол ваибораҳои рехта дар романи Сорбон «Достони писари Худо».//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. № 4/6 (97). – С.99-103.

150. Фирӯз, Баҳром. Масъалаҳои насри муосир. /Б.Фирӯз. //Садои Шарқ. – 1988. – №7. –С. 106-107.

151. Хонбулукӣ, Сапеда. Нома аз Эрон /С. Хонбулукӣ // Зиндагӣ. – 2005. –№38. –29 сентябр. –С.8 –9.

152. Хонбулукӣ, Сапеда: Паём ба нависандаи соҳибном Сорбон /С. Хонбулукӣ// Озодагон. –2009. –№51. –24 декабр. –С.11-12.

153. Хонбулукӣ, Сапеда. Таъми талхи фосилаҳо /С. Хонбулукӣ // Озодагон . –2009. –№52. –31 декабр. –С 24.

154. Ходжаева М. Наедине с собой (о романе Сорбона «Актёр») /М.Ходжаева //Дружба народов. №1. 1986. – С. 284-286.

155. Ҳеҷ чиз маро чун кор фароғат намебахшад. Мусоҳибаи Фотеҳи Абдулло бо Сорбон /Ф.Абдулло, Сорбон. //Ҷумҳурият. №53 (21260). 6.05.2007. – С.3.

156. Шарифзода Х. Баррасии як романи Сорбон: Мутолиаи романи «Барзгар»-и Сорбон /Х.Шарифзода //Садои Шарқ. –2015. –№1. –С.126 – 139.

157. Шарифов Х. Ҳолатҳои зиндагӣ ва лаҳзаҳои бадеӣ /Х.Шарифов//Садои Шарқ. №6. 1983. – С.127-131.

158. Шукруллоев К. Масъалаҳои насри муосир/ К.Шукруллоев. //Садои Шарқ. – 1988. – №5. –С. 119-129.

159. Шукруллоҳӣ К. Нависандае, ки ба касе монанд нест /К.Шукруллоҳӣ // Озодагон . –2014. –19 ноябр

160. Шукруллоҳӣ К. Рӯзҳое, ки бо Сорбон гузашт /К.Шукруллоҳӣ // Озодагон. –2014. –№3(2). –22 январ

161. Шукруллоҳӣ, Кароматуллоҳ. Лоиқ ёри гумгаштаи Сорбон /К.Шукруллоҳӣ // Озодагон. –2015. –21 январ

162. Шукруллоҳӣ, Кароматулллоҳ. Лафзу маъниро ба теғ аз якдигар натвон бурид / К.Шукруллоҳӣ // Адабиёт ва санъат. – 2016. – №4 (1819). – С.14.

163. Шукуров М. Як назар ба бурду бохти ҳикоя. //Садои Шарқ. – №2. 1982. – С. 112-121.

164. Эй Сорбон… Мусоҳибаи Ҳокими Азиз бо Сорбон /Ҳ.Азиз, Сорбон //Омӯзгор. 6.02.1990. – С. 9.